Абдураҳмони Ҷомӣ

# ЮСУФ ва ЗУЛАЙХО

АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

# ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО

Душанбе
«Адиб»
2014

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ҷ-84

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

Ҷ-84 **Абдураҳмони Ҷомӣ. Юсуф ва Зулайхо** *(достон)*.
– Душанбе, «Адиб», 2014, 264 саҳ.

Қиссаи пурсӯзу гудоз ва пурнозу ниёзи «Юсуф ва Зулайхо» маснавии панҷуми китоби «Ҳафт авранг»-и Абдураҳмони Ҷомӣ буда, ба тарзу пайравии «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ ва «Хусраву Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ эҷод шудааст. Ин асар ба муносибати 600-солагии шоир ба табъ мерасад.

ISBN 978 99947-2-433-8

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»
238127 Тоҷик,

© Ҷомӣ (ҷилди 4), Нашриёти «Адиб», 1988
© Абдураҳмони Ҷомӣ, 2014.

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»
НУСХАИ ҲАТМӢ

000040735
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

## ДОСТОНИ ҲАСРАТ ВА ВАСЛАТ

Қиссаи пурсӯзу гудоз ва пурнозу ниёзи «Юсуф ва Зулайхо» маснавии панҷуми китоби «Ҳафт авранг»-и Абдураҳмони Ҷомӣ буда, ба тарзу пайравии «Вису Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ ва «Хусраву Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф эҷод шудааст.

Соли таълифи достон, мувофиқи шаҳодати муаллифи он, соли 888 ҳиҷрӣ, 1483 милодӣ ва адади абьёти он 4000 аст:

*Қалам нассоҷии ин ҷинси фохир*
*Расонид охири соле ба охир,*
*Ки бошад баъд аз он соли муҷаддад*
*Нуҳум сол аз нуҳум ишр аз нуҳум сад.*
*Гирифтам байт-байтаиро шумора,*
*Ҳазор омад, валекин чорбора.*

Сабаби ба назми ин достон пардохтани худро Ҷомӣ дар абёти зайл равшан кардааст:

*Куҳан шуд давлати Ширину Хусрав*
*Ба ширинӣ нишонам Хусрави нав.*
*Сар омад давлати Лайлию Маҷнун,*
*Касе дигар саромад созам акнун.*
*Ҷу тӯтӣ табъро созам шакархо*
*Зи ҳусни Юсуфу ишқи Зулайхо.*

Шоир бо ин достон шамъи тоза бар мазори ишқи куҳан афрӯхт, чеҳраи арӯси ишқи куҳнаро ҷавон, аз зевари лутфи табъ аз нав ороиш дод ва дар назарҳо ҷавон, шодоб ва диданию шуниданӣ ба ҷилва овард.

Достони «Юсуф ва Зулайхо» тибқи тақозои анъанаи достонсароии гузашта аз хутба, наъти расул, баёни меъроҷ, баракат ҷустан аз пири тариқати давр Хоҷа Убайдуллоҳи Нақшбанд, мадҳи ҳукмрони замон Султонҳусайн Мирзои

Бойқаро сар шуда, пас аз фасли сабаби назми китоб ҳикояти ширину шӯрангез ва достони пурмоҷарои «Юсуф ва Зулайхо» оғоз мегардад. Маснавӣ бо фаслҳои дар шикоят аз замона, насиҳат ба фарзанд, дар хитобаи нафс, хотимаи китоб, ки бо ёдоварии дӯст ва шогирди Мавлоно Ҷомӣ шоир ва донишманди номӣ Алишер Навоӣ хатм мешавад, поён мепазирад.

Қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» аз ҳикоятҳои қадимиест, ки таърихи хеле тӯлонӣ дошта, қабл аз интишор ва истеҳкоми ислом дар радифи дигар қиссаву достонҳои ошиқона вирди забонҳо будааст. Аммо аз манобеи он даврон ҷизе то имрӯз нарасидааст.

Қадимтарин манобеъе, ки роҷеъ ба он иттилои равшан медиҳад, яке китоби «Таврот» ва дувумин «Қуръон» мебошад. Дар тафсирҳо ҳам ба тағйири бисьёр лаҳзаҳои марбут ба ин достон, аз он зикре гузаштааст.

Дар осори шуаро ва нависандагони форс-тоҷик аз қадим то имрӯз, ҳамчунин дар адабиёт ва эҷодиёти лафзии дигар мардумони Шарқ, Қавқоз, Осиёи Миёна ва баъзе мамолики Ғарб аз ишқи шӯрангези Юсуф ва Зулайхо, лаҳзаҳои гуногуни моҷарои ишқу ошиқии онҳо, зебоии бемисоли Юсуф ва дигар масоили марбут ба ин қисса бисёр ёдвориҳо шуда, як силсила достонҳои манзум ва мансур ба забонҳои гуногуни ҷаҳон эҷод гардидааст[1].

Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам сюжети асосии достонро аз сураи дувоздаҳуми «Қуръон» ва тафсирҳо истифода намудааст. Аммо ба манзури рафъи иштибоҳ бояд хотирнишон сохт, ки сарфи назар аз истифодаи сюжети мухтасар аз китобҳои номбаршуда «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ достоне дар зоти худ мустақил, мукаммал ва зодаи табъу қалами тавонои ӯ мебошад. Ба сифати як достони бадеӣ дар адабиёт шуҳрат ёфтани ин достон қабл аз Ҷомӣ дар эҷодиёти ди-

---

[1] Барои маълумоти бештар дар ин хусус, муроҷиа шавад ба мақолаи доктор Хайёмпур «Юсуфу Зулайхо»,- Нашрияи донишкадаи адабиёти Табрез, шумораи савум, соли сездаҳум, Табрез, 1338 ҳ. С.Амирқулов, Ҷунайдулло Ҳозиқ ва достони ӯ «Юсуф ва Зулайхо», нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1967.

гар шуарои пешин низ дучор меояд. Аммо ба ин мукаммалӣ достони мазбур аввалин аст. Дар шарҳи мавзӯъ, чунон ки шодравон Абдулғанӣ Мирзоев дар асоси маълумоти «Қиссаи Қуръон, баргирифта аз тафсири Абӯбакр Атиқи Нишопурӣ», Теҳрон соли 1347 хотирнишон сохтааст, бо ҳикояти тафсири муаллифи асри V ҳиҷрӣ Атиқи Нишопурӣ машҳур ба Сурободӣ бештар наздик ва ҳамоҳанг мебошад.

Ин маснавӣ аз нуқтаи назари мавзӯъ, шеър, нерӯи азими тафаккур, маҳорати фавқулъода, бузурги воқеанигорӣ, инчунин ба ҳайси зинда, табиӣ ва воқеъбинона тасвир намудани лаҳзаҳои мухталифи муносибати ошиқона, пай бурдан ба умқи олами ниҳонии инсон, шӯру тӯфонҳои баҳри қалби одамӣ, панду мавъиза, ҳикмат ва андарзҳои судманди ҳакимона, рою тадбири мамлакатдорӣ, раиятпарварӣ ва амсоли ин аз дигар маснавиҳои дар ин мавзӯъ навишташуда ва дигар маснавиҳои худи Ҷомӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Ин қисса, ки аз ибтидо чун «Аҳсанулқиссас» шуҳрат ёфт, «дар он зикри пайғамбарон аст ва зикри фариштагон ва париён, оламиён ва чаҳорпоён ва мурғон ва сияри подшоҳон ва одоби бандагон ва аҳволи зиндониён ва фазли олимон ва накси ҷоҳилон ва макру ҳияли занон ва шефтагии ошиқон ва иффати ҷавонмардон ва нолаи меҳнатзадагон ва талаввуни аҳволи дӯстон дар фурқат ва васлат ва иззу зилл ва ғанову фақр, ошиқу машуқ ва ҳуббу буғз ва андӯҳу шодӣ ва туҳмату безорӣ ва амирию асирӣ. Дар ин қисса чиҳил ибрат аст, ки маҷмӯи он дар ҳеҷ қиссае баҷо нест»[1].

Яке аз сабабҳои дигари ба силки назм овардани қиссаи «Юсуф ва Зулайхо», чунон ки худи Ҷомӣ фармудааст, зебоӣ ва дилрабоии бемисоли Юсуф ва Зулайхост. Ҳамин зебоии ҳайратангез, ки аз ҳудуди дидаҳо ва шунидаҳо берун монда, ноқилон, ровиён ва муаллифони достонҳои ҳаммавзӯъ ва манобеи динӣ аввалан аз ҳамин сухан ба забони қалам овардаанд, Ҷомиро ҳам бо ваҷду илҳом, иқрору ихлос сари

---

[1] Иқбол Яғмоӣ. Қиссаи Юсуф. Маҷаллаи «Яғмо», соли сию якум, шумораи шашум, Теҳрон, 1357, саҳ. 347.

зонуи тафаккур нишондааст. Худ дар ин хусус, яъне, зебоии ду қаҳрамонаш гуфтааст:

*Зи маъшуқон чу Юсуф кас набуда,*
*Ҷамолаш аз ҳама хубон фузуда...*
*Набуд аз ошиқон кас чун Зулайхо,*
*Ба ишқ аз ҷумла буд афзун Зулайхо.*

Достони «Юсуф ва Зулайхо» ва бадеътарин рангҳои хаёл ороиш ёфта, завқу эҳсоси хонанда ва шунавандаро ба таҳрик меоварад, ҳисси муҳаббати поку беолоиш, вафодорӣ, садоқатмандӣ, бурдборӣ ва ниҳоят набарду пирӯзӣ парвариш медиҳад, касро ба ҷодаҳои пурфуруду фарози зиндагӣ ба ҷустуҷӯи мурод, шинохти неку бад, дарки сарду гарми зиндагӣ, ранҷҳо ва ганҷҳои дил, қабл аз ҳама расидан ба мақоми волои маънавиёти инсон раҳсипор месозад.

Шоири бузург аз сеҳри қалам ва табъи саршор аз завқу зебопарастӣ боғу баҳори дилкаш, чашмасорони пур аз оби софу зулоли латофат падид оварда, ки бинандаву шунаванда ангушти ҳайрат мегазад. Ҷомӣ бо хушнудӣ изҳор доштааст, ки:

*Баномэзад чу хурам навбаҳорест,*
*К-аз ӯ боғи Ирамро хорзорест.*
*Бувад ҳар достон з-ӯ бӯстоне,*
*Ба ҳар бустон зи гулрӯе нишоне.*
*Ҳазорон тозагул дар вай шукуфта,*
*Дусад наргис ба хоби ноз хуфта.*
*Чаманҳои маъонӣ шох дар шох,*
*Ибороташ навосанҷони густох.*
*Хати мушкини ӯ бар лавҳи кофур*
*Чу дар пои дарахтон сояи нур.*
*Ҳар он ҳарфе, ки дар вай чашмадор аст,*
*Зи маънӣ мавҷзан як чашмасор аст.*
*Зи ҳар сӯ ҷадвали ӯ чашмасоре*
*Пур аз оби латофатҷӯйборе...*

Ҳайати иштироккунандагони достон аз рўи теъдод зиёд аст, аммо асоситарин аз миёнаи онҳо ду нафар шинохта шудааст, ки яке Юсуф ва дигаре Зулайхо мебошад. Фаъолияти падари Юсуф - Яъқуб, бародарони кинатўзи ў, сардори корвон, падари Зулайхо, доя, Азизи Миср, подшоҳи Миср, занони Миср, меъмор ва мусаввир ва амсоли инҳо барои такмили образи ин ду қаҳрамони асосӣ нигаронида шудааст. Вале агар ошкор ва бепарда гўем, қаҳрамони асосии достон ҷаноби ишқ аст- ишқи бузург, тавоно, сўзандаву созанда, гиро ва ҷаззоб, ишқе ки бар остони даргоҳи худ Ҷомиро ба зонуи тафаккур ва саҷдаи эҷод нишонд, ишқе ки дар тору пуди латифи Зулайхо танида, тафовути синну сол, дину мазҳаб , ғуломию хоҷагӣ, шоҳию ва бардагӣ, зиндонию озодро аз миён бардошт ва бо ҳама шукўҳу азамати худ дар кишвари дили Зулайхо ба маснади ҳукумат нишаст, бар ҳама монеаҳову тазодҳо пимрўз омад. Ин қиссаи шўрангез як навъ диалектикаи тараққии ҳайати иштирокчиёни асар ва воқеоту ҳодисоти марбут ба шахсият, фикру андеша, ҷаҳонбинӣ ва ниҳоят эҳсоси ошиқонаи онҳоро дар бар гирифтааст. Зиндагии Юсуф аз даврони кўдакӣ то аҳди баркамолӣ пур аз тазод ва бархурдҳои хашину ва сахт бо муҳити иҷтимоӣ ва сунану анъаноти он мебошад.

Ў аз миёни бародаронаш дар ҳузури падар ва қалби он мақоми азизтар ва арҷмандтаррро ишғол мекард. Ин ҳол дар навбати худ рашку ҳасодати бародаронро торафт бештар барангехт, охир бо мувофиқаи онҳо ба чоҳ афтод, пас ба ҳайси як ғулом аз ҷониби тоҷире харида шуд ва дар Миср ба фурўш расид. Ҳамсари Азизи Миср -Зулайхо ўро бо баҳои гарон харид, моҷароҳои ишқу ошиқии Зулайхо, талаб ва тақозоҳои зоҳиран хориҷ аз меъёри ахлоқӣ ўро ба гирдоби машаққат кашиду зиндонӣ сохт ва амсоли инҳо. Зулайхо, ки дар хоб ошиқи Юсуф шуда буд ва орзуи дидори ўро дар хилвати ҷону дил мепарварид, бо дидани вай зимоми ихтиёрро ба куллӣ аз даст дод, ҳама ҳастии худро дар гарави ишқи Юсуф гузошт. Хоб ба бедорӣ бадал гашта, зиндагии гарқ дар изтироби ў бо ҳузури вуҷуди Юсуф ва қаробати доимии ў ранги дигаре ёфт. Ҷони Зулайхо аз ди-

дори ҷонон комьёб, шаби сиёҳи андӯҳ ва ҳасратнасибиҳояш ба рӯзи сапеди умед табдил гашт, ғаму ранҷи бепоёнаш ба сар омад, аз шодӣ сар ба гардун меафрохт. Ин хуфтаи бистари марг, ки ништаре қотил дар раги ҷон дошт, акнун ба зиндагӣ бештар умедвор омад, замона зоҳиран тарки ҷонозорияш кард. Аммо бо ин ҳама қонеъ нагашт, гӯё ҳудуде дар марзи хоҳишҳо ва меъёре дар андозаи мутолиботи ошиқонаи хеш ёфта ва шинохта натавонист.

Ишқу ҳавас торафт дар қалби ӯ ғолиб омад. Ӯ шабеҳи ташнаи дар канори чашмаи зулол нишаста буд, ки аз он об қатрае насибаш намегашт, рӯ ба рӯи Юсуф чун шамъ месӯхт ва лаҳза ба лаҳза нафасҳои яъсу навмедӣ мешумурд, ҳатто боварaш меомад, ки:

*Умеди комронӣ нест дар ишқ,*
*Садои зиндагонӣ нест дар ишқ.*
*Бувад оғози он хун хӯрдану бас,*
*Бувад анҷомаш аз худ мурдану бас.*

Юсуф, чунон ки поёнтар хоҳем гуфт, бар хилофи хоҳишҳои Зулайхо ба ҳар василаву чора аз ӯ канора мегирифт.

*Зулайхо васлро меҷуст чора,*
*Вале мекард аз он Юсуф канора.*
*Зулайхо буд хун аз дида резон,*
*Вале мебуд аз ӯ Юсуф гурезон.*

Зулайхо аз ин рафтори Юсуф ранҷ мекашид, гоҳе аз худ гила мекард ва худро маломат мекард, ки чаро маликае бандаи бандаи зархариди хеш шавад. Вале бо ин дили ӯ фирефта намешуд:

*Чӣ хуш гуфт он ба доғи ишқ ранҷур ,*
*Ки буд аз мушку ранг аз гул шавад дур,*
*Вале берун бувад з-имкони ошиқ,*
*Ки гӯяд тарки ҷонон ҷони ошиқ.*

Зулайхо ташнаи висол, шабонрӯзӣ пӯё ва ҷӯёи он чашмаи зулол буд. Ӯ дар фазои лоинтиҳои таманнои висол болу пар мезад ва ба манзури коми дил ҳосил намудан аз дилдодаи хеш саъю талош меварзид, чораву тадбир меҷуст, дар роҳи амалӣ гардонидани ин орзу домҳо метанид. Яке аз он тадобир иморат кардани кохе буд, ки дар он тасвири Юсуф ва Зулайхо ҳама ҷо ҷилва мекард.

Чигунагии ин қасрро Ҷомӣ чунин маълум месозад:

*Сафои суффаҳояш субҳи иқбол,*
*Фазои хонаҳояш ганҷи омол.*
*Мумаҳҳад фарши мармар дар мармарҳош*
*Мувассал з-обнусу оҷ дарҳош.*
*Дар андар ҳам дар он ҷо ҳафт хона,*
*Чу ҳафт авранг бемисли замона.*
*Мураттаб ҳар як аз лавни дигар санг*
*Си қолатдидаву софивю хушранг.*
*Ба ҳафтум хона ҳамчун чархи ҳафтум,*
*Ки ҳар нақшеию ранге буд аз ӯ гумм,*
*Мурассаъ чил сутун аз зар барафрохт,*
*Зи ваҳшу тайр зебо шаклҳо сохт.*
*Ба пои ҳар сутуне соз аз зар*
*Ғизолие, нофи ӯ пурмушки азфар.*
*Зи товусони заррин саҳни ӯ пур,*
*Ба думҳои мурассаъ дар табахтур.*
*Миёни он дарахте сар кашида,*
*Ки мислаш чашми нодирбин надида.*
*Зи сими хом будаш нозанин соқ,*
*Зи сар аъзош, аз фирӯза авроқ.*
*Ба ҳар шохаш зи санъат буд тайёр*
*Зумуррадбол мурге лаълминқор...*
*Ҳама мурғони ӯ бо мардумон ром,*
*Ба як ҷо карда субҳу шом ором.*

Тасвири ин дуро дар он хона тибқи фармудаи Зулайхо устод чунин моҳирона сохт, ки муносибатҳои ошиқона ба

тарзи воқеӣ, ҷаззоб, таъсирбахш ва ниҳоят сабрсӯз дар дида ҷилвагар мешуд. Ҳадаф аз ин тасвир он буд, ки дар ҷараёни тамошои ин саҳнаҳо ҳисси шаҳвати Юсуф ҳар чӣ бештар барангехта шавад ва фосилаи мавҷудаи байни ин ду тан аз миён рафъ гардад.

*Дар он хона мусаввар сох ҳар ҷо*
*Мисоли Юсуфу нақши Зулайхо.*
*Ба ҳам биншаста чун маъшуқу ошиқ,*
*Зи меҳри ҷону дил бо ҳам мувофиқ.*
*Ба як ҷо ин лаби он бӯса дода,*
*Ба як ҷо ин миёни он кушода...*
*Аҷаб моҳею меҳре чун ду пайкар*
*Зи чоки як гиребон барзада сар...*
*Дар он хона набуд, алқисса, як ҷой*
*Тиҳӣ з-он ду диломому дилорой.*

Зулайхо Юсуфро бо макру ҳиял ба ин хонаи ҳафтум овард ва дар ин хона, ки охирин хатти сарҳади накшаи комёбӣ ва комҷӯии Зулайхо аз висоли Юсуф буд, бояд аз самари нахли таманнои дерина ширинком мегашт. Ва дар ҳамин ҷо буд, ки ишқи ҳавасолуд ӯро ба хоки хорӣ кашид ва аз арши иззат ба фарши мазаллат афканд. Чораҳо, макру найранге, ки аз сӯзи дарди шавқи висол андешида буд, баръакси хоҳиш ва чашмдошт анҷом гирифт. Юсуф ба нисбати покии ниҳод, посихотирдории сарвари валинеъмати худ - Азиз, ки ӯро ба фарзандӣ пазируфта буд ва қабл аз ҳама бо ахлоқи волои худ хоҳиши Зулайхоро рад кард ва аз ҷурми олудагии домани иззату шарофат канора ҷуст. Оташи иштиёқи висоли Юсуф дар чунин хилватсарое, ки ба қавли шоир бо занҷири заррин ва қуфли оҳанин аз дарун баста ва аз чашми ҳосидон ва омадшуди бегонагон эмин буд ва ҷуз ошиқу маъшуқ ҳеҷ касе он ҷо ҳузур надошт, боз бештар шуъла кашид ва сабру тоқати Зулайхоро дар оғӯши ин шуълаҳои оташ мепечид. Зулайхо чун илтиҷову зорӣ ва аз дида хунборӣ ва савганд додани Юсуф даромад:

*Ки эй худком, коми ман раво кун,*
*Ба васли хеш дардамро даво кун.*
*Манам ташна, ту оби зиндагонӣ,*
*Манам кушта, ту ҷони ҷовидонӣ.*
*Чунонам аз ту дур, эй ганҷи ноёб,*
*Ки бошад кушта бе ҷон, ташна бе об.*
*Зи доғат солҳо дар тоб будам,*
*Зи шавқат бехуду бехоб будам.*
*Маро з-ин бештар бетоб магзор,*
*Зи шавқат бехуру бехоб магзор...*
*Зи қаҳти ҳаҷри ту бас нотавонам,*
*Бибахш аз хони васлат қути ҷонам...*

Юсуф ба ҳар василае хоҳиши Зулайхоро рад мекард, баҳонаҳо ва узрҳои маъқул пеш меовард, ва дар ҳифзи маъсумияти хеш талош меварзид. Охир чораи аз доми маъсият берун шудан ҷуста, ба Зулайхо хоҳишмандона посух дод.

*Ҷавобаш дод Юсуф, к-эй паризод,*
*Наёяд бо ту касро аз парӣ ёд.*
*Магир имрӯз бар ман корро танг,*
*Мазан бар шишаи маъсумиям санг.*
*Макун тар з-оби исён доманамро,*
*Масӯз аз оташи шаҳват танамро.*

Ҳатто савганд ёд кард, ки агар ин бор аз ӯ дастбардор шавад ва аз он тангно берун гузорад, дар муддати кӯтоҳе аз ӯ комгорӣ ва ҳақгузорӣ хоҳад дид. Юсуф лоилоҷ дар ҷавоби тақозои Зулайхо иқрор дошт, ки ду чиз монеи иҷрои ин амр аст: яке кайфари эзадӣ ва дуюм қаҳри Азиз. Зулайхо ба Юсуф рӯ оварда гуфт: Азизро бо ҷоме ба хоби қиёмат хоҳам кашид ва дар ивази ин гуноҳе, ки аз ту содир мешавад, чандон гавҳару зар бахшам, ки Худованд аз гуноҳат хоҳад гузашт. Ин чора ҳам коргар наафтод ва ин тир ҳам бар ҳадаф нарасид. Зулайхо ҳамчунон пофишорона, бесаброна ва қотеона талаби висол мекард:

*Аҷаб бетоқатам, ороми ман деҳ,*
*Агар хоҳӣ в-агар не, коми ман деҳ.*
*Забон дарбанд дигар з-ин хурофот,*
*Биҷунб аз ҷо, ки фӣ таъхир офот.*
*Маро дар хушкнай оташ фитодаст,*
*Туро бо оташи ман х(в)аш фитодаст...*
*Аз ин оташ чу дудам ҳаст тобе*
*Биё, бар оташам зан як дам обе.*

Зулайхо дар роҳи амалӣ гардидани орзуи худ торафт фаъолтар мешуд. Дар ҳоле, ки Юсуф аз ӯ фирор мекард, бо тамоми шиддат ва нерӯи ошиқонаи хеш даст андохта, пераҳани ӯро аз пас чок зад ва чун дид, чораи дигаре дар бечорагии ӯ пайдо нест, ба балои тухмати ногаҳонӣ, тухмати куфрони неъмат ва ҳамбозию комҷӯӣ бо валинеъмати худ мубталояш сохт.

Пас аз ба зиндон фиристодани Юсуф, Зулайхо қасру сарои хешро аз вуҷуди ӯ холӣ ва дидагонро бо фурӯғи рӯи ӯ бенуру сафо дид. Дилаш аз қафаси сина ба бому дари зиндон бол кушода, дар ҳавои иштиёқи парвоз ба ҷониби дӯст пар мезад. Зулайхо аз карда пушаймон гашт, доғи фироқ ҷону дили ӯро беамон месӯхт, дар оташи ғам ҷон мегудохт ва бар гардани умеду орзу мухраҳои тадбиру чора месохт.

Вай дар сари ҳар мавҷи дарёи сиришк ва ҳалқаҳои дуди оҳ хешро ба тозиёнаи маломат мезад, накӯҳиш мекард ва дар ҳоли надомат мегуфт:

*Дар ин меҳнатсаро як ишқпеша*
*Назад чун ман ба пои хеш теша.*
*Ба дасти хеш чашми хеш кандам,*
*Зи кӯрӣ хешро дар чаҳ фикандам.*
*Зи ғам кӯҳе ба пушти хеш бастам,*
*Ба зери кӯҳ пушти худ шикастам.*

Зулайхо аз шиддати сӯзи фироқ ва дарди иштиёқ сар бар девор мезад, ороми қарор бо ӯ видоъ карда буд. Шабҳо бо

доя ба дари зиндон мерафт ва ҷамоли Юсуфро тамошо мекард, рӯзҳо ба боми қасри хеш баромада, аз он ҷо боми зиндони Юсуфро назора менамуд ва нолаҳо бармедошт. Ҳамин тариқ сӯхту сохт. Охир аз ғам пиру нобино шуд.

Юсуф дар зиндон беморони маҳбусро парасторӣ мекард, хобҳои эшонро таъбир менамуд, аз озодию шодии фардо башорат медод. Хоби подшоҳи Мисрро ҳам таъбир кард ва шоҳ аз зиндон раҳояш сохта, мақоми азизии Мисрро ба ӯ супурд. Азизи Миср – шавҳари Зулайхо вафот кард. Зулайхо танҳо монд. Дар ҳамон ҳол ҳам дар гузаргоҳи Юсуф аз най хонае сохт ва дар он тарҳи иқомат афканд, то шояд садое ё нишонае аз гумкардааш ба ӯ расад. Рӯзе аз бути худ илтиҷо кард, ки ба ӯ биноӣ ва дидори Юсуфро бахшад. Аммо аз бут ёрие надид, ниҳоят ба шӯр омада бутро шикаст. Пас ба дини мусулмонӣ гаравид ва ба Худо имон оварда, дидори Юсуфро таманно кард. Дар ин рӯзгорон Юсуф подшоҳи Миср буд. Боре бо хайли сипоҳ ва надимони хеш Юсуф аз он роҳ гузашт, Зулайхо додталаб сари роҳи ӯро гирифт. Чун як фарди додхоҳи ҷомеа ӯ ба қабулгоҳи Юсуф ва ҳузури ӯ пазируфта шуд. Юсуф аввал ӯро нашинохт. Дар ҷараёни саволу ҷавоб охир маълум гашт, ки ишқи бузург чунин нозанини бузургеро хурд ва хору зор сохтааст. Вай аз Юсуф аввал ҷавонию ҷамол ва биноии чашмро хостор омад.

Баъд аз дуои Юсуф Зулайхо биноӣ ва ҷавонию ҷамол бозёфт ва охирин талабу таманнояш, ки висоли Юсуф буд, он ҳам муяссар гашт. Юсуф ва Зулайхо зану шавҳар шуданд. Муддате аз ин пайванди висол ва гармии ҳангоми ишқ сипарӣ гашт. Рӯзгор сари бозии дигар нишаст. Юсуф вафот кард. Зулайхо шиддати сангини фишори бори фироқро дигар таҳаммул карда натавонист ва синае моломол аз ишқу вафо ва ҳирмону ҳасрати ҷудоии Юсуф дида аз рӯшноии ҷаҳон баст. Чунон ки шоир мегӯяд:

*Набуд аз ошиқон кас чун Зулайхо,*
*Ба ишқ аз ҷумла буд афзун Зулайхо.*
*Пас аз пирию аҷзу нотавонӣ*
*Чу бозаш тоза шуд аҳди ҷавонӣ,*

*Ба ҷуз роҳи вафову сидқ наспурд,*
*Бар он зоду бар он буду бар он мурд.*

Роҳи тайкардаи Юсуф ва Зулайхо роҳе пурпечухам, пур аз ҳодисаву воқеаҳои гуногун мебошад. Образи онҳо ҳам хеле печдарпеч, пурмонеа, пур аз тазодҳои иҷтимоӣ, динӣ аст.

Ҷомӣ дар образи Юсуф инсони ранҷузаҳматкашида, сабур ва бурдбор, пок ва аз олудагиҳои нафсонӣ ва ҷисмонӣ дар парҳез, шахси вазифашинос, дар амри хидмати ҳамнавъон содиқ ва самимӣ, дар равобити ҳаррӯза бо дигар афроди муҳит берӯюриё, ғамхору дилсӯз, дар усули идораи мамлакат одил, борою тадбир, оқил ва дурандешро тавсиф намуда, дар маърази намоиши ҷомеаи вақти худ кашидааст.

Чунон ки аз мутолиаи ин достон маълум мешавад, зиндагӣ ҳеҷ ҷавру ҷафо ва ранҷу озорро аз Юсуф дареғ надошт. Аз кӯдакӣ то охирин айёми ҳаёт бо ғаму ғуссаҳо тавъам буд. Аммо дар ҳар мавриду шароит ӯ собир ва шикебо мезист, ба фарҷоми неки ҳаводис ва беҳбуди ҳоли худ умедворӣ дошт.

Юсуф ҷавон, ниҳоят зебо ва хирадманд буд, маънии ишқу ҳавасро хуб дарк мекард, аз оғоз анҷомро дармеёфт. Ӯ дар миёни ҷомеаи Миср маҳбубияти фаровон дошт, ҳусну ҷамоли баркамоли ӯ, бархӯрд ва муносибати муаддабона чашму дили поки ӯ хубони замон, хоса Зулайхои нозанин – ҳамсари сарвазири Мисрро волаву шайдо сохта буд. Зулайхо дақиқае зиндагиро бе вуҷуди Юсуф тасаввур карда наметавонист. Аммо бо ин ҳама Юсуф аз уҷбу такаббур ва худписандӣ мубарро буд, сар ба пушти по ва гиребони андешаи поку нек дошт. Ҳатто ба рӯи Зулайхо назар карданро берун аз ҳадди адаб ва гуноҳе азим медонист, ҳаққи неъмат мешинохт. Ӯ чунон ки гуфта шуд, хоҳишҳои Зулайхоро рад кард, ба ин сабаб чанд дафъа дар маҳкамаи қаҳри ӯ гирифтор омад, ниҳоят маҳбус ҳам шуд. Вале зиндонии тан шуду банди нафсу ҳавову ҳавас нагашт.

Юсуф айёме, ки ба сарвазирии Миср таъйин гашт, бо ақлу тадбир, адлу адолат ва дурандешии хирадмандона ба кори идораи мамлакат шурӯъ намуд. Вай халқро дар ҳафт

соли қаҳтию ва гуруснагӣ аз хатари маргу нобудӣ наҷот дода, шароити мӯътадили зиндагии мардумро фароҳам овард.

Ҷомӣ дар образи Юсуф вазири донишманд, боақлу заковат, инсонпарварро низ таъкид намудааст.[1]

Образи Зулайхо ҳам хеле ҷолиб ва пурпечутоб, мураккаб ва дорои тазодҳои зиёд аст. Вай ошиқ аст, ба ҷуз давлати дидори Юсуф ва қурбу парвариши вай дигар ниёзе аз ҳастӣ надорад. Ҳама ҳастии ӯ дар гарави ишқи бузурги ӯст. Тафовути синну сол, дину оин ва дигар монеаҳое, ки садди роҳи Зулайхо буд, ишқашро накост, балки беш аз пеш афзуд. Ӯ дар роҳи ба орзуҳои худ расидан фаъолона амал мекунад, саъй меварзад, ки самараи нахли орзуи деринаашро чида, коми худро ширин кунад ва бад-ин васила аз ранҷи маҳрумӣ ва нокомӣ наҷот ёфта, оташи сӯзони ишқро бо оби васл фурӯ нишонад. Ҳар вараќи китоби зиндагии Зулайхо бо ашки доғи чашм ва хуноби дили ӯ оғушта буда, ҳар фаслу боби он бо изтироби қалби вай оғоз мегардад. Ҳар рӯзи зиндагии ин зани дилбохта вараќе аз китоби ашку хун, умеду интизор, ҳирмону ҳасрат ва ниҳоят аз азобу машаққати пурлаззати ошиқ мебошад.Ҳар сатри ин китоб шарҳи ҳоли раҳнаварди ишқест, ки ҳазорон печу ҳами ҷодаи биёбони махуфи ишқро тай намуда, дар ранҷи захми кор ва гармои саҳрои беоби орзу ва дар амвоҷи дарёҳои тӯфонзои иштиёқ, дар азоби бедории шабҳои тори андеша ва ғуруби маҳтоби хаёл лаззати умеди висолро дарёфта,ҳама заҳмату машаққати ин роҳро ба худ таҳаммулпазир сохтааст. Ӯ дорои хислатҳои мусбат ва манфиест, ки ҳар як инсони воқеӣ дорад. Ошиқ аст, ранҷ мекашад, оҳу нола ва гиряву зорӣ мекунад, дар пешгоҳи ҳусну ишқи Юсуф зонуи ниёз зада, қадри худ, мавқеи хонаводагӣ, захми забони мардум, ҳатто меъёри ахлоқиро ба эътибор намегирад. Ком меҷӯяд, талош мекунад.

Зоҳиран чунон ба назар мерасад, ки ишқаш ҳавасолуд аст ва ҷуз омезиши ҷисмонӣ дигар ҳадафе ва маънию аҳам-

---

[1] Роҷеъ ба ин мавзӯъ муроҷиат карда шавад ба мақолаи А.Мирзоев. Образи Алишер Навоӣ дар «Юсуф ва Зулайхо»-и А.Ҷомӣ. – Сездаҳ мақола, Душанбе, 1977.

мияте надорад. Аммо чун аз ибтидо то интиҳои моҷарои ишқи ӯ дақиқтар назар кунем, ҳолате дигар ба дида ҷилвагар мешавад. Ӯ, чунон ки хотирнишон шуд, ба ҳар василаву чора оташи ишқро фурӯ нишондан ва аз азоби алими он қадре бошад ҳам, фароғат ёфтан мехоҳад. Барои расидан ба мақсади худ мубориза мекунад. Натиҷаи ҳамин аст, ки охир ба орзуи худ мерасад.

Образи Зулайхо дар зоти худ образи зани фаъол, кӯшо ва пӯёст. Ӯ дар ҳеҷ вазъу шароит аз фаъолият бознамеистад, навмед намегардад. Бо ин тариқ, образи ин ду қаҳрамон агарчи хилофи ҳам офарида шудаанд, аммо ба шакли худ образи ошиқи воқеӣ мебошанд. Ҷомӣ дар образи ин ду қаҳрамони достони худ ишқро бо ҳама шукӯҳу азамат, сӯзу гудоз, ранҷу озор, ширинӣ ва хушгуворни он ба қалам дода, ҳама ҷузвиёти онро маълуму равшан сохтааст.

Шоири бузург бо ин достон ба мардум дарси муҳаббат, субот, бурдборӣ, башардӯстӣ, ахлоқи ҳамида ва шоистаи инсонӣ ва ниҳоят мубориза ва пирӯзӣ додааст.

Мо ба нисбати маҳдудияти имкон дар ин муқаддима, танҳо бо ёдоварии баъзе лаҳзаҳои умумии ин достон, чун шиносномаи мухтасаре ба хонандагони арҷманд, доманаи суханро барчидем.[1]

*Зоҳир АҲРОРӢ*

[1] Роҷеъ ба шарҳи муфассали ин қисса, хусусиятҳои он, шарҳу тафсири образҳои асар муроҷиат шавад ба китоби Х.Мирзозода, Адабиёти тоҷик, Душанбе, 1977

# ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО

Илоҳӣ, ғунчаи уммед бикшой,
Гуле аз равзаи ҷовид бинмой.
Бихандон аз лаби он ғунча боғам
В-аз ин гул атрпарвар кун димоғам.
Дар ин меҳнатсарои бемувосо[1]
Ба неъматҳои хешам кун шиносо.
Замирамро сипосандеша гардон,
Забонамро ситоишпеша гардон.
Зи тақвими хирад беҳрӯзиям бахш,
Ба иқлими сухан фирӯзиям бахш.
Диле додӣ зи гавҳар ганҷ бар ганҷ,
Зи ганҷи дил забонро кун гуҳарсанҷ.
Кушодӣ нофаи табъи маро ноф,
Муаттар кун зи мушкам Қоф то Қоф.
Зи шеърам хомаро шаккарзабон кун,
Зи атрам номаро анбарфишон кун,
Суханро худ саранҷоме намондаст,
В-аз он нома ба ҷуз номе намондаст.
Дар ин хумхонаи ширинфасона
Намеёбам садое з-он тарона.
Ҳарифон бодаҳо х(в) арданду рафтанд,
Тиҳихумҳо раҳо карданду рафтанд.
Набинам пухтае з-ин базми хомӣ,
Ки бошад бар кафаш з-он бода ҷоме.
Биё, Ҷомӣ, раҳо кун шармсорӣ,
Зи софу дурд пеш ор, он чи дорӣ....

[1] Мувосо – беором, норохат.

## Дар табаррук ҷустан
## ба зикри хоҷа....

Китоби фақрро дебочаи рост
Саводи нуру килки хоҷаи мост.
Касе чун ӯ ба лавҳи арҷмандон
Назад нақши бадеи нақшбандон,
Чу фақр андар қабои шоҳӣ омад,
Ба тадбири Убайдуллоҳӣ омад,
Ба фақр онро, ки лутфаш ошно кард,
Ба бар гар хирқае будаш, қабо кард.
Зи дарвешиш ҳар касро нишон аст,
Ридои хоҷагӣ дар по кашон аст.
Ҷаҳон бошад ба чашмаш киштзоре,
Намехоҳад дар он ҷуз кишт коре
Аз он дона, к-аз ӯ одам ба ноком
Зи бустони биҳишт омад бад-ин дом,
Ҳазорон мазраа дар зери кишт аст,
Ки зоди рафтани роҳи биҳишт аст.
Дар ин мазраъ фишонад тухму дона,
Дар он олам ниҳад анбор хона.
Замин бо ҳимматаш як мушти хок аст,
Зи мушти хокаш андар раҳ чӣ бок аст?!
Ба сӯи минбарат раҳбар гирифтем,
Зи чеҳра пояаш дар зар гирфтем.
Зи меҳробат ба саҷда ком ҷустем,
Қадамгоҳат ба хуни дида шустем.
Ба пои ҳар сутан қад рост кардем,
Мақоми ростон дархост кардем.
Зи доғи орзуят бо дили х(в) аш
Задем аз дил ба ҳаряккандил оташ.
Кунун гар тан на хоки он ҳарим аст,
Биҳамдиллаҳ, ки ҷон он ҷо муқим аст.

Ба худ дармондаем аз нафси худрой
Бибин дармондае чанду бибахшой.
Агар набвад чу лутфат дастёре,
Зи дасти мо наёяд ҳеҷ коре.
Қазо меафканад аз роҳ моро,
Худоро, аз Худо дархоҳ моро,
Ки бахшад аз яқин аввал ҳаёте,
Диҳад он гаҳ ба кори дил суботе.
Чу ҳавли рӯзи растохез хезад,
Ба оташ оби рӯи мо нарезад.
Кунад бо ин ҳама гумроҳии мо
Туро изни[1] шарофатхоҳии мо.
Чу чавгон сарфиканда оварӣ рӯй
Ба майдони шафоат «умматӣ»- гӯй.
Ба ҳусни эҳтимомат кори Ҷомӣ
Туфайли дигарон ёбад тамомӣ.
Зи мушти хок, к-андар роҳ бинад,
Ба домонаш куҷо гарде нишинад.
Агар Қайсар в-агар Фағфури Чин аст,
Ба гирди хирмани ӯ хӯшачин аст.
Ба ҳар ҷо афканад шарҳи зироат,
Ба расме говҳо дорад қаноат.
Агар афтад қабули ҳимматаш муфт,
Шавад гови замину осмон ҷуфт.
Ба хирманкӯбии ӯ фазли бечун
Зи Савр оварда гов аз чархи гардун.
Фалакро бин кавокиб дар миёна,
Зи хирманҳош як ғирбол дона.
Ба деҳқониш чун дорӣ мусаллам,
Бад-он монад, ки гӯӣ, рӯҳи аъзам,
Ки гар ҳоли мураккаб ё басит аст,
Ба ҷумла файзи эҳсонаш муҳит аст.

---

[1] Изн – рухсат, иҷозат.

Гиёҳе баҳравар шуд аз наволаш,
Зи қувват сӯи феъл омад камолаш.
Камоли рӯҳи аъзам з-ин чӣ бошад,
Ба ҷуз замми вай ин таҳсин чӣ бошад?!
Мақоми хоҷа бартар аз гумон аст,
Бурун аз ҳадди таҳрири забон аст.
Дилаш баҳрест з-асрори илоҳӣ
Аз ӯ як қатра аз маҳ то ба моҳӣ.
Ба ҷунбиш чун дароянд баҳри заххор,[1]
Ба ҷанбаш қатра чун оянд падидор.
Чу биншинад мурокиб дида бар ҳам,
Бибандад дидаи дил аз ду олам.
Яке бинад, ки дар қайди яке нест,
В-аз он дар тангное андаке нест.
Намуда рӯй дар болову паст ӯст
Агар бисёр, агар кам, ҳар чӣ ҳаст, ӯст.
Кунад дар ҳастии ӯ хешро гум,
Набандад аз дуӣ чашми таваҳҳум.
Чу гардад қатра андар баҳр ночиз,
Зи баҳраш кай бувад имкони тамйиз.
Хуш ононе, ки сар бар хоки ӯянд,
Дилу ҷон баста бар фиткори ӯянд.
Ҳама пурмоя аз сармояи ӯст,
Ҳама дар нур маҳв аз сояи ӯст.
Мабодо сояи ӯ аз ҷаҳон дур,
Зи фикдаш[2] дидаи айём бенур.
Синини умри Аҳрори малаккеш
Ба пешаш бод зоду аз фалак беш!
Хусусан умри фарзандони номиш
Муфассал дор аҳлоқи гиромиш.
Дар ин зангоргун кохи зарандуд,
Ба ҳам яҳно русумулфазл валҷуд.[1]

---

[1] Заххор – баҳри бисёроб ва пур.
[2] Фикд – мафкуд, гумшуда, нобудӣ.

Ҷаҳон оинаи мақсудашон бод,
Дар он нури қидам машҳудашон бод.

**Дар тамаддуҳи Султон....**

Ҷаҳон яксар чӣ арвоҳу чӣ аҷсом
Бувад шахси муайян, оламаш ном.
Бувад инсон дар ин шахси муайян
Чу айни босира дар чашми равшан.
Дар ин айн он ки чун инсони айн аст.
Ҷаҳони мардумӣ Султон Ҳусайн аст.
Ба зери ин хамида тоқи мино
Ду чашми одамият з-ӯст бино.
Хушо, чашме, ки бинои аз ӯ ёфт,
Ба бинои тавонои аз ӯ ёфт.
Фалак сад чашм дорад бар раҳи ӯ,
Ки чашми худ кунад манзилгаҳи ӯ.
Зи рӯи ӯст равшан чашми олам,
Ба бӯи ӯст гулшан хоки одам,
Ба ҳусни хулқу лутфи халқ бе қил
Бувад Юсуф дар ин Мисри фалакнил.
Дар аслобаш[2] карам расме қадим аст,
Карим Ибнулкарим Ибнулкарим аст.
Сазад, гар аз камоли хубии ӯ
Кунад пири фалак Яъқубии ӯ.
Зи каф баҳри навол оварда дар мушт
Кашида ҷӯйборе аз ҳар ангушт.
Дусад кишти амал дар ҳар диёре
Шуда сарсабз аз ҳар ҷӯйборе.
Зи дасташ, к-абру ям ҳастанд аз он кам,
Хурӯшон бошад абру кафзанон ям,[1]

[1] Расми фазлу саховат бо ҳам хуш ва гуворост.
[2] Аслоб – ҷамъи сулб – насл, валод.

Намуда ламъае аз зарфишон теғ
Ниҳуфта теғи худ хуршед дар меғ.
Чу гашта барқи теғаш партавафкан,
Ҷаҳонро карда чун хуршед равшан.
Ду дам як баркро гарчи бақо нест,
Бақо аз теғи ӯ як дам ҷудо нест.
Бақои ӯ фанои тирагиҳост,
Наёяд равшанӣ бо тирагӣ рост.
Зи адли ӯ ба вақти хоби шабгир
Кунад натъ[2] аз паланги хуфта нахчир.
Зи шабгардӣ чу ёбад гург молиш,
Ниҳад аз дунбамешаш гирдболиш.
Паи ҷазби муҳаббат чангули боз
Шавад қуллоби мурғи тезпарвоз.
Дарахти бешаи пуршоху пайванд,
Агар шохи гавазнеро кунад банд,
Кунад шери жиён мушкилкушой,
Ба панҷа бахшад аз бандаш раҳой
Камингоҳи бадандешони бебок
Бувад з-андешаи ноэминӣ пок.
Агар як тан барад чун меҳри анвар
Зи машриқ то ба мағриб таште аз зар,
Наёрад ҳеҷ ӯ аз диръ парҳез,
Ки дар ташти зари ӯ бингарад тез.
Чу субҳ он ҷо, ки лутфи ӯ бихандад,
Чу зулмат зулм аз он ҷо рахт бандад:
Чу барқ он ҷо, ки қаҳраш барфурӯзад,
Ба як шуъла ҷаҳонеро бисӯзад.
Худовандо, ба пирони ҷавонбахт,
Ки то ҳаст осмон чатру замин тахт,
Ба зери пои тахти шоҳияш бод,
Ба торак чатри зиллуллиҳияш бод!

---

[1] Ям – бахри чуқур.
[2] Натъ – фарши чармин, пӯстак.

Фалак бо чатри ӯ дар чоплусӣ,
Замин бо тахти ӯ дар хокбӯсӣ.
Харобободи олам бод маъмур
Ба авлоди киромаш то дами сур!
Ба тахсис он ки чарх омад мутеъаш,
Замонро тоҷи сар номи бадеъаш.[1]
Замонаш он Аҷам аз вай мушарраф,
Ба таърифи Араб бодо муарраф.
Ҷаҳонро то баландӣ ҳасту пастӣ,
Мабод ин ном пок аз лавҳи ҳастӣ!
Дигар шаҳзода, к-аз бахти Музаффар[2]
Ба тифлӣ шуд туфайлаш тахту афсар.
Хирад чун дид ҷоҳу эҳтиромаш,
Ҳамекард орзу накше зи номаш.
Дар ин майдон,ки бодо холӣ аз дард,
Фалак тоси тиҳиро пурфараҳ кард.
Зи базмаш хур яке зарринкадаҳ бод,
Дилаш чун ном доим пурфараҳ бод!

**Дар баёни он ки ҳар як аз ҷамол ва ишқ мурғест аз ошёни ваҳдат парида ва бар шохсори мазоҳири касрат орамида. Агар навои иззати маъшуқест, аз он ҷост в-агар нолаи меҳнати ошиқест, ҳам аз он ҷост!**

Дар он хилват, ки ҳастӣ бенишон буд,
Ба кунҷи нестӣ олам ниҳон буд,
Вуҷуде буд аз накши дуӣ дур,
Зи гуфтугӯи моию туӣ тур.
Ҷамоли мутлақ аз қайди мазохир,
Ба нури хеш ҳам бар хеш зоҳир.

[1] Бадеъуззамон ном писари Султон Ҳусайнро дар назар дорад.
[2] Ишора ба писари Султон Ҳусайн мебошад.

Дилоро шоҳиде дар ҳаҷлаи ғайб,
Мубарро домаанаш аз тухмати айб.
На бо оина рўяш дар миёна,
На зулфашро кашида дасти шона.
Сабо аз туррааш нагсаста торе,
Надида чашмаш аз сурма ғуборе.
Нагашта бо гулаш ҳамсоя сунбул,
Набаста сабзааш пероя бар гул.
Рухаш сода зи ҳар хаттею холе,
Надида ҳеҷ чашме з-ў хаёле.
Навои дилбарӣ бо хеш месохт,
Қимори ошиқӣ бо хеш мебохт.
Вале з-он ҷо, ки ҳукми хубрўист,
Зи парда хубрў дар тангхўист.
Накурў тоби мастурӣ надорад,
Бибандӣ дар, зи равзан сар барорад,
Назар кун лоларо дар кўҳсорон,
Ки чун хуррам шавад фасли баҳорон,
Кунад шақ шарқаи гулрези хоро,
Ҷамоли худ кунад з-он ошкоро,
Туро чун маъние дар хотир афтад,
Ки дар силки маъонӣ нодир афтад.
Наёрӣ аз хаёли он гузаштан,
Диҳӣ берун ба гуфтан ё навиштан.
Чу ҳар ҷо ҳаст ҳусн, инаш тақозост,
Нахуст ин ҷунбиш аз ҳусни азал хост.
Бурун зад хайма з-иқлими тақаддус,
Таҷаллӣ кард бар офоқу анфус.
Зи ҳар оинае бинмуд рўе,
Ба ҳар ҷо хост аз вай гуфтугўе.
Аз ў як ламъа бар мулку малак тофт,
Малак саргашта худро чун фалак ёфт.
Ҳама саббўҳиён саббўҳҷўён
Шуданд аз бехудӣ саббўҳгўён,

Зи ғаввасони ин баҳри фалакфулк[1]
Баромад ғулғули «субҳона зилмулк».[2]
Аз он ламъа фурӯғе бар гул афтод,
Зи гул шӯре ба ҷони булбул афтод.
Рухи худ шамъ аз он оташ барафрӯхт,
Ба ҳар кошона сад парвонаро сӯхт.
Зи нураш тофт бар хуршед як тоб,
Бурун овард нилуфар сар аз об.
Зи рӯяш рӯи хеш орост Лайлӣ,
Ба ҳар мӯяш зи Маҷнун хост майле.
Лаби Ширин ба шаккаррез бикшод,
Дил аз Парвиз бурду ҷон зи Фарҳод.
Сар аз ҷайби маҳи Канъон баровард,
Зулайхоро димор аз ҷон баровард.
Ҷамоли ӯст ҳар ҷо ҷилва карда,
Зи маъшуқони олам баста парда.
Ба ҳар парда, ки бинӣ, пардагӣ ӯст,
Қазоҷунбони ҳар дилбурдагӣ ӯст.
Ба ишқи ӯст дилро зиндагонӣ,
Ба ишқи ӯст ҷонро комронӣ.
Диле к-ӯ ошиқи хубони дилҷӯст,
Агар донад в-агар не, ошиқи ӯст.
Ҳало, то нағлатӣ[3] ногаҳ, нагӯӣ,
Ки аз мо ошиқӣ в-аз вай накӯӣ,
Ки ҳамчун некуӣ ишқи ситуда,
Аз ӯ сар барзада, дар ту намуда.
Чу некӯ бингарӣ, оина ҳам ӯст,
На танҳо ганҷ ӯ, ганҷина ҳам ӯст.
Ману ту дар миён коре надорем,
Ба ҷуз беҳуда пиндоре надорем.

---

[1] Фулк – киштӣ.
[2] Субҳона зилмулк – офарин бар соҳиби ин мулк.
[3] Нағлатӣ – нағалтӣ.

Хамуш, к-ин қисса поёне надорад,
Забонею забондоне надорад.
Ҳамон беҳтар, ки ҳам дар ишқ печем,
Ки бе ин гуфтугӯ ҳечем, ҳечем.

**Нахли баёни фазилати ишқ бастан ва шохчаи оғози сабаби назми китоб ба он пайвастан**

Дили фориғ зи дарди ишқ дил нест,
Тани бедарди дил ҷуз обу гил нест.
Зи олам рӯят овар дар ғами ишқ,
Ки бошад оламе хуш олами ишқ.
Ғами ишқ аз дили кас кам мабодо,
Дили беишқ дар олам мабодо!
Фалак саргашта аз савдои ишқ аст,
Ҷаҳон пурфитна аз ғавғои ишқ аст.
Асири ишқ шав, к-озод бошӣ,
Ғамаш дар сина неҳ, то шод бошӣ.
Маи ишқат диҳад гармию мастӣ,
Дигар афсурдагию худпарастӣ.
Зи ёди ишқ ошиқ тозагӣ ёфт,
Зи фикри ӯ баландовозагӣ ёфт.
Агар Маҷнун на май з-ин ҷом хӯрдӣ,
Кӣ ӯро дар ду олам ном бурдӣ?
Ҳазорон оқилу фарзона рафтанд,
Вале аз ошиқӣ бегона рафтанд.
На номе монд з-эшон, не нишоне,
На дар дасти замона достоне.
Басо мурғони хушпайкар, ки ҳастанд,
Ки халқ аз зикри эшон лаб бибастанд.
Чу аҳли дил зи ишқ афсона гӯянд,
Ҳадиси булбулу парвона гӯянд.

Ба гетӣ гарчи сад кор озмой,
Ҳамин ишқат диҳад аз худ раҳой.
Матоб аз ишқ рӯ, гар худ маҷозист,
Ки он баҳри ҳақиқӣ корсозист.
Ба лавҳ аввал алиф, бе, то нахонӣ,
Зи Қуръон дарс хондан кай тавонӣ?!
Шунидам, шуд муриде пеши пире,
Ки бошад дар сулукаш дастгире.
Бигуфт: Ар по нашуд дар ишқат аз ҷой,
Бирав ошиқ шав, он гаҳ пеши мо ой,
Ки бе ҷоми маи сурат кашидан
Наёрӣ ҷуръае маънӣ чашидан.
Вале бояд, ки дар сурат намонӣ,
В-аз ин пул зуд худро бигзаронӣ.
Чу хоҳӣ рахт дар манзил ниҳодан,
Набояд дар сари пул истодан.
Биҳамдиллаҳ, ки то будам дар ин дайр,
Ба роҳи ошиқӣ будам сабуксайр.
Чу доя мушки ман бенофа дида,
Ба теғи ошиқӣ нофам бурида.
Чу модар бар лабам пистон ниҳодаст,
Зи хунхории ишқам шир додаст.
Агарчи мӯи ман акнун чу шир аст,
Ҳанӯз он завқи ширам дар замир аст.
Ба пирию ҷавонӣ нест чун ишқ,
Дамад бар ман дамодам ин фусун ишқ,
Ки: Ҷомӣ, чун шудӣ дар ошиқӣ пир,
Сабукрӯҳӣ куну дар ошиқӣ мир,
Бинеҳ дар ишқбозӣ достоне,
Ки бошад аз ту дар олам нишоне.
Бикаш нақше зи килки нуктазоят,
Ки чун аз ҷо равӣ, монад ба ҷоят.
Чу аз ишқ ин садо омад ба гӯшам,
Ба истиқбол берун рафт ҳушам.

Ба ҷон гаштам гарав фармонбариро,
Ниҳодам расми нав сеҳровариро.
Бар онам, гар худо тавфиқ бахшад,
Ки нахлам меваи таҳқиқ бахшад,
Кунам аз сӯзи ишқ он нуктаронӣ,
Ки сӯзад ақл рахти нуктадонӣ.
Дар ин фирӯзагунбад афканам дуд,
Кунам чашми кавокиб гирёолуд.
Суханро поя бар ҷое расонам,
Ки бинвозад ба аҳсант осмонам.

**Дастаи гул аз чамани фазоили сухан чидан ва риштаи тамом сабаби назми китоб бар он печидан**

Сухан дебочаи девони ишқ аст,
Сухан навбоваи[1] бустони ишқ аст.
Хирадро кору боре чун сухан нест,
Ҷаҳонро ёдгоре чун сухан нест.
Ба олам ҳар чӣ аз навву куҳан зод,
Чунин гӯяд сухандон, к-аз сухан зод.
Сухан аз кофу нун дам бар қалам зад,
Қалам бар сафҳаи ҳастӣ қадам зад.
Чу шуд кофи қалам з-он коф мавҷуд,
Кушод аз чашмааш фавораи ҷуд[2]
Ҷаҳонбошон, ки дар болову пастанд,
Зи ҷӯшишҳои ин фаввора мастанд.
Чу з-он ҷӯшиш кунад лаб нуктаронӣ,
Гуле бошад зи гулзори ниҳонӣ.
Занад боди нафас досташ ба домон,
Бурун орад зи гулзораш хиромон.

[1] Навбова – ҳар чизи навруста; меваи наврасида.
[2] Ҷуд – сахо, бахшиш, карам.

Кунад раҳ бар дари дарвозаи гӯш,
Фитад аз мақдами ӯ ҳуш мадҳуш.
Кунад хотир ба истиқболаш оҳанг,
Дарорад дил ба бар чун ғунчааш танг.
Гаҳе лабро нишоти ханда орад,
Гаҳ аз дида нами андӯҳ борад.
Аз ӯ хандад лаби андӯҳмандон,
В-аз ӯ гирён шавад дилҳои хандон…
Бад-ин май шуғлгирӣ сохт пирам,
Ба парафшонӣ акнун шуғл гирам.
Диҳам аз дил бурун рози ниҳонро,
Бихандонам, бигирёнам ҷаҳонро.
Куҳан шуд давлати Ширину Хусрав,
Ба Ширине нишонам Хусрави нав.
Сар омад давлати Лайлию Маҷнун,
Касе дигар саромад созам акнун.
Чу тӯтӣ табъро созам шакархо,
Зи ҳусни Юсуфу ишқи Зулайхо.
Худо аз қиссаҳо чун аҳсанаш хонд,
Ба аҳсан ваҷҳ аз он хоҳам сухан ронд.
Чу бошад шоҳиди он ваҳйи мунзал
Набошад кизбро имони мадхал.
Нагардад хотир аз норост хурсанд,
Агарчи гӯй онро ростмонанд.
Суханро зеваре чун ростӣ нест,
Ҷамоли маҳ ба ҷуз нокостӣ нест.
Аз он субҳи нахустин бефурӯғ аст,
Ки лофи равшанӣ аз вай дурӯғ аст.
Чу субҳи ростин аз сидқ дам зад,
Зи хур бар осмон заррин алам зад.
Ба санъат гар биёрой дурӯғе,
Нагирад з-он чароғи ӯ фурӯғе.
Чаро дӯзӣ ба қадди зишт дебо,
Чу аз дебо нагардад зишт зебо?

Зи дебо зишт зебой наёбад,
Вале дебо суи зиштӣ шитобад.
Рухи гулрангро гулгуна бояд,
К-аш аз гулгуна гулрангӣ физояд,
Чу гулгуна ба рӯи тира молӣ,
Набинад дида з-он ҷуз тираҳолӣ.
Зи маъшуқон чу Юсуф кас набуда,
Ҷамолаш аз ҳама хубон фузуда.
Зи хубон ҳар киро сонӣ надонанд,
Зи аввал Юсуфи сониш хонанд.
Набуд аз ошиқон кас чун Зулайхо,
Ба ишқ аз ҷумла буд афзун Зулайхо.
Зи тифлӣ то ба пирӣ ишқ варзид,
Ба шоҳиву амирӣ ишқ варзид.
Пас аз пирию аҷзу нотавонӣ,
Чу бозаш тоза шуд аҳди ҷавонӣ,
Ба ҷуз роҳи вафои ишқ наспурд,[1]
Бар он зоду бар он буду бар он мурд.
Дар ин нома сухан ронам зи ҳар як,
Ба хома гавҳар афшонам зи ҳар як.
Ба ҳар накде, к-аз эшон харҷ созам,
Зи ҳикмат тоза ганҷе дарҷ созам.
Тамаъ дорам, ки гар ногаҳ шигарфе[2]
Бихонад з-ин муҳаббатнома ҳарфе,
Натобад номасон бар рӯи ман пушт,
Насояд номаваш бар ҳарфам ангушт.
Ба давродав агар бинад хатое,
Наёрад бар сари ман моҷарое.
Ба қадри вусъ[3] дар ислоҳ кӯшад
В-агар ислоҳ натвонад, бипӯшад.

---

[1] Наспурд – тай нанамуд, нарафт.
[2] Шигарф – бузург, муътабар; зебо, беназир.
[3] Вусъ – тоқат ва тавоной.

**Достони шамъи ҷамоли юсуфӣ
дар шабистони ғайб афрӯхтан
ва парвонаи дили одамро
ба мушоҳидаи фурӯғи он сӯхтан**

Гуҳарсанҷони дарёи маъонӣ,
Варақхонони ваҳйи осмонӣ,
Чу таърихи ҷаҳон карданд оғоз,
Чунин доданд аз Одам хабар боз,
Ки чун чашми ҷаҳонбинаш кушоданд,
Бар ӯ авлоди ӯро ҷилва доданд.
Суфуфи анбиё як ҷо пасу пеш,
Ситода ҳар сафе дар пояи хеш.
Суфуфи анбиё қоим дигар ҷой,
Ниҳода дар мақоми пайравӣ пой.
Гурӯҳе бо шукӯҳи подшоҳӣ
Ба тоҷи шавкати шоҳӣ мубоҳӣ.
Ситода саф ба саф дигар халоиқ,
Ба тартиби хушу дастури лоиқ.
Чу Одам сӯи он маҷмаъ назар кард,
Зи ҳар ҷамъе тамошои дигар кард.
Ба чашмаш Юсуф омад чун яке моҳ,
На маҳ, хуршеди авҷи иззату ҷоҳ.
Чу шамъи анҷуман з-он шамъи мумтоз,
Миёни ҷамъ шамъосо сарафроз.
Ҷамоли некувон дар пеши ӯ гум,
Чунон, к-аз партави хуршед анҷум.
Ридои дилбарӣ афканда бар дӯш,
Фидои хоки пояш сад ридопӯш.
Камоли ҳуснаш аз андеша берун,
Зи ҳадди ақли фикратпеша берун.

Ба пешаш хилъати лутфи илоҳӣ,
Ба фаркаш тоҷи фарри подшоҳӣ,
Ҷабинаш матлаи субҳи саодат,
Шаби ғайб аз рухаш рӯзи шаҳодат.
Ҳама пайғабарон аз пешу аз пас
Зи зулматҳои ҷисмонӣ муқаддас.
Аламҳо баркашида аз чапу рост
Ҳама арвоҳи қудсӣ бе каму кост,
Дар ин меҳробии хуршедқандил
Фиканда ғулғули тасбеҳу таҳлил.
Аз он ҷоҳу ҷалол Одам аҷаб монд,
Ба унвони таааҷҷуб зери лаб ронд,
Ки ё раб, ин дарахт аз гулшани кист,
Тамошогоҳи чашми равшани кист?
Бар ӯ ин партави давлат чаро тофт,
Ҷамолу ҷоҳ чандин аз куҷо ёфт?
Хитоб омад, ки нури дидаи туст,
Фараҳбахши дили ғамдидаи туст.
Зи боғистони яъқубӣ ниҳолест
Зи саҳрои Халилуллаҳ ғизолест.
Зи кайвон бигзарад айвони ҷоҳаш,
Замини Миср бошад тахтгоҳаш.
Зи бас хубӣ, ки дар рӯяш аён аст,
Ҳасадангези хубони ҷаҳон аст.
Кунад рӯи туро оинадорӣ,
Бибахшаш, з-он чи дар ганҷина дорӣ.
Бигуфт: – Инак дари эҳсон кушодам,
Зи шаш донги ҷамолаш чор додам.
Аз он хубӣ, ки бошад дилбаронро,
Ду бахш ӯро, яке мар дигаронро.
Паи насхи бутон дурҷ ар кушояд,
Хати ҳусни ҳама сулсаш намояд.
Пас овардаш ба сӯи синаи хеш,
Сафобахш аз дили бекинаи хеш.

Зи меҳри хештан кардаш хабардор,
Ба пешонӣ задаш бӯсе падарвор.
Чу гул аз завқи фарзандиш бишкуфт,
Чу булбул бар гули рӯяш дуо гуфт.

**Ниҳоли ҷамоли Юсуфро аз баҳористон ғайб ба боғистони шаҳодат овардан ва ба оби дидаи Яъқуб ва ҳавои дили Зулайхо парвардан**

Дар ин навбатгаҳи суратпарастӣ
Занад ҳар кас ба навбат кӯси ҳастӣ.
Ҳақиқатро ба ҳар давре зуҳурест,
Зи исме бар ҷаҳон афтода нурест.
Агар олам ба як дастур мондӣ,
Басо анвор, к-он мастур мондӣ.
Гар аз гардун нагардад нури хур гум,
Нагирад равнақе бозори анҷум.
Зимистон аз чаман бор ар набандад,
Зи таъсири баҳорон гул нахандад.
Чу Одам рахт аз ин меҳробгаҳ баст,
Ба ҷояш Шис[1] дар меҳроб биншаст.
Чу вай ҳам рафт, кард оғоз Идрис
Дар ин талбисхона дарси тақдис.
Чу шуд тадриси Идрис осмонӣ,
Ба Нӯҳ афтод динро посбонӣ.
Ба тӯфони фано чун ғарқа шуд Нӯҳ,
Шуд ин дар бар Халилуллоҳ мафтӯҳ.
Чу хони даъваташ чиданд з-офоқ,
Муваффақ шуд ба он инфоқ Исҳоқ.
Аз ин ҳомун шуд ӯ роҳи адамкӯб,
Зад аз кӯҳи Худо гулбонг Яъқуб.

---

[1] Шис –номи писари хазрати Одам.

Чу Яъқуб аз ақаб з-ин кор дам зад,
Зи ҳадди Шом бар Канъон алам зад.
Иқоматро ба Канъон маҳмил афканд,
Фитодаш дар физоиш молу фарзанд.
Шумори гӯсфандаш аз бузу меш
Дар он водӣ шуд аз мӯру малах беш,
Писар, берун зи Юсуф, ёздаҳ дошт,
Вале Юсуф даруни ҷон-ш раҳ дошт.
Чу Юсуф бар замин омад зи модар,
Ба рух шуд моҳи гардунро баробар.
Дамид аз бӯстони дил ниҳоле,
Намуд аз осмони ҷон ҳилоле.
Зи гулзори Халилуллаҳ гуле руст,
Қабои нозукандомӣ бар ӯ чуст.
Баромад ахтаре аз бурҷи Исҳоқ,
Зи рӯи ӯ мунаввар чашми офоқ.
Алам зад лолае аз боғи Яъқуб,
Аз ӯ ҳам марҳаму ҳам доғи Яъқуб.
Ғизоле шуд шамимафзои Канъон,
В-аз ӯ рашки Хутан саҳрои Канъон.
Зи ҷон то буд баҳра модарашро,
Зи шири хеш шустӣ шаккарашро.
Чу дидаш дар канори худ дусола,
Дамид айём заҳраш дар навола.
Гиромӣ дурре аз баҳри каримӣ,
Зи модар монд бо ашки ятимӣ.
Падар чун дид ҳоли гавҳари хеш,
Садаф кардаш канори хоҳари хеш.
Зи амма мурғи ҷонаш парвариш ёфт,
Ба гулзори хушӣ болу париш ёфт.
Қадаш оини хушрафторӣ овард,
Лабаш расми шакаргуфторӣ овард.
Дили амма ба меҳраш шуд чунон банд,
Ки нагсастӣ аз ӯ як лаҳза пайванд.

Ба ҳар шаб хуфта чун ҷон дар бараш буд,
Ба ҳар рӯз офтоби манзараш буд.
Падар ҳам орзуи рӯи ӯ дошт,
Зи ҳар сӯ майли хотир сӯи ӯ дошт.
Ҷуз ӯ кас дар дили ғамгин намеёфт,
Ба гаҳ-гаҳ диданаш таскин намеёфт.
Чунон мехост, к-он моҳи дилафрӯз
Ба пеши чаши ӯ бошад шабу рӯз.
Ба хоҳар гуфт: «Эй, к-аз меҳрварзӣ
Ба фарқам чун дарахти бед ларзӣ,
Надорам тоқати дурӣ зи Юсуф,
Холосам деҳ зи маҳҷурӣ зи Юсуф.
Ба хилватгоҳи рози ман фиристаш,
Ба меҳроби ниёзи ман фиристаш».
Зи Яъқуб ин сухан хоҳар чу бишнид,
Зи фармонаш ба сурат сар напечид.
Валекин кард бо худ ҳилае соз,
Ки то гирад зи Яъқубаш ба он боз.
Ба каф з-Исҳоқ будаш як камарбанд,
Ба хидмат суд дар роҳи Худованд.
Камарбанде, ки ҳар дасташ ки бастӣ,
Зи дастандозии офот растӣ.
Чу Юсуфро зи худ рӯ дар падар кард,
Миёнбандаш ниҳонӣ з-он камар кард.
Чунон баст он камарро бар миёнаш,
Ки огоҳӣ нашуд қатъан аз онаш.
Камарбаста ба Яъқубаш фиристод,
В-аз он пас дар миён овоза дардод,
Ки гаштаст он камарбанд аз миён гум,
Гирифтӣ ҳар касеро з-он таваҳҳум.
Ба зери ҷома ҷустуҷӯй кардӣ.
Пас он гаҳ дар дигар кас рӯй кардӣ.
Чу дар охир ба Юсуф навбат афтод,
Камарро аз миёнаш чуст бикшод.

Дар он айём ҳар кас аҳли дин буд,
Бар ӯ ҳукми шариат инчунин буд,
Ки дузде ҳар кӣ гаштӣ пойгираш,
Гирифтӣ соҳиби коло асираш.
Дигарбора ба тазвир[1] он баҳона
Чу кард омода, бурдаш сӯи хона.
Ба рӯяш чашмравшан шод биншаст,
Пас аз якчанд аҷал чашмаш фурӯ баст.
Бад-ӯ шуд хотири Яъқуб хуррам,
Зи дидораш набаст ӯ дида бар ҳам.
Ба пеши рӯ чу Юсуф қиблае ёфт,
Зи фарзандони дигар рӯй бартофт.
Ба Юсуф буд ҳар коре, ки будаш,
Ба Юсуф буд бозоре, ки будаш.
Ба Юсуф буд рӯҳаш роҳатандӯз,
Ба Юсуф буд чашмаш дидаафрӯз.
Бале, ҳар ҷо, к-аз он сон маҳ битобад,
Агар хуршед бошад, раҳ наёбад.
Чӣ гӯям, к-он чӣ ҳусну дилбарӣ буд,
Ки берун аз ҳади ҳуру парӣ буд.
Маҳе буд аз сипеҳри ошноӣ,
Аз ӯ кавну макон пуррӯшноӣ.
На маҳ, ҳайҳот! Равшан офтобе
Маҳ аз вай бар фалак афтода тобе,
Чӣ мегӯям? Чӣ ҷои офтоб аст,
Ки рахшон чашмааш ин ҷо сароб аст,
Муқаддас нуре аз қайди чиву чун,
Сар аз ҷулбоб[2] чун оварда берун.
Чу он бечун дар ин чун карда оро,
Паи рӯпӯш карда Юсуфаш ном.
Ба дил Яъқуб агар меҳраш ниҳон дошт,
Дигар кардаш ба ҷон ҷо, ҷои он дошт.

---

[1] Тазвир – ҳила, макр, фиреб.
[2] Ҷулбоб – ҷома ва ҷодари занон, болопӯши занон.

Зулайхое, ки рашки ҳури ин[1] буд,
Ба мағриб пардаи исматнишин буд.
Зи хуршеди рухаш нодида тобе,
Гирифтори хаёлам шуд ба хобе,
Чу бар даврони ғам ишқ оварда зӯр,
Зи наздикон набошад ошиқӣ дур.

**Дар сифату насаби Зулайхо, ки мағриб аз тулӯи офтоби ҷамолаш машриқ гашта буд, балки ба ҳазор дараҷа аз он даргузашта**

Чунин гуфт он сухандони сухансанҷ
Ки дар ганҷина будаш аз сухан ганҷ,
Ки дар Мағрибзамин шоҳе баномус
Ҳамезад кӯси шоҳӣ, ном Таймус.
Ҳама асбоби шоҳӣ ҳосили ӯ,
Намонда орзуе дар дили ӯ.
Зи фарқаш тоҷро иқболмандӣ,
Зи пояш тахтро поябаландӣ.
Фалак дар хайлаш аз ҷавзо камарбанд,
Зафар бо банди теғаш сахт пайванд.
Зулайхоном зебо духтаре дошт,
Ки бо ӯ аз ҳама олам саре дошт.
На духтар, ахтаре аз бурҷи шоҳӣ.
Фурӯзон ахтаре аз дурҷи шоҳӣ.
Нагунҷад дар баён васфи ҷамолаш,
Кунам табъозмоӣ бо хаёлаш.
Зи сар то по фуруд оям чу мӯяш,
Шавам равшанзамир аз акси рӯяш.
Зи нӯшин лаълаш истимдод[2] ҷӯям,
Зи васфаш, он чи даргунҷад, бигӯям.

---

[1] Ҳури ин – ҳур биҳиштӣ.
[2] Истимдод – мадад ҷустан, ёрӣ хостан.

Қадаш нахле зи раҳмат офарида,
Зи бустони латофат сар кашида.
Зи ҷӯи шаҳрёрӣ об хӯрда,
Зи сарви ҷӯйборӣ об бурда.
Ба фарқаш мӯй-доми ҳушмандон,
Аз ӯ то мушк фарқ, аммо на чандон.
Фаровон мӯшикофӣ карда шона,
Ниҳода фарқи нозук дар миёна.
Зи фарқи ӯ дунима нофаро дил
В-аз ӯ дар нофа кори мушк мушкил.
Фурӯ овехта зулфи сумансой,
Фиканда шохи гулро соя дар пой.
Ду гесӯяш ду ҳиндуи расансоз,
Зи шамшоди сарафрозаш расанбоз.
Фалак дарси камолаш карда талқин,
Ниҳода аз ҷабинаш лавҳи симин.
Зи тарфи лавҳи симинаш намуда
Ду нуни сарнигун аз мушки суда.
Ба зери он ду нун турфа ду сдаш,
Навишта килки сунъи устодаш.
Зи ҳадди нуни ӯ то ҳалқаи мим,
Алифворе кашида бинӣ аз сим.
Фузуда бар алиф сифри[1] даҳонро,
Яке даҳ карда ошӯби ҷаҳонро.
Шуда синаш аён аз лаъли хандон,
Кушода мимро уқда[2] ба дандон.
Зи бустони Ирам рӯяш намуна,
Дар ӯ гулҳо шукуфта гуна-гуна.
Ба рӯ ҳар ҷониб аз холе нишоне
Чу зангибаччагон дар гулситоне.
Занахдонаш, ки мими безакот аст,
Дар ӯ чоҳе пур аз оби ҳаёт аст.

---

[1] Сифр – нуқта, холӣ.
[2] Уқда – гиреҳ.

Ба зери ғабғат ар доно барад роҳ,
Бувад гирдомада рашҳе[1] аз он чоҳ.
Қарори дил бувад ноёб он ҷо,
Ки ҳам чоҳ асту ҳам гирдоб он ҷо.
Баёзи гарданаш софитар аз оҷ,
Ба гардан оварандаш оҳувон боҷ.
Бару дӯшаш зада таъна суманро,
Гул андар ҷайб карда пираҳанро.
Ду пистон ҳар яке чун қуббаи нур,
Ҳубобе хоста аз айни кофур.
Ду нори тоза бarруста зи як шох,
Кафи уммедашон набсуда густох.
Зи бозу ганҷи симаш дар бағал буд,
Иёри сим пеши ӯ дағал буд.
Паи таъвизи[2] он покиза чун дур
Дили покони олам аз дуо пур.
Парирӯён ба ҷон карда писандаш,
Раги ҷон сохта таъвизбандаш.
Зи тороҷи сарони тоҷу дайҳим
Ду соид[3] остинаш карда пурсим.
Кафаш роҳатдиҳи ҳар меҳнатандеш,
Ниҳода марҳаме бар ҳар дили реш.
Ба даст оварда з-ангуштон қаламҳо,
Зада аз меҳр бар дилҳо рақамҳо.
Дил аз ҳар нохунаш баста хаёле
Фузуда бар сари бадре ҳилоле.
Ба панҷ ангушт маҳро бурда панҷа,
Зи зӯри панҷа маҳро карда ранҷа.
Миёнаш мӯй, бал к-аз мӯй ниме,
Зи борикӣ бар ӯ аз мӯй биме.

---

[1] Рашҳа – катра, чакра.
[2] Таъвиз – тӯмор.
[3] Соид – банди даст.

Наеристӣ камар аз мӯй бастан,
К-аз он мӯ будияш бими гусастан.
Шикам чун тахтаи қоқум[1] кашида,
Ба нармӣ доя нофи ӯ бурида.
Суринаш кӯҳе, аммо сими сода,
Чӣ кӯҳе к-аз камар зер уфтода?!
Бад-он нармӣ, ки гар афшурдияш мушт,
Бурун рафтӣ хамироин зи ангушт.
Зи дастафшори заррин пасхамаш шав,
Биё в-ин сими дастафшор бишнав.
Зи зери ноф то болои зону
Нагӯям ҳеҷ ҳарфе куҳнаву ну[2]
Надода дар ҳарими он ҳарамгоҳ
Ҳисори исматаш андешаро роҳ.
Сухан ронам зи соқи ӯ, ки чун аст,
Бинои ҳуснро симинсутун аст.
Баномэзад бувад гулдастаи нур,
Вале аз чашми ҳар бенур мастур.
Сафои ӯ намуд оинаро рӯ,
Даромад аз адаб пешаш ба зону.
Аз он оина ҳамзонуи ӯ шуд,
Ки файзи нурёб аз рӯи ӯ шуд.
Ба вай ҳар кас, ки ҳамзону нишинад,
Рухи давлат дар он оина бинад.
Қадам дар лутф низ аз соқ кам нест,
Чу ӯ дар лутф кас соҳибқадам нест.
Чунон будӣ, чу рафтӣ чусту чобук
Қадам аз пошна то панҷа нозук.
На ҳаргиз дар дилаш боре нишаста,
На як бораш ба по хоре шикаста.
Набуда ошиқу маъшуқ касро,
Надода раҳ ба хотир ин ҳавасро.

[1] Қоқум – як навъ ҳайвоне, ки пӯсти нарму мулоим дорад.
[2] Ну – шакли тағйирёфтаи калимаи «нав» аст.

Ба шаб чун наргиси сероб хуфтӣ,
Саҳар чун ғунчаи хандон шукуфтӣ.
Ба симин луъбатон аз хурдсолон
Ба саҳни хона-дар раъноғизолон,
Вале фориғ зи луъбат чархи даввор,
Набудӣ ғайри луъбатбозияш кор.
Бад-ин сон хурраму дилшод будӣ.
В-аз ғам хотираш озод будӣ.
К-аш аз айём бар гардан чӣ ояд,
В-аз ин шабҳои обистан чӣ зояд.

### Дар ниёми маном дидани Зулайхо навбати аввал теғи офтоби ҷамоли Юсуфро ва куштаи ишқ шудани вай бо он теғи ниҳуфта дар ниём

Шабе хуш ҳамчу субҳи зиндагонӣ,
Нишотафзо чу айёми ҷавонӣ.
Зи ҷунбиш мурғу моҳӣ орамида,
Ҳаводис пой дар доман кашида.
Дар ин бустансорои пурназора
Намонда боз ҷуз чашми ситора.
Рабуда дузди шаб ҳуши асасро[1],
Забон баста ҷарас ҷунбонҷарасро.
Сагонро тавқ гашта ҳалқаи дум,
Дар он ҳалқа раҳи фарёдашон гум.
Зи шаҳпар мурғи шаб ханҷар кашида,
Зи бонги субҳ нои худ бурида,
Зи кунгурдори кохи шаҳрёрӣ
Чу ҳорис дида шакли кӯкнорӣ.
Ба бедорӣ намонда дигараш тоб,
Хавоси кӯкнораш карда дар хоб.

---

[1] Асас – миршаб.

Ситода аз духулкӯбӣ духулкӯб,
Ҳуҷуми хоб дасташ баста бар чӯб.
Накарда муъзин аз гулбонги ё ҳай
Фироши ғафлати шабмурдагон тай.
Зулайхо, он ба лабҳо шаккари ноб,
Шуда бар наргисаш ширин шакархоб.
Сараш суда ба болин ҷаъди сунбул,
Танаш дода ба бистар хирмани гул.
Зи болин сунбулаш дар ҳам шикаста,
Ба гул тори ҳарираш нақш баста.
Ба хобаш чашми суратбин ғунуда,
Вале чашми дигар аз дил кушуда.
Даромад ногаҳон аз дар ҷавоне,
Чӣ мегӯям, ҷавоне не, ки ҷоне.
Ҳумоюнпайкаре аз олами нур,
Ба боғи хулд карда ғорати ҳур.
Рабуда сар ба сар ҳусну ҷамолаш,
Гирифта як ба як ғанҷу далолаш.
Кашида қомате чун тоза шамшод,
Ба озодӣ ғуломаш сарви озод.
Зи бар овехта зулфе чу занҷир,
Хирадро баста дасту пои тадбир.
Фурӯзон лаъли нур аз ҷабинаш,
Маҳу хуршедро рӯ бар заминаш.
Муқаввас абруяш меҳроби покон,
Муанбар соябон бар хобнокон,
Рухаш моҳе зи авҷи бурҷи фирдавс,
Зи абрӯ карда он маҳ хона дар қавс.
Мукаҳҳал[1] наргисаш аз сурмаи ноз,
Зи мижгон бар ҷигарҳо новакандоз.
Ду лаълаш аз табассум дар шаккарез,
Даҳонаш дар такаллум шаккаромез.

---

[1] Мукаҳҳал – сурмакашида.

Бариқи[1] дураш аз лаъли дурафшон
Чу аз гулгун шафақ барқи дурахшон.
Ба ханда аз Сурайё нур мерехт,
Намак аз пистаи пуршӯр мерехт,
Ки гар бар чашми ошиқ кардияш ҷой,
Шудӣ пуробила з-ашкаш кафи пой.
Надонам, аз зару зевар чӣ гӯям,
Ки хоҳад буд қосир, ҳар чӣ гӯям.
Ба зевар худ кӣ васфи он парӣ кард,
Ки зеварро ҷамолаш зеварӣ кард.
Пур аз гавҳар ба торак афсаре дошт,
Ки дар ҳар як хироҷи кишваре дошт.
Дуру лаълаш, ки буд овезаи гӯш,
Ҳамебурд аз дилу ҷон лутфи он хуш.
Агар бигсастияш гавҳар зи гардан,
Шудӣ ганҷи ҷавоҳир ҷайбу доман.
Мурассаъ мӯйбандаш дар қафо буд,
Ҳазорон иқди гавҳарро баҳо буд.
На гар лутфаш гирифтӣ ёраро даст,
Кӣ ёристӣ ба дастонаш бар ӯ баст?!
Наёрам беш аз ин зар хабар дод,
Ки шуд халхолу андар пояш афтод.
Гаҳе дар ишваи маснаднишинӣ,
Ба зебо дебаи румию чинӣ,
Гаҳе дар ҷилваи айвонхиромӣ,
Зи заркаш ҳуллаи мисрию шомӣ.
Ба ҳар рӯзи наве, к-афканда партав,
Набуда бар танаш ҷуз хилъати нав.
Ба як ҷайбаш дубора сар насуда
Чу маҳ ҳар рӯз аз бурҷе намуда.
Зи побӯси сарон доман кашидӣ,
Бад-ин давлат магар доман расидӣ:
Надодӣ даст ҷуз пироҳанашро,

[1] Бариқ – барқ.

Ки дар оғӯши худ дидӣ танашро.
Саҳисарвон ҳаводориш кардӣ,
Парирӯён парасториш кардӣ.
Зи ҳамзодон ҳазорон ҳурзода
Ба хидмат рӯзу шаб пешаш ситода.
Закан чун себе аз ғабғаб мутаввақ[1],
Зи себ овехта обе муаллақ.
Ба гул холи рухаш аз мушк доғе,
Гирифта ошён зоғе ба боғе.
Зи симаш соиду бозу тавонгар,
Зи бесимӣ миён чун мӯй лоғар.
Зулайхо чун ба рӯяш дида бикшод,
Ба як дидораш афтод, он чи афтод.
Ҷамоле дид, аз ҳадди башар дур,
Надида аз парӣ, нашнида аз ҳур.
Зи ҳусни сурату лутфи шамоил
Асираш шуд ба як дил, не, ба сад дил!
Гирифт аз қоматаш дар дил хаёле,
Нишонд аз дӯстӣ дар ҷон ниҳоле,
Зи рӯяш оташе дар сина афрӯхт,
В-аз он оташ матои сабру дин сӯхт.
В-аз он анбарфишон гесӯи дилбанд
Ба ҳар мӯ риштаи ҷон кард пайванд.
Зи тоқи абруяш бо нола шуд ҷуфт,
Зи хоболуда чашмаш ғарқи хун хуфт.
Дили танг аз лабаш тунги шакар сохт,
Зи дандонаш мижа иқди гуҳар сохт.
Зи симин соидаш шуст аз хирад даст,
Миёнашро камар дар бандагӣ баст.
Ба рӯяш дид мушкин холи дилкаш,
Нишаст аз вай сипандосо бар оташ.
Зи себи ғабғабаш осеби ҷон дид,
Бад-он сон себе осон кай тавон чид?!

[1] Мутаввақ – тавқдор, тавқбаста.

Баномэзад чӣ зебо сурате буд,
Ки сурат сохт в-андар маънӣ афзуд.
Зулайхо аз зулайхой рамида,
Аз он сурат ба маънӣ орамида,
Аз он маънӣ агар огоҳ будӣ,
Яке аз восилони роҳ будӣ.
Вале чун буд дар сурат гирифтор,
Нашуд дар аввал аз маънӣ хабардор.
Ҳама дар банди пиндорем монда,
Ба суратҳо гирифторем монда.
Зи сурат гар на маънӣ рӯ намояд,
Куҷо як дил суи сурат гыроядд.
Яқин донад, ки дар кӯза наме ҳаст,
Аз он дар гардан орад ташнааш даст.
Чу созад ғарқа дарёи зулолаш,
Наёяд ёди намдида сафолаш.

**Вазидани насими саҳарӣ бар Зулайхо**
**ва наргиси хобнокашро кушодан**
**ва аз хаёли шабона ғунчавор**
**хун ба дил фурӯ хӯрдан**
**ва муҳр бар лаб ниҳодан**

Сахан чун зоғи шаб парвоз бардошт,
Хурӯси субҳгоҳ овоз бардошт,
Анодил лаҳни дилкаш баркашиданд,
Лиҳофи ғунча аз гул баркашиданд,
Суман аз оби шабнам рӯи худ шуст,
Бунафша ҷаъди анбарбӯи худ шуст.
Зулайхо ҳамчунон дар хоби нӯшин,
Дилашро рӯй дар меҳроби дӯшин.
Набуд он хоби хуш, беҳушие буд,
Зи савдои шабаш мадҳушие буд.

Канизон рӯй бар пояш ниҳоданд,
Парасторон ба рӯяш бӯса доданд.
Ниқоб аз лолаи сероб бикшод,
Хуморолуда чашм аз хоб бикшод.
Гиребон матлаи хуршеду маҳ кард,
Зи матлаъ сар зада, ҳар сӯ нигаҳ кард.
Надид аз гулрухи дӯшин нишоне,
Чу ғунча шуд фурӯ дар хун замоне.
Зи нола нағмаи ҷонкоҳ бардошт,
Ба зеру бам фиғону оҳ бардошт.
Хаёли ёр пеши дида биншонд,
Ҳам аз дида, ҳам аз лаб гавҳар афшонд.
Ки: Эй покизагавҳар, аз чӣ конӣ,
Ки аз ту дорам ин гавҳарфишонӣ?!
Дилам бурдию номи худ нагуфтӣ,
Нишоне аз мақоми худ нагуфтӣ.
Намедонам, ки номат аз кӣ пурсам,
Куҷо оям, мақомат аз кӣ пурсам?
Агар шоҳӣ, туро, охир, чӣ ном аст?
В-агар моҳӣ, туро манзил кадом аст?
Мабодо ҳеҷ кас чун ман гирифтор,
Ки не дил дорам андар бар, на дилдор,
Хаёлат дидаму бирбуд хобам,
Кушод аз дидаву дил хуни нобам.
Кунун дорам мани бехобмонда
Диле аз оташат дар тоб монда.
Чӣ бошад, гар занӣ обам бар оташ,
Набошӣ ҳамчу оташ гарму саркаш.
Гуле будам зи гулзори ҷавонӣ,
Тару тоза чу оби зиндагонӣ.
На бар сар ҳаргизам боде вазида,
На дар по ҳаргизам хоре халида.
Ба як ишва маро бар бод додӣ,
Ҳазорам хор дар бистар ниҳодӣ.

Тане нозуктар аз гулбарг сад бор,
Чӣ сон хоб оядам бар бистари хор.
Ҳама шаб то саҳаргаҳ кораш ин буд,
Шикоят бо хаёли ёраш ин буд.
Чу шаб бигзашт дафъи ҳар гумонро,
Бишуст аз гиря чашми хунфишонро.
Лабаш тар буд аз хун хӯрдани шаб,
Кулӯхи хушкро молид бар лаб.
Бар он шуд, к-аз ғами он сарви чолок
Гиребон ҳамчу гул бар тан занад чок.
Вале шарм аз касон бигрифт дасташ,
Ба домони сабурӣ пой бассташ.
Ниҳон медошт розаш дар дили танг,
Чу кони лаъл, лаъл андар дили санг.
Фурӯ мехӯрд чун ғунча ба дил хун,
Намедод аз дарун як шамма берун.
Лаби ӯ бо канизон дар ҳикоят,
Дили ӯ з-он ҳикоят дар шикоят.
Даҳонаш бо рафиқон дар шакарханд,
Дилаш чун найшакар дар сар гиреҳбанд.
Забонаш бо ҳарифон дар фасона,
Ба дил аз доғи ишқаш сад забона.
Назар бар сурати ағёр медошт,
Вале пайваста дил бо ёр медошт.
Инони дил ба дасташ худ кучо буд,
Ки ҳар ҷо буд, бо он дилрабо буд.
Диле к-аз ишқ дар коми наҳанг аст,
Зи ҷустуҷӯи комаш пой ланг аст.
Бурун аз ёри худ коме надорад,
Дарунаш бо кас ороме надорад,
Агар гӯяд сухан, бо ёр гӯяд,
В-агар ҷӯяд мурод аз ёр ҷӯяд.
Ҳазорон бор ҷонаш бар лаб омад,
Ки то он рӯзи меҳнатро шаб омад.

Шаб омад созгори ишқбозон,
Шаб омад роздори ишқбозон.
Аз он бар рӯзашон шаб ихтиёр аст,
Ки он як парда дар дин пардадор аст.
Чу шаб шуд, рӯй дар девори ғам кард,
Ба зорӣ пушти худ чун чанг хам кард.
Зи тори ашк баст ӯ тор бар чанг,
Ба дилпардозии худ сохт оҳанг.
Ба болин равнақ аз гулбарги тар дод,
Ба бистар ҷон зи сарви симбар дод.
Шабу рӯзаш бад-ин оин гузаштӣ,
Сари мӯе аз ин оин нагаштӣ.

### Аз мушоҳидаи тағайюри ҳоли Зулайхо гиреҳи таҳайюр ба риштаи тафаккури канизон афтодан ва доя ба сарангушти истифсор[1] гиреҳро аз он ришта кушодан

Камони ишқ ҳар ҷо афканад тир,
Сипардорӣ набошад кори тадбир.
Чу созад дар дарун он тир хона,
Зи берун бошад онро сад нишона.
Хуш аст аз бихрадон ин нукта гуфтан,
Ки мушку ишқро натвон ниҳуфтан.
Агар бар мушк гардад парда садтӯй,
Кунад ғаммозӣ аз сад пардааш бӯй.
Зулайхо ишқро пӯшида медошт,
Ба сина тухми ғам пӯшида мекошт.
Вале сар мезад он ҳар дам зи ҷое,
Ҳамекард аз дарун нашъунамое.

---
[1] Истифсор – пурсиш, пурсупос.

Гаҳе аз гиря чашмаш об мерехт,
Ба ҷои об хуни ноб мерехт,
Ба ҳар қатра, ки аз мижгон кушодӣ,
Ниҳонӣ рози ӯ бар рӯ фитодӣ.
Гаҳе аз оташи дил оҳ мекард,
Ба гардун дуди оҳаш роҳ мекард.
Ба ҳар оҳе, ки аз дил баркашидӣ,
Касон бӯи кабоби дил шунидӣ.
Чу будӣ рӯзу шаб бехобу бех(в)ард,
Гули сурхаш намудӣ лолаи зард
Бидонистӣ ҳама, к-аз ҳеҷ боғе
Нарӯяд лолае холӣ зи доғе.
Канизон ин нишониҳо чу диданд,
Хати ошуфтагӣ бар вай кашиданд.
Вале равшан нашуд, к-онро сабаб чист,
Қазоҷунбони он ҳоли аҷаб кист.
Яке гуфто: «Касе мислаш надидаст,
Ҳамоно, к-аз касе чашмаш расидаст».
Яке афтод ин маънӣ писандаш,
Ки аз деву парӣ омад газандаш.
Яке гуфто: «Ҳамоно сеҳрсозе
Зи сеҳраш баст бар доман тирозе».
Яке гуфт: «Ин ҳама осори ишқ аст,
Дилаш, бешак, ба зери бори ишқ аст,
Вале касро ба бедорӣ надида,
Зи хобаш гӯй ин офат расида».
Ҳаме баст аз гумони кас хаёле,
Ҳамекарданд бо ҳам қилу қоле.
Вале сирри дилаш зоҳир намешуд,
Сухан бар ҳеҷ чиз охир намешуд.
Аз он ҷумла фусунгар දояе дошт,
Ки аз афсунгарӣ сармояе дошт.
Ба роҳи ошиқӣ корозмуда,
Гаҳе ошиқ, гаҳе маъшуқ буда.

Ба ҳам васлатдиҳи маъшуқу ошиқ,
Мувофиқсози ёри номувофиқ.
Шабе омад, замин бӯсид пешаш,
Ба ёд оварди хидматҳои хешаш.
Бигуфт: «Эй ғунчаи бустони шоҳӣ,
Ба хорӣ аз ту гулрӯён мубоҳӣ.[1]
Дилат хуррам, лабат пурханда бодо,
Зи фаррат бахти мо фархунда бодо!
Ту дар боғи ҷамол он тозасарвӣ,
Ки карда тӯтии ҷонам тазарвӣ.
Ман аз баҳри вафо он ҷӯйборам,
Ки парвардам замона бар канорам.
Рухат з-оғоз ман будам, ки дидам,
Ба теғи меҳр нофат ман буридам,
Сару тан шустам аз мушку гулобат,
Гулоби мушкбӯ кардам хитобат.
Қимот[2] аз пардаи дил кардамат соз,
Зи ҷонаш ришта печидам ба сад ноз.
Ғизо аз шир додам шаккаратро,
Бипарварам тани ҷонпарваратро.
Шаб омад, хоб дар кори ту кардам,
Саҳар шуд, зеби рухсори ту кардам.
Агар рафтам, тирози дӯш будӣ,
Чу хуфтам, хуфта дар оғӯш будӣ.
Чу шуд шохи гулат сарви хиромон,
Ҳанӯзат даст нагсастам зи домон.
Ба ҳар корет хидматгор будам,
Ба хидматгорият дар кор будам.
Ба ҳар ҷо рафт сарви дилрабоят,
Фитодам ҳамчу соя дар кафоят.
Чу биншастӣ, ба хидмат истодам,
Чу хуспидӣ, ба поят сар ниҳодам.

---

[1] Мубоҳӣ – нозкунанда, фахркунанда.
[2] Қимот – порчае, ки кӯдаки хурдсолро дар он печонанд.

Кунун ҳам дар ҳамон корам, ки будам,
Бад-он сидқат парасторам, ки будам.
Зи ман рози дилат пинҳон чӣ дорӣ,
Зи худ бегонаам з-ин сон чӣ дорӣ?
Бигӯ, охир, дар ин корат кӣ андохт,
Кӣ бурд ин сон хирад, борат кӣ андохт?
Чунин ошуфтаву дарҳам чарой,
Чунин бо дарду ғам ҳамдам чарой?
Гули сурхат чаро зард аст аз ин сон,
Дами гармат чаро сард аст аз ин сон?
Ту хуршедӣ, чу моҳат костан чист,
Заволи чоштгоҳат хостан чист?
Яқин донам, ки зад моҳе туро роҳ,
Бигӯ равшан маро, то кист он моҳ?
Агар бар осмон бошад фаришта,
Зи нури қудсиён зоташ сиришта,
Ба тасбеҳу дуо хонам чунонаш,
Ки орам бар замин аз осмонаш.
В-агар бошад парӣ, дар кӯҳу беша,
Азоимхониям кор асту пеша,
Ба тасхираш азиматҳо бихонам,
Кунам дар шишаву пешат нишонам.
В-агар бошад зи ҷинси одамизод,
Ба зудӣ созам аз вай хотират шод.
Кӣ бошад худ, ки пайвандат нахоҳад,
На банда, бал Худовандат нахоҳад?»
Зулайхо чун бидид он меҳрбонӣ,
Фусунпарзодию афсонахонӣ,
Надид аз рост гуфтан ҳеҷ чора,
Гирифт аз гиря маҳро дар ситора,
Ки ганҷи мақасадам бас нопадид аст,
Дари он ганҷ нопайдокалид аст.
Чӣ гӯям бо ту аз мурғе нишона,
Ки бо анқо бувад ҳамошёна?!

Зи анқо ҳаст номе пеши мардум,
Зи мурғи ман бувад он ном ҳам гум.
Чӣ ширин аст айши талхкоме,
Ки медонад зи коми хеш номе.
Зи дурӣ гарчи бошад талх комаш,
Кунад боре забон ширин зи номаш.
Забон бикшод он гаҳ пеши доя,
Зи ҳамрозӣ баландаш сохт поя.
Ба хоби хештан бедорияш дод,
Ба беҳушии худ ҳушёрияш дод.
Чу доя ҳарфе аз тӯмори ӯ хонд,
Зи чорасозияш ҳайрон фурӯ монд.
Бале, ин ҳарф нақши ҳар хаёл аст,
Ки нодонистаро ҷустан муҳол аст.
Муродеро зи аввал то надонӣ,
Куҷо дар охираш ҷустан тавонӣ?!
Наёрист аз дилаш чун банд бикшод,
Ба ислоҳаш забони панд бикшод.
Нахустин гуфт, к-инҳо кори дев аст,
Ҳамеша кори девон макру рев[1] аст.
Ба мардум сурати зебо намоянд,
Ки то бар вай дари савдо кушоянд.
Зулайхо гуфт: «Деверо чӣ ёро,
Ки бинмояд чунон шакли дилоро?
Тане, к-аз шӯру шар бошад сиришта,
Маозаллаҳ, к-аз ӯ зояд фаришта».
Дигар гуфто, ки ин хобест норост,
Чаро бояд ба ҳар нbackst ҷон кост?!
Бигуфт: «Ин хоб агар норост будӣ,
Бад-ин сон ростонро кай рабудӣ?
Шуморанд аҳли дил ин нуктаро рост,
Ки каҷ ба каҷ гироянд, рост бо рост».

[1] Рев – ҳила, фиреб.

Дигар гуфто, ки ҳастӣ донишандеш,
Бурун кун ин муҳол аз хотири хеш!
Бигуфто: «Кор агар будӣ ба дастам,
Кай ин бори гарон додӣ шикастам?
Маро тадбири кор аз даст рафтаст,
Инони ихтиёр аз даст рафтаст.
Маро нақше нишаста дар дили танг,
Ки бас муҳкамтар аст аз нақш бар санг.
Агар боде вазад ё обе ояд,
Зи санг он нақши муҳкам чун зудояд?»
Чу доя дидаш андар ишқ муҳкам,
Фурӯ баст аз насиҳатгӯияш дам.
Ниҳонӣ рафту ҳолаш бо падар гуфт,
Падар з-он қиссаи мушкил барошуфт.
Вале, чун буд оҷиз дасти тадбир,
Ҳаволат кард корашро ба тақдир.

### Хоб дидани Зулайхо Юсуфро навбати дувум ва силсилаи ишқи вай ҷунбидан ва вайро дар вартаи ҷунун кашидан

Хуш он дил, к-андар ӯ манзил кунад ишқ,
Зи кори оламаш ғофил кунад ишқ.
Дар ӯ рахшанда барқе барфурӯзад,
Ки сабру ҳушро хирман бисӯзад.
Намонад дар вай андӯҳи саломат,
Шавад коҳе бар ӯ кӯҳи маломат.
Чунон ҷонаш маломаткеш гардад,
Ки ишқаш аз маломат беш гардад.
Зулайхо ҳамчу маҳ мекост соле,
Пас аз соле, ки шуд бадраш ҳилоле.

Ҳилолосо шабе пушти хамида
Нишаста дар шафақ аз хуни дида
Ҳаме гуфт: «Эй фалак, бо ман чӣ кардӣ?
Расондӣ офтобамро ба зардӣ!
Фикандӣ чун камонам рост қомат,
Нишонам кардӣ аз тири маломат.
Ба дасти саркаше додӣ инонам,
К-аз ӯ ҷуз саркашӣ чизе надонам.
Ниҳода дар дилам аз меҳр тобе,
Бахилӣ мекунад бо ман ба хобе.
Ба бедорӣ нагардад ҳамнишинам,
Наёяд ҳам, ки дар хобаш бибинам,
Нишони бахти бедорест он хоб,
Ки дар вай бинам он моҳи ҷаҳонтоб.
Нагирад чашми ман дар хуфтан ором,
Зи бахти хештан хобаш диҳам вом.
Бувад, бахтам шавад аз хоб бедор,
Намояд ёрам андар хоб дидор».
Ҳамегуфт ин сухан то посе аз шаб,
Расида ҷонаш аз андӯҳ бар лаб,
Зи ногаҳ з-ин хаёлаш хоб бирбуд,
Набуд он хоб, бал беҳушие буд.
Ҳанӯзаш тан наёсуда ба бистар,
Даромад орзуи ҷонаш аз дар.
Ҳамон сурат, к-аз аввал зад бар ӯ роҳ,
Даромад бо рухи равшантар аз моҳ.
Назар чун бар рухи зебояш андохт,
Зи ҷо барҷасту сар дар пояш андохт.
Замин бӯсид, к-эй сарви гуландом,
Ки ҳам сабрам зи дил бурдӣ, ҳам ором.
Ба он сонеъ, ки аз нур офаридат,
Зи ҳар олоише дур офаридат,
Туро бар хайли хубон сарварӣ дод,
Ба лутф аз оби ҳайвон бартарӣ дод,

Қадатро гулбуни бустони ҷон сохт,
Лабатро мояи қути равон сохт,
Зи рӯи дилфурӯзат шамъе афрӯхт,
Ки чун парвона мурғи ҷони ман сӯхт.
Зи мушкин гесувон додат каманде,
Ки бар ман з-ӯ ба ҳар мӯест банде.
Танамро сохт чун мӯй аз миёнат,
Диламро танг чун мими даҳонат,
Ки бар ҷони мани бедил бибахшой,
Ба посух лаъли шаккарбор бикшой.
Бигӯ бо ин ҷамолу дилситонӣ
Кии ту в-аз кадомин хонадонӣ?
Дурахшон гавҳарӣ, конат кадом аст,
Гиромӣ шоҳӣ, айвонат кадом аст?
Бигуфто: «Аз нажоди одамам ман,
Зи ҷинсу обу хоки оламам ман.
Кунӣ даъво, ки ҳастам ба ту ошиқ,
Агар ҳастӣ дар ин гуфтор содиқ,
Ҳақи меҳру вафои ман нигаҳ дор,
Ба беҷуфтӣ ризои ман нигаҳ дор.
Макун дандонрасида шаккаратро,
Масоз алмосдида гавҳаратро.
Туро аз ман агар бар сина доғ аст,
Напиндорӣ, к-аз он доғам фароғ аст.
Маро ҳам дил ба доми туст дар банд
Зи доғи ишқи ту ҳастам нишонманд».
Зулайхо чун бидид он меҳрбонӣ,
Зи лаъли ӯ шунид он нуктаронӣ,
Гирифт аз нав парӣ девонаеро,
Фитод оташ ба ҷон парвонаеро.
Саре масти хаёл аз хоб бархост.
Ҷигар пурсузӯ дил пуртоб бархост,
Ба дил андӯҳи ӯ анбӯҳтар шуд,
Ба гардун ду даш аз андӯҳ бар шуд.

Зи ҳад бигзашт ғавғое, ки будаш,
Яке сад гашт савдое, ки будаш,
Зимоми ақл берун рафташ аз даст,
Зи банди панду қайди маслиҳат раст.
Ҳамезад ҳамчу ғунча ҷайби ҷон чок,
Чу лола хуни дил мерехт бар хок.
Гаҳе аз меҳри рӯяш рӯй меканд,
Гаҳе бар ёди зулфаш мӯй меканд.
Парасторон ба ҳар сӯяш нишастанд,
Ба гирди маҳ чу ҳола ҳалқа бастанд.
Агар з-он ҳалқа будӣ ҳеҷ тақсир,
Бурун ҷастӣ зи ҳалқа рост чун тир.
В-агар нагрифтияш он ҳалқа домон,
Суи барзан шудӣ сарваш хиромон.
В-агар бандаш накардӣ ғунчакирдор,
Чу гул бепарда кардӣ рӯ ба бозор.
Падар з-он воқеа чун гашт огоҳ,
Давоҷӯ шуд зи доноёни даргоҳ.
Ба тадбираш ба ҳар роҳе давиданд,
Беҳ аз занҷир тадбире надиданд.
Бифармуданд печон море аз зар,
Ки бошад муҳрадор аз лаълу гавҳар.
Ба симин соқаш он мори гуҳарсанҷ
Даромад ҳалқазан чун мор бар ганҷ.
Зулайхо буд ганҷи хубӣ, оре,
Бувад ҳар ганҷро ночор море.
Чу зарринмор зери доманаш хуфт,
Зи дида муҳра мебориду мегуфт:
«Маро пои дил андар ишқ банд аст,
Ҳамон бандам аз ин олам басанда-ст.
Сабукдастии чархи умрфарсой
Бад-ин бандам чаро созад гаронпой?
Маро худ қуввати пое намондаст,
Ба ҳеҷ омад-шудан рое намондаст.

Ба ин банди гарон по бастанам чист,
Бад-ин теғи ҷафо дил хастанам чист?!
Фурӯ рафтаст пои сарв дар гил,
Раҳи ҷунбиш бар ӯ гаштаст мушкил.
Чӣ ҳикмат боғбон бинад дар ин боб,
Ки занҷираш ниҳад бар пой аз об?!
Ба пои дилбаре занҷир бояд,
Ки дар як лаҳза ҳуш аз ман рабояд.
Набошад дар назар чандон дирангаш,
Ки бинам сер рӯи лоларангаш.
Зи ман чун барқи рахшон бигзарад зуд,
Барорад аз дили пуроташам дуд.
Агар ёрӣ диҳад бахти баландам,
Бад-ин занҷири зар пояш бибандам.
Бибинам рӯи ӯ, чандон ки хоҳам,
Бад-ӯ равшан шавад рӯзи сиёҳам.
Чӣ мегӯям нигори нозпарвард,
Ки гар бар пушти по биншинадаш гард,
Ба рӯи ҷон нишинад кӯҳи дардам,
Бисоти шодмонӣ дарнавардам,
Писандам, гар фитад бар хотираш бор,
Ба симин соқи ӯ аз банд озор,
Маро сад теғ хуштар бар дили танг,
Ки дар домони ӯ хоре занад чанг».
Аз ин афсонаҳои ошиқона
Яке афтод ногаҳ бар нишона.
Фитод аз захми он бар синааш чок,
Чу сайди захмнок афтод бар хок.
Ба беҳушӣ замоне гашт дамсоз,
Дигар омад ба ҳоли хештан боз.
Ба афсуни дили девонаи хеш,
Зи сар оғоз кард афсонаи хеш,
Гаҳе дар гиря, гаҳ дар ханда мешуд,
Гаҳе мемурду гоҳе зинда мешуд.

Ҳамешуд ҳар дам аз ҳоле ба ҳоле
Бад-ин сон буд ҳолаш то ба соле.

### Ба хоб омадани Юсуф Зулайхоро навбати севум ва ному мақоми вай донистан ва ба ақлу ҳуш бозомадан

Биё, эй ишқи пурафсуну найранг,
Ки бошад кори ту гаҳ сулҳу гаҳ ҷанг.
Гаҳе фарзонаро девона созӣ,
Гаҳе девонаро фарзона созӣ.
Чу бар зулфи париӯён ниҳӣ банд,
Ба занҷири ҷунун афтад хирадманд.
В-агар з-он зулф банде баркушоӣ,
Чароғи ақл ёбад рӯшноӣ.
Зулайхо як шабе не сабру не ҳуш,
Ба ғам ҳамрозу бо меҳнат ҳамоғӯш,
Зи ҷоми дард дурдошомие кард,
Зи шӯри ишқ беоромие кард.
Кашид аз миқнаа[1] мӯи муанбар,
Фишонд аз оташи дил хок бар сар.
Ба саҷда пушти сарви ноз хам кард,
Заминро рашки гулзори Ирам кард.
Зи наргис рехт ашки арғавонӣ,
Чу савсан кард сози хушзабонӣ.
Шуд аз ғамгин дили худ ғуссапардоз,
Ба ёри хеш кард ин қисса оғоз,
Ки эй торочи ту ҳушу карорам,
Парешон кардаӣ ту рӯзгорам.
Ғамам додию ғамхорӣ накардӣ,
Дилам бурдию дилдорӣ накардӣ.

---

[1] Миқнаа – чодари рӯ.

Надонам номи ту, то созамаш вирд,
Наёбам ҷои ту, то гардамаш гирд.
Ба коми хеш мекардам шакарханд,
Кунун дар бандам аз ту чун наи қанд.
Чу ғунча баски хӯрдам аз ғамат хун,
Фитодам ҳамчу гул аз парда берун.
Намегӯям, ки дар чашмат азизам,
На, охир, мар туро камтар канизам.
Чӣ бошад, гар канизеро навозӣ,
Зи банди меҳнаташ озод созӣ?!
Мабодо кас ба хун оғушта чун ман,
Миёни халқ расво гашта чун ман.
Дили модар зи бадпайвандиям танг,
Падарро ояд аз фарзандиям нанг.
Парасторон маро падруд карданд,
Ба танҳоим ғамфарсуд карданд.
Задӣ оташ ба ҷон чун ман хасеро,
Насӯзад кас бад-ин сон бекасеро.
Ба он мақсуди ҷону дил хитобаш
Бад-ин сон буд, то бирбуд хобаш.
Чу чашмаш маст гашт аз соғари хоб,
Ба хобаш омад он ғоратгари хоб.
Ба шакле хубтар, аз ҳар чӣ гӯям,
Надонам, баъд аз он дигар чӣ гӯям.
Ба зорӣ даст дар домонаш овехт,
Ба пояш аз мижа хуни ҷигар рехт,
Ки эй дар меҳнати ишқат рамида,
Қарорам аз дилу хобам зи дида,
Ба поке, к-он чунин пок офаридат,
Зи хубони ду олам баргузидат,
Ки андӯхи маро кӯтоҳие деҳ,
Зи номи шаҳри хеш огоҳие деҳ.
Бигуфто: «Гар бад-ин корат тамом аст,
Азизи Мисраму Мисрам мақом аст,

Ба Миср аз хосагони шоҳи Мисрам,
Азизӣ дод, иззу ҷоҳи Мисрам».
Зулайхо чун зи ҷонон ин нишон ёфт,
Ту гӯӣ, мурдаи садсола ҷон ёфт.
Расидаш боз аз он гуфтори чун нӯш
Ба тан зӯру ба ҷон сабру ба дил ҳуш.
Аз он хобе, ки дид аз бахти бедор,
Агарчи хуфт маҷнун, хост ҳушёр.
Хабар з-он маҳ, ки дар дил ҷӯшаш овард,
Дигарбора ба ақлу ҳушаш овард.
Канизонро зи ҳар сӯ дод овоз,
Ки эй бо ман дар ин андӯҳ дамсоз!
Падарро муждаи давлат расонед,
Дилашро з-оташи меҳнат раҳонед,
Ки омад ақлу дониш сӯи ман боз,
Равон шуд оби рафта ҷӯи ман боз.
Биё, бардор банди зар зи симам,
Ки набвад аз ҷунун минбаъд бимам.
Чу мудхил[1] симро дар банд магзор,
Ба дасти ҷуд банд аз сим бардор.
Падарро чун расид ин мужда дар гӯш,
Ба истиқболи он рафт аз сараш ҳуш.
Ба расми ошиқ аввал тарки х(в)ад кард,
В-аз он пас раҳ суи он сарвқад кард.
Даҳон бикшод он мори дусарро,
Раҳонд аз банди зар он симбарро.
Парасторон ба пояш сар ниҳоданд,
Ба зери пош тахти зар ниҳоданд.
Нишондандаш фарози маснади ноз,
Ба зарин тоҷ кардандаш сарафроз,
Парирӯён зи ҳар ҷо ҷамъ гаштанд,
Ҳама парвонаи он шамъ гаштанд.

[1] Мудхил – бахил, мумсик.

Ба ҳамзодон чу дар маҷлис нишастӣ,
Чу тӯтӣ лаъли ӯ шаккар шикастӣ.
Сари дурҷи ҳикоят боз кардӣ,
Зи ҳар шаҳре сухан оғоз кардӣ.
Зи Руму Шом гаштӣ нуктаангез
Шудӣ аз зикри Миср андар шакаррез.
Ҳадиси мисриён кардӣ саранҷом,
Ки то бурдӣ Азизи Мисрро ном.
Чу ин номаш гирифтӣ бар забон ҷой,
Дарафтодӣ ба сони соя аз ҷой.
Зи абри дида сели хун фишондӣ,
Навои нола бар гардун расондӣ.
Зи рӯзу шаб ҳама ин буд кораш,
Сухан аз ёр рондию диёраш.
Ба ин гуфтори хуш гаштӣ суханкӯш,
В-агарна, будӣ аз гуфтор хомӯш.

**Омадани расулони подшоҳони
атроф ғайр аз Миср
ба хостгории Зулайхо
ва тангдил гаштани
вай аз навмедии он**

Зулайхо, гарчи ишқ ошуфт ҳолаш,
Ҷаҳон пур буд аз сити ҷамолаш.
Ба ҳар ҷо қиссаи ҳуснаш расидӣ,
Шудӣ мафтуни ӯ, ҳар кас шунидӣ.
Сарони мулкро савдои ӯ буд,
Ба базми хусравон ғавғои ӯ буд.
Ба ҳар вақт омадӣ аз шаҳрёре
Ба уммеди висолаш хостгоре.
Дар ин фурсат, ки аз қайди ҷунун раст,
Ба тахти дилбарӣ ҳушёр биншаст,

Расулон аз шаҳи ҳар марзу ҳар бум
Чу шоҳи мулки Шому кишвари Рум.
Фузун аз даҳ тан аз раҳ даррасиданд,
Ба даргоҳи ҷалолаш орамиданд.
Яке маншури милку мол дар мушт,
Яке муҳри сулаймонӣ дар ангушт,
Ки ҳар як туҳфаи кишварситонест,
Зи шоҳе хостгореро нишонест.
Ба ҳар ҷо рӯ ниҳад он ғайрати х(в)ар,
Бувад тахт они ӯву тоҷ бар сар.
Ба ҳар кишвар, ки гардад ҷилвагоҳаш,
Бувад дайҳими шоҳӣ хоки роҳаш.
Агар гирад чу маҳ дар Шом ором,
Дуои ӯ кунад аз субҳ то шом.
В-агар орад ба сӯи Рум оҳанг,
Ғуломи вай шаванд аз Рум то Занг.[1]
Бад-ин дастур ҳар қосид паёме
Ҳамегуфт аз лаби фархунданоме.
Зулайхоро аз ин маънӣ хабар шуд,
Зи андеша дилаш зеру забар шуд,
Ки бо инон зи Миср оё касе ҳаст,
Ки ишқи мисриёнам пушт бишкаст?!
Ба сӯи мисриёнам мекашад дил,
Зи Миср ар қосиде набвад, чӣ ҳосил?
Насиме, к-аз диёри Миср хезад,
Ки дар чашмам ғубори Миср безад,
Маро хуштар аз он бод аст сад бор,
Ки орад нофа аз саҳрои Тотор.
Дар ин андеша буд ӯ, к-аш падар хонд,
Падарвораш ба пеши хеш биншонд.
Бигуфт: «Эй нури чашму шодии дил,
Зи банди ғам хати озодии дил,

[1] Занг – Ҳабашистон.

Ба дорулмулки гетӣ шаҳрёрон,
Ба тахти шаҳрёрӣ тоҷдорон
Ба дил доғи таманнои ту доранд,
Ба сина тухми савдои ту коранд.
Ба сӯи мо ба уммеди қабуле
Расидаст инак аз ҳар як расуле.
Бигӯям достони ҳар расулат,
Бибинам, то ки меафтад қабулат.
Ба ҳар кишвар, ки афтад бар дилат майл,
Туро созам ба зудӣ шоҳи он хайл».
Падар мегуфту ӯ хомӯш мебуд,
Ба бӯи ошное гӯш мебуд.
Хушо гӯши сухан кардан зи ҷое
Ба уммеди ҳадиси ошное.
Зи шоҳон қиссаҳо пайдарпай овард,
Вале аз мисриён дам барнаёвард.
Зулайхо дид, к-аз Мисру диёраш
Наёмад ҳеҷ қосид хостгораш,
Зи дидори падар навмед бархост,
Зи ғам ларзон чу шохи бед бархост.
Ба нӯки дида марворид месуфт,
Зи дил хуноба мебориду мегуфт:
«Маро, эй кошкӣ модар намезод,
В-агар мезод, кас ширам намедод.
Надонам бар чӣ толеъ зодаам ман,
Бад-ин толеъ куҷо афтодаам ман?!
Агар бархезад аз дарё саҳобе,
Ки резад бар лаби ҳар ташна обе,
Чу раҳ сӯи мани лабташна орад,
Ба ҷои об ҷуз оташ наборад.
Надонам, эй фалак бо ман чӣ дорӣ?
Чу хешам ғарқи хун доман чӣ дорӣ?
Гарам надҳӣ ба сӯи дӯст парвоз,
Зи вай боре чунин дурам маяндоз.

Гар аз ман марг хоҳӣ, мурдам инак,
Зи бедорӣ ту ҷон биспурдам инак.
В-агар хоҳӣ маро дар ранҷу андӯҳ,
Ниҳодӣ бар дилам сад ранҷу чун кӯҳ,
Ба зери кӯҳ кохе чанд бошад?
Ба мавҷи ғам гиёҳе чанд бошад?
Дилам аз захми ту сад ҷой реш аст,
Агар раҳме кунӣ, бар ҷои хеш аст.
Агар ман шод, агар ғамгин, туро чӣ?
В-агар ман талх, агар ширин, туро чӣ?
Киям ман в-аз вуҷуди ман чӣ хезад?
В-аз ин буду набуди ман чӣ хезад?
Агар шуд хирманам бар бод, гӯ шав,
Дусад хирман аз ин партав ба як ҷав.
Ҳазорон тозагул бар бод додӣ,
Зи доғи марг бар оташ ниҳодӣ.
Куҷо гардад туро хотир парешон,
Ки ман бошам яке дигар аз эшон».
Ба сад афғону дард он рӯз то шаб
Даруне ғунчавор аз ғам лаболаб.
Сиришк аз дидаи ғамнок мерехт,
Ба дасти ғусса бар сар хок мерехт.
Падар чун дид шавқу беқарориш,
Зи савдои Азизи Миср зориш,
Расулонро ба хилъатҳои шоҳӣ
Иҷозат дод, лаб пур узрхоҳӣ,
Ки ҳаст аз баҳри ин фарзона фарзанд,
Забонам бо Азизи Миср дар банд.
Бувад равшан бари донишпарастон,
Ки бошад даст дасти пешдастон.
Забони даҳрро бех з-ин масал нест,
Ки гӯяд дастпеширо бадал нест.
Расулон з-он таманно даргузаштанд,
Зи пешаш, бод дар каф, бозгаштанд.

### Фиристодани падари Зулайхо қосиде ба сӯи Азизи Миср ва арз кардан Зулайхоро бар вай ва қабул кардани вай онро

Зулайхо дошт аз дил бар ҷигар доғ,
Зи навмедӣ фузудаш доғ бар доғ.
Бувад ҳар рӯзро рӯ дар сапедӣ,
Ба ҷуз рӯзи сиёҳи ноумедӣ.
Падар чун баҳри Мисраш хастаҷон дид,
Илоҷи хастаҷониш андар он дид.
Ки доное ба роҳи Миср пӯяд,
Илоҷаш аз Азизи Миср ҷӯяд.
Барад аз вай паёме чанд бо ӯ,
Зулайхоро диҳад пайванд бо ӯ,
Зи наздикон яке доно гузин кард,
Ба доной ҳазораш офарин кард.
Бидод аз тухфаҳо сад гуна чизаш,
Ба рафтан рой зад сӯи Азизаш.
Паёмаш дод, к-эй даври замона
Туро бӯсида хоки остона,
Ба ҳар рӯз аз навозишҳои гардун
Азизӣ бар азизӣ бодат афзун!
Маро дар бурҷи исмат офтобест,
Ки маҳро дар ҷигар афканда тобест,
Зи авҷи моҳ бартар пояи ӯ,
Надида дидаи хур сояи ӯ.
Зи гавҳар дар садаф софибадантар,
Зи ахтар дар шараф партавфикантар.
Кунад пӯшида рух маҳро назора,
Ки тарсад, бинадаш чашми ситора.

Ҷуз оина касе кам дида рӯяш,
Ба ҷуз шона касе набсуда мӯяш.
Набошад ғайри зулфашро муяссар,
Ки гоҳе афканад дар пои ӯ сар.
Ба саҳни хона чун гардад хиромон,
Наёрад пойбӯсаш ғайри домон.
Надида себи ӯ машшота дар мушт,
Насуда бар лабаш найшаккар ангушт.
Ҷамоли ӯ зи гул доман кашида,
Ки пироҳан ба бадномӣ дарида.
Зи наргис ҳусни ӯ пӯшида рухсор,
Ки наргис хирачашм асту қадаҳхор.
Напӯяд дар фурӯғи меҳр ё моҳ,
Ки то бо ӯ нагардад соя ҳамроҳ.
Гузар бар чашмаву ҷӯяш наяфтад,
Ки чашми акс бар рӯяш наяфтад.
Даруни парда манзилгоҳ карда,
Вале сад шӯр аз ӯ беруни парда.
Ҳама шоҳон ҳавоҳоҳони ӯянд,
Хароби лутфи ногоҳони ӯянд.
Сарафрозон зи ҳадди Рус то Шом,
Ҳама аз шавқи ӯ хуни дилошом.
Вале вай дарнаёрад сар ба ҳар кас,
Ҳавои Миср дар сар дораду бас.
Нагардад хотири ӯ ром бо Рум,
Шуморад обу хоки Шомро шум,
Ба роҳи Миср чашми ӯ сабил аст,
Барои Миср ашкаш рӯди Нил аст.
Надонам, сӯи Мисраш ин шааф[1] чист,
Ҳавоангези табъаш он тараф кист,
Ҳамоно хоки ӯ з-он ҷо сириштанд,
Бароти зарқи ӯ он ҷо навиштанд.

---

[1] Шааф – майл, хоҳиш.

Агар афтад қабули раъйи олӣ,
Фиристемаш ба он дилкаш ҳаволӣ.
Агар набвад ба садри хона хубе,
Бувад хидматгареро ханарӯбе.
Азизи Миср чун ин қисса бишнуд,
Кулоҳи фахр бар авҷи фалак суд.
Тавозуъ карду гуфто: «Ман кӣ бошам,
Ки дар дил тухми ин андеша пошам?
Вале чун шаҳ маро бардошт аз хок,
Сазад, гар бигзаронам сар зи афлок.
Ман он хокам, ки абри навбаҳорӣ
Кунад аз лутф бар ман қатраборӣ.
Агар баррӯяд аз тан сад забонам,
Чу сабза шукри лутфат чун тавонам?!
Бад-ин лутфе, ки шаҳ кардаст изҳор,
Кунад воҷиб, ки гар бахтам шавад ёр,
Кунам аз фарқ пой, аз дида наълайн,
Шавам сӯяш равон бирраъсу алъайн[1].
Вале бо шоҳи Миср, он кони фарҳанг
Чунонам даргирифта хидмате танг.
Ки гар як соат аз вай дур гардам,
Зи теғи сатваташ[2] ранҷур гардам.
Дар ин хидмат маро маъзур дорад,
Гумони нахват аз ман дур дорад.
Агар гӯяд, барои ҳақгузорӣ
Равон созам дусад заррин аморӣ,
Ҳазорон аз канизону ғуломон
Санавбарқоматон, тӯбохиромон.
Ғуломони зи бас некӯсириште,
Мусаффотар зи ғилмони[3] биҳиште.

---

[1] Бирраъсу алъайн – бо сару дида, бо чашму сар.
[2] Сатват – қаҳр; ҳамла, ҳуҷум.
[3] Ғилмон – ғуломони биҳиштӣ.

Зи ширинӣ даҳоншон дар шакарханд,
Зи лаълу зар ҳама бар мӯ камарбанд.
Қабо баста, кулаҳ гӯша шикаста,
Ба заррин хонаҳои зин нишаста.
Канизоне ҳама дар ҳуллаи ҳур,
Чу ҳурон аз қусури обу гил дур .
Муанбар турраҳо бар гул кушода,
Муқаввас тоқаҳо ба маҳ ниҳода.
Зи ҳар гавҳар ба худ барбаста зевар,
Нишаста ҷилвагар дар ҳавдаҷи[1] зар.
Зи арбоби киёсат[2] ҳар кӣ бояд,
Зи аркони риёсат ҳар кӣ шояд,
Фиристам, то ба сад эъзозаш[3] оранд,
Бад-ин хилватсарои нозаш оранд».
Чу доно қосид ин андеша бишнид,
Ба саҷда сар ниҳоду хок бӯсид,
Ки эй Миср аз ту дида сад азизӣ,
Зи ту кишти карам дар тозахезӣ.
Шаҳи моро сари хайлу ҳашам нест,
Ба пешаш з-он чи гуфтӣ, ҳеҷ кам нест.
Ғуломону канизоне, ки дорад,
Нагунҷад дар шумора, гар шуморад.
Ба базмаш хилъати фархундабахтон
Бувад вофиртар[4] аз барги дарахтон.
Зи дасташ базли[5] гавҳарҳои тобон
Бувад афзунтар аз реги биёбон.
Муроди вай қабули хотири туст,
Хуш он кас, к-ӯ қабули хотират ҷуст.

---

[1] Ҳавдаҷ – каҷова.
[2] Киёсат – зиракӣ.
[3] Эъзоз – арҷмандӣ, иззатмандӣ.
[4] Вофир – бисёр, фаровон.
[5] Базл – бахшиш, ато, карам.

Чу он мева хурои хонат афтод,
Ба зудӣ пеши ту хоҳад фиристод.

### Насими қабул аз ҷониби Миср Вазидан ва маҳмили Зулайхоро чун амории гул ба Миср кашидан

Чу аз Миср омад он марди хирадманд,
Ки аз ҷони Зулайхо бигисилад банд,
Хабарҳои хуш овард аз Азизаш,
Тиҳӣ аз хешу пур кард аз Азизаш.
Гули бахташ шукуфтан кард оғоз,
Ҳумои давлаташ омад ба парвоз,
Зи хобе бандҳо бар кораш афтод,
Хаёле омаду он банд бикшод.
Бале ҳар ҷо нишоте ё малолест,
Ба гетӣ дар зи хобе ё хаёлест.
Хуш он кас, к-аз хаёлу хоб бигзашт,
Сабукбор аз чунин гирдоб бигзашт.
Зулайхоро падар чун шодмон ёфт,
Ба тартиби ҷиҳози ӯ инон тофт.
Муҳайё сохт баҳри он арӯсӣ
Ҳазорон луъбати румию русӣ.
Ҳама пистадаҳону норпистон,
Изору бар гулистон бар гулистон,
Ниҳода иқди гавҳар бар буногӯш,
Кашида қавси мушкин гӯш то гӯш.
Чу барги гул ба вақти субҳ тоза,
Зи нанги вусма поку ори ғоза.
Нағӯла баста бар лола зи анбар,
Зи гӯш овеза карда луълуи тар.
Ҳазор амрад ғуломи фитнаангез
Ба ишва ҷонситон в-аз ғамза хунрез.

Кулоҳи лаъл бар сар каҷ ниҳода,
Гиреҳ аз кокули мушкин кушода,
Зи атрофи кулаҳ ҳар тори кокул,
Чунон, к-аз зери лола шохи сунбул.
Ба бар карда қабоҳои қасабранг,
Чу ғунча нозуку чун найшакар танг.
Камарҳои мурассаъ баста бар мӯй,
Ба мӯй овехта сад дил зи ҳар сӯй.
Ҳазор аспи накӯшакли хушандом,
Ба гоҳи пӯя[1] тунду вақти зин ром.
Зи гӯи пеши чавгон тездавтар,
Зи оби рӯи сабза нармравтар.
Агар соя фикандӣ тозиёна,
Бурун ҷастӣ зи майдони замона.
Чу ваҳшигӯр дар саҳро таковар,
Чу обимурғ дар дарё шиновар.
Шикан дар санги хоро карда аз сум,
Гиреҳ бар кайзурон афканда дар дум.
Бурида кӯҳро осон чу ҳомун,
Зи фармони инон кам рафта берун.
Ҳазор уштур ҳама соҳибшукӯҳон,
Саросар пуштапушту кӯҳкӯҳон.
Ба танҳо кӯҳ, аммо Бесутун не,
Зи роҳи бодрафторӣ бурун не.
Чу зуҳҳоди қаноаткӯш камхор,
Чу асҳоби таҳаммул борбардор.
Бурида сад биёбон бар таваккул,
Чарида хорро чун сунбулу гул.
Зи шавқи раҳравӣ бехобух(в)ардон,
Бар оҳанги ҳудо[2] саҳровардон.
Зи анвои нафоис сад шутурвор,
Хироҷи кишваре бар ҳар шутур бор.

[1] Пӯя – рафтор, рафтори тез.
[2] Ҳудо – суруд ва садои шутурборон дар асной рондани шутур.

Ба сад мафраш[1] зи дебои гиромӣ,
Чи мисрию румию чи шомӣ.
Дусад дурҷ аз гуҳарҳои дурахшон
Зи ёқуту дуру лаъли Бадахшон.
Дусад табла пур аз мушки тоторӣ
Зи бори анбару уди қиморӣ.
Ба ҳар ҷо сорбон манзилнишин шуд,
Ҳама рӯи замин саҳрои Чин шуд.
Мураттаб сохт аз баҳри Зулайхо
Яке дилкаш аморӣ хаҷлаосо.
Муқаттаъ хонае аз сандалу уд,
Мувассал, лавҳаҳои вай зарандуд.
Мурассаъ сақфи ӯ чун чатри Ҷамшед,
Зарафшон қуббааш чун ҷӯи хуршед.
Буруни ӯ, даруни ӯ ҳама пур
Зи мисмори зару овезаи дур.
Фурӯхишта дар ӯ зарбафтдебо
Ба ранги дилпазиру нақши зебо.
Зулайхоро дар он ҳаҷла нишонданд,
Ба сад нозаш ба сӯи Миср ронданд.
Ба пушти бодпоён он аморӣ
Равон шуд, чун гул аз боди баҳорӣ.
Ҳазорон сарву шамшоду санавбар
Суманбӯю суманрӯю суманбар
Равон гаштанд, гӯй, навбаҳоре
Рух оварда аз диёре дар диёре.
Ба ҳар манзил, ки шуд ҷой он санамро,
Хиҷолат дод бустони Ирамро.
Ғуломон масти ҷавлон дар такутоз,
Канизон ҷилвагар аз ҳавдаҷи ноз.
Фиканда ҳар каниз аз зулф доме,
Шикори хештан карда ғуломе,

[1] Мафраш – чизи густарданӣ аз қабили палос, гилем ва амсоли ин.

Кашида ҳар ғулом аз ғамза тире,
Кушода рахна дар ҷони асире.
Зи як сӯ дилбарию ишвасозӣ,
Зи дигар сӯ ниёзи ишқбозӣ.
Ҳазорон ошиқу маъшуқ дар кор,
Ба ҳар ҷо сад матоъу сад харидор.
Бад-ин дастур манзил мебуриданд,
Ба сӯи Миср маҳмил мекашиданд.
Зулайхо бо диле аз бахт хушнуд,
Ки роҳи Миср тай хоҳад шудан зуд,
Шаби ғамро саҳар хоҳад дамидан,
Ғами ҳиҷрон ба сар хоҳад расидан.
Аз он ғофил, ки он шаб бас сиёҳ аст,
Аз он то субҳ чандинсола роҳ аст.
Ба рӯзи равшану шабҳои торик
Ҳамеронданд, то шуд Миср наздик.
Фиристоданд аз он ҷо қосиде пеш,
Ки ронад пеш аз эшон маҳмили хеш.
Ба сӯи Миср ҷӯяд пештар роҳ,
Азизи Мисрро гардонад огоҳ,
Ки омад бар сар инак давлати тез,
Ки истиқбол хоҳӣ кард, бархез!

**Хабар ёфтани Азизи Миср аз мақдами Зулайхо ва ба азимати истиқбол бархостан ва лашкариёни Мисрро ба таҷаммули тамом оростан**

Азизи Миср чун он мужда бишнид,
Ҷаҳонро бар муроди хештан дид.
Мунодӣ кард, то аз кишвари Миср
Бурун оянд яксар лашкари Миср.
Зи асбоби таҷаммул ҳар чӣ доранд,
Ҳама дар маъразы арз андароранд.

Бурун омад сипоҳӣ пой то фарқ
Шуда дар зевару зарру гуҳар ғарқ.
Ғуломону канизон сад ҳазорон,
Ҳама гулчеҳрагону маҳъизорон.
Ғуломоне ба тавқу тоҷи заррин,
Чу руста нахли зар аз хонаи зин.
Канизоне ҳама ҳар ҳафт[1] карда
Ба ҳавдаҷ дар паси зарбафтпарда.
Шакарлаб мутрибони нуктапардоз
Ба расми таҳният хуш карда овоз.
Муғаннӣ чанги ишрат соз карда,
Навои хуррамӣ оғоз карда,
Ба молиш дода гӯши удро тоб,
Тарабро сохта автораш[2] асбоб.
Навои най навиди васл дода,
Ба ҷон аз вай умеди васл зода.
Рубоб аз тоби ғам ҷонро амондеҳ,
Баровварда камонча наъраи зеҳ.
Дарафканда дар ин овоза зад дӯст,
К-аз ӯ дар дасти раҳкӯбон бувад пӯст.
Бад-ин оин рух андар раҳ ниҳоданд,
Ба раҳ доди нишоту айш доданд.
Чу маҳ чун як-ду-се манзил буриданд,
Ба он хуршеди маҳрӯён расиданд.
Замине ёфтанд аз тирагӣ дур,
Зада дар вай ҳазорон қуббаи нур.
Ту гӯӣ абри чархи беканора
Ба сони жола борида ситора.
Кашида дар миёна боргоҳе
Зи хубон саф зада гирдаш сипоҳе.

---

[1] Ҳар ҳафт – ҳафт асбоби ороиши занон, ки иборат аз сурхӣ, сафедӣ, нишондани хол, ғоза, усма ва сурма ва амсоли ин мебошад.
[2] Автор – ҷамъи ватар – торҳо.

Азизи Миср чун он боргаҳ дид,
Чу субҳ аз партави хуршед хандид.
Фуруд омад зи рахши хусравона,
Ба сӯи боргаҳ шуд хуш равона.
Муқимони ҳарам пешаш давиданд,
Ба иқболи заминбӯсаш расиданд.
Якоякро салому марҳабо гуфт,
Чу гул дар рӯяшон аз ханда бишкуфт.
Тафаҳҳус[1] кард аз эшон ҳоли он моҳ
Зи осеби ҳавову меҳнати роҳ.
Ба расми пешкаш чизе, ки будаш,
Ки пеши чашм хуштар менамудаш,
Чи аз ширинвушоқони[2] шакарханд,
Чи аз зарринкулоҳони камарбанд,
Чи аз асбоби зин дар бар гирифта,
Зи дум то гӯш дар гавҳар гирифта,
Чи аз мӯинаву абрешимина,
Чи аз нодиргуҳарҳои хазина,
Зи шаккарҳои мисрӣ тунг бар тунг,
Зи шарбатҳои нӯшин ранг дар ранг.
Бад-инҳо рӯи саҳроро биёрост,
Талаттуфҳо намуду узрҳо хост.
Ба фардо азми раҳро номзад кард,
В-аз ин пас рӯ ба манзилгоҳи х(в)ад кард.

[1] Тафаҳҳус – пурсупос, ҷустуҷӯ.
[2] Вушоқ – хидматгор, ғулом.

### Дидани Зулайхо Азизи Мисрро аз шикофи хайма ва фарёд бардоштан, ки ин на он кас аст, ки ман дар хоб дидаам ва солҳо меҳнати муҳаббаташ кашидаам

Куҳанчархи мушаъбид ҳуққасозест[1]
Паи озори мардум ҳиласозест.
Ба уммеде ниҳад бар бедиле банд,
Бурад охир ба навмедӣ-ш пайванд.
Намояд меваи комеш аз дур,
Кунад хотир ба нокомиш ранҷур.
Азизи Миср чун афканд соя,
Дар ин хайма Зулайхо буду доя.
Инон бирбудаш аз каф шавқу дидор
Ба доя гуфт, к-эй дерина ғамхор,
Илоҷе кун, ки як дидор бинам,
К-аз ин пас сабрро душвор бинам.
Набошад шавқи дил ҳаргиз аз он пеш,
Ки ҳамсоя бувад ёри вафокеш.
Чу гирад об бар лаб ташнаҷоне,
Бисӯзад, гар на тар созад даҳоне.
Зулайхоро чу доя музтариб дид,
Ба тадбираш ба гирди хайма гардид.
Шикофе зад ба сад афсуну найранг,
Дар он хайма чу чашми хаймагӣ танг.
Зулайхо кард аз он хайма нигоҳе,
Баровард аз дили ғамдида оҳе,
Ки вовайло аҷаб корем афтод
Ба сар нобаҳра деворем афтод.
На он аст ин, ки ман дар хоб дидам,
Ба ҷустуҷӯи ин меҳнат кашидам.

---

[1] Ҳуққасоз – найрангбоз, маккор, фиребгар.

На он аст ин, ки ақлу ҳуши ман бурд,
Инони дил ба беҳушим биспурд.
На он аст ин, ки гуфт аз хеш розам,
Зи беҳушӣ ба ҳуш овард бозам.
Дареғо, бахти сустам сахтӣ овард,
Тулӯи ахтарам бадбахтӣ овард!
Нишондам нахли хурмо, хор бар дод,
Фишондам тухми меҳр, озор бар дод.
Барои ганҷ бурдам ранҷи бисёр,
Фитод охир маро бо аждаҳо кор.
Шудам бар бӯи гул чидан ба гулшан,
Синони хор зад чангам ба доман.
Манам он ташна дар реги биёбон,
Ба рӯи об ҳар сӯе шитобон.
Забон аз ташнагӣ бар лаб фитода,
Лаб аз табхола мавҷи хун кушода.
Намояд ногаҳон аз дур обам,
Фитон-хезон ба сӯи он шитобам.
Ба ҷои об ёбам дар мағоке
Зи тоби хур дурахшон шӯрахоке.
Манам он роҳилагумкарда дар кӯҳ,
Зи безодӣ ба зери кӯҳи андӯҳ,
Шуда по шох-шох аз захми сангам,
На пои сайр, не рои дирангам.
Зи ногаҳ чашми хуноғуштаи ман,
Хаёле бинад аз гумгаштаи ман.
Кушоям ком сӯи ӯ далере,
Бувад аз бахти ман дарранда шере.
Манам он баҳрии киштишикаста,
Бараҳна бар сари лавҳе нишаста.
Рабояд ҳар замон аз ҷой мавҷам,
Барад гаҳ то ҳазизу[1] гаҳ бар авҷам.

---

[1] Ҳазиз – пастӣ, нишеб.

Зи ногаҳ завраке ояд падидор,
Шавам хуррам, к-аз ӯ осон шавад кор,
Чу наздики ман ояд бдиранге
Бувад баҳри ҳалоки ман наҳанге.
Чу ман дар ҷумла олам бедиле нест,
Миёни бедилон беҳосиле нест.
На дил акнун ба дасти ман, на дилбар,
Аз онам санг бар дил, даст бар сар.
Худоро, эй фалак, бар ман бибахшой,
Ба рӯи ман даре аз меҳр бикшой.
Агар нанҳӣ ба каф домони ёрам,
Гирифтори касе дигар надорам.
Ба расвой мадар пироҳанамро,
Ба дасти кас маёло доманамро.
Ба мақсуди дили худ бастаам аҳд,
Ки дорам поси ганҷи худ ба сад ҷаҳд.
Масӯз аз ғам мани бедаступоро,
Мадеҳ бар ганҷи ман даст аждаҳоро.
Аз ин сон то ба дере зорие дошт,
Зи нӯки ҳар мижа хунборие дошт.
Ҳаменолид аз ҷону дили чок,
Ҳамемолид рӯй аз дард бар хок.
Даромад мурғи бахшоиш ба парвоз,
Суруши ғайб додаш ногаҳ овоз,
Ки, эй бечора, рӯй аз хок бардор,
К-аз ин мушкил туро осон шавад кор.
Азизи Миср мақсуди дилат нест,
Вале мақсуд бо ӯ ҳосилат нест.
Аз ӯ хоҳӣ ҷамоли дӯст дидан,
В-аз ӯ хоҳӣ ба мақсудат расидан.
Мабод аз суҳбати вай ҳеҷ бимат,
К-аз ӯ монад саломат қуфли симат.
Калидашро бувад дандона аз мум,
Бувад кори калиди мум маълум.

Чӣ ҳоҷат гавҳаратро доштан пос,
Зи нармоҳан наёяд кори алмос.
Чу аз хори тараш доданд сӯзан,
Чӣ сон гардад ба хоро бахяафкан?
Чу бошад остин аз даст холӣ,
Наёяд з-остин ханҷарсиголӣ.
Зулайхо чун зи ғайб ин мужда бишнуд,
Ба шукрона сари худ бар замин суд.
Забон аз нолаву лаб аз фиғон баст,
Чу ғунча хурдани хунро миён баст.
Зи хун хурдан даме беғам намезад,
Зи ғам месӯхт, аммо дам намезад.
Ба раҳ мебуд чашми интизораш,
Ки кай ин уқда бикшояд зи кораш.

### Даромадани Зулайхо ҳамроҳи Азизи Миср ва берун омадани мисриён ва табақҳои нисор бар амории Зулайхо афшондан

Саҳаргоҳон, ки зад чархи мукавкаб[1]
Зи зарринкӯс кӯси реҳлати шаб,
Кавокиб низ маҳфил баршикастанд,
Ба ҳамроҳии шаб маҳмил бибастанд.
Шуд аз рахшонии он зарфишонкӯс
Ба ранги парри тӯтӣ думми товус,
Азиз омад ба фарри шаҳрёрӣ,
Нишонд аз хайма маҳро дар аморӣ.
Сипаҳро аз пасу пешу чапу рост
Ба оине, ки мебоист, орост.
Зи чатри зар ба фарқи некбахтон
Бипошад соя дар заррин дарахтон.

[1] Мукавкаб – пурситора, ситоранок.

Мурассаъ з-ин ба пои ҳар дарахте
Шуда маснад барои некбахте.
Дарахту сояву маснад равона,
Нишаста некбахт андар миёна.
Тарабсозон навоҳо соз карданд,
Шутурбонон ҳудо оғоз карданд.
Шуд аз бонги ҳудову ғулғули лаҳн
Фалакҳоро табақ пур, даштро саҳн.
Зи бас рафтор, к-аз аспу шутур буд,
Дару дашт аз ҳилолу бадр пур буд.
Гаҳе канда ба ҳар сӯй аз такопӯй
Ҳилол аз захми нохун бадрро рӯй.
Гаҳе толеъ шуда пурханда бадре,
Ҳилол аз вай шуда ночиз қадре.
Заминро карда пеш асп аз суми хеш,
Кафи пои шутур марҳам бар он реш.
Паи мастоҳувон аз ин нишеман
Саҳили[1] бодпоён арғанунзан.
Паи осудагони ҳавдаҷи ноз
Нафири сорбонон пардапардоз.
Канизони Зулайхо хурраму х(в)аш,
Ки раст аз деви ҳиҷрон он париваш.
Азизу аҳли ӯ ҳам шодмона,
Ки шуд з-ин сон буте бонуи хона.
Зулайхо талхумр андар аморӣ,
Расонда бар фалак фарёду зорӣ,
Ки, эй гардун, маро з-ин сон чӣ дорӣ,
Чунин бесабру бесомон чӣ дорӣ?
Надонам, дар ҳаќи ту ман чӣ кардам,
Ки афкандӣ чунин дар ранҷу дардам.
Нахуст аз ман ба хобе дил рабудӣ,
Ба бедорӣ ҳазорам ғам фузудӣ.

[1] Саҳил – овози асп, бонги чорпоён.

Гаҳ аз девонагӣ бандам ниҳодӣ,
Гаҳ аз фарзонагӣ бандам кушодӣ.
Чу шуд аз ту шикасти худ дурустам,
Хато кардам, ки аз ту чора ҷустам.
Чӣ донистам, ки вакти чорасозӣ
Зи хонумон маро овора созӣ!
Маро бас буд доғи бенасибӣ,
Фузун кардӣ бар он дарди ғарибӣ.
Чу бошад ҷонгудозӣ чорасозит,
Маозаллаҳ, чӣ бошад ҷонгудозит?!
Манеҳ дар раҳ дигар доми фиребам,
Маяфкан санг дар ҷоми шикебам.
Диҳӣ ваъда, к-аз ин пас ком ёбӣ,
В-аз он ороми ҷон ором ёбӣ.
Бад-ин ваъда ба ғоят шодмонам,
Вале гар бахт ин бошад, чӣ донам?!
Зулайхо бо фалак ин гуфтугӯ дошт,
Ки он бардоштро омадфурӯ дошт.
Баромад бонги раҳдонон ба таъҷил,
Ки инак шаҳри Мисру соҳили Нил!
Ҳазорон тан савора бо пиёда
Хурӯшон бар лаби Нил истода.
Азизи Мисрро дар хакгузорӣ
Ба каф баҳри нисори он аморӣ.
Табакҳои зар аз зарру дирам пур,
Табакҳои дигар аз гавҳару дур.
Гуҳаррезон бар ӯ соҳибнисорон,
Чу бар тарфи чаман бар ғунча борон.
Зи бас кафҳо зару гавҳарфишон шуд,
Аморӣ дар зару гавҳар ниҳон шуд.
Намеомад зи гавҳаррез мардум
Дар он раҳ маркабонро дар замин сум.
Чу гаштӣ сумми аспе оташафкан,
Зи лаълу наъл будӣ сангу оҳан.

Ҳама сафҳо кашида мил дар мил,
Нисорафшон гузаштанд аз лаби Нил.
Ба Нил-андар шуд он дурҳои шоҳӣ,
Чу пургавҳар садаф ҳар гӯши моҳӣ.
Шуд аз базли дирамрезони бисёр
Наҳангаш низ чун моҳӣ дирамдор.
Бад-ин ороиши шоҳона рафтанд,
Ба давлат сӯи давлатхона рафтанд.
Сарое, балки дар дунё биҳиште,
Зи фаршаш моҳ хиште, меҳр хиште.
Дар он давлатсаро тахте ниҳода,
Ба зебоӣ зи ҳар тахте зиёда.
Дар ӯ бурда ба кор устоди заркор
Паи гавҳарнишонӣ зар ба хирвор.
Ба пои тахти зар маҳдаш расонданд,
Гуҳарвораш ба тахти зар нишонданд.
Вале ҷонаш зи доғи дил нараста,
Аз он зар буд дар оташ нишаста.
Мурассаъ тоҷ бар фарқаш ниҳоданд,
Миёни тахту тоҷаш ҷилва доданд.
Валекин буд аз он тоҷи гаронсанг
Ба зери кӯҳ аз бори дили танг.
Фишондандаш ба торак гавҳар анбӯҳ,
Вале буд он бар ӯ борони андӯҳ.
Зи гавҳарҳо, ки бурдӣ ҳур аз он рашк,
Ба чашмаш дарнаёмад ҷуз дури ашк.
Касе, к-аш дил зи ҳиҷрон лахт-лахт аст,
Зи яклахтист, агар моил ба тахт аст.
Дар он майдон киро бошад сари тоҷ,
Ки сад сар меравад он ҷо ба тороҷ?
Чу чашм аз ашки навмедӣ бувад пур,
Куҷо бошад дар ӯ гунҷоиши дур?

### Умр гузаронидани Зулайхо дар муфориқати Юсуф ва талаххуфу[1] таассуфи вай бар он гузашти рӯзу шабон

Чу дил бо дилбаре ором гирад,
Зи васли дигаре кай ком гирад?
Куҷо парвона паррад сӯи хуршед,
Чу бошад сӯи шамъаш рӯи уммед?
Ниҳӣ сад даста райҳон пеши булбул,
Нахоҳад хотираш ҷуз накҳати гул.
Зи меҳр оташ чу дар нилуфар афтад,
Тамошои маҳаш кай дарх(в)ар афтад?
Чу хоҳад ташнаҷоне шарбати об,
Наяфтад судмандаш шаккари ноб.
Зулайхоро дар он фархунда манзил
Ҳама асбоби ҳашмат буд ҳосил,
Ғуломе буд пеши рӯ Азизаш,
Набуд аз молу зар кам ҳеч чизаш.
Парастирони гулбӯи гуландом
Парасторишро бесабру ором,
Канизони дилошӯби дилорой
Паи хидматгарӣ наншаста аз пой,
Ғуломони қасабпӯши камарбанд,
Зи сар то пой ширин чун наи қанд.
Сияҳфомоне аз анбар сиришта,
Зи шаҳват покдоман чун фаришта.
Муқимони ҳарими покбозӣ,
Аминони ҳарам дар корсозӣ.
Зи хотунони Мисрӣ ҳамнишинон,
Ба раънойю хубӣ нозанинон.

---

[1] Талаххуф – дарег ва афсӯс хурдан.

Ҳама ҳамқомату ҳамзод бо ӯ,
Зи завқи ҳамнишинӣ шод бо ӯ.
Зулайхо бо хама дар суффаи бор,
Ки яксон бошад он ҷо ёру агёр,
Бисоти хуррамӣ афканда будӣ,
Дарун пурхуну лаб пурханда будӣ.
Ба зоҳир бо ҳама гуфтушунав дошт,
Вале дил ҷои дигар дар гарав дошт.
Лабаш бо халқ дар гуфтор мебуд,
Вале ҷону дилаш бо ёр мебуд.
Аз он ёре, к-аз он дар шодию ғам
Набудаш бо касе пайванди муҳкам.
Ба сурат буд бо мардум нишаста,
Ба маънӣ аз ҳама хотир гусаста.
Зи вақти субҳ то шаб кораш ин буд,
Миёни дӯстон кирдораш ин буд.
Чу шаб бар чеҳра мушкин парда бастӣ,
Чу маҳ дар пардааш танҳо нишастӣ,
Хаёли дӯстро дар хилвати роз
Нишондӣ, то саҳар бар маснади ноз.
Ба зонуи адаб биншастияш пеш,
Ба арзи ӯ расонида ғами хеш.
Зи нола чанги меҳнат соз кардӣ,
Суруди бехудӣ оғоз кардӣ.
Бад-ӯ гуфтӣ, ки: Эй мақсуди ҷонам,
Ба Миср аз хештан додӣ нишонам.
Азизи Миср гуфтӣ хешро ном,
Азизӣ рӯзият бодо саранҷом!
Ба фарқам тоҷи иззат аз азизит,
Ба рӯй осори давлат аз канизит.
Ба Миср имрӯз маҳҷуру ғарибам,
Зи иқболи висолат бенасибам.
Надонам, то ба кай сӯзам бад-ин доғ,
Чароғи меҳнат афрӯзам бад-ин доғ?

Биёву равнақи боғи дилам бош,
Ба васлат марҳами доғи дилам бош.
Ба навмедӣ кашид аз ишқ корам,
Суруши ғайб кард уммедворам.
Бад-он уммедам акнун зинда монда,
Зи доман гарди навмедӣ фишонда.
Ба нуре, к-аз ҷамолат бар дилам тофт,
Яқин донам, ки охир хоҳамат ёфт.
Зи шавқат гарчи хунбор аст чашмам,
Ба сӯи шаш ҷиҳат чор аст чашмам.
Хушо вақте, ки аз роҳе барой,
Ба бурҷи дида чун моҳе дарой.
Чу дидори ту бинам, нест гардам,
Бисоти ҳастии худ дарнавардам.
Кунам сарриштаи пиндори худ гум,
Шавам аз бехудӣ дар кори худ гум.
Маро дигар ба ҷои ман набинӣ,
Чу ҷои ой, ба ҷои ман нишинӣ.
Ниҳам як сӯ хаёли мову манро,
Туро ёбам, чу ҷӯям хештанро.
Туӣ аз ҳар ду олам орзуям,
Туро чун ёфтам, аз худ чӣ гӯям?!
Саҳар кардӣ бад-ин гуфтор шабро,
Набастӣ з-ин сухан то рӯз лабро.
Чу боди субҳ ҷустан кардӣ оғоз,
Бар оини дигар додӣ сухан соз.
Чӣ гуфтӣ? «Гуфтӣ: Эй боди саҳархез,
Шамими мушк дар ҷайби суман без,
Тамошогоҳи сарву савсан орой,
Зи сунбул ҷаъди тар бар рӯи гул сой.
Ба шох аз барг ҷунбонӣ ҷалоҷил[1],
Шавад рақсон дарахти пойдаргил.

---

[1] Ҷалоҷил – зангӯла; даф.

Ҳама ҳамқомату ҳамзод бо ӯ,
Зи завқи ҳамнишинӣ шод бо ӯ.
Зулайхо бо ҳама дар суффаи бор,
Ки яксон бошад он ҷо ёру ағёр,
Бисоти хуррамӣ афканда будӣ,
Дарун пурхуну лаб пурханда будӣ.
Ба зоҳир бо ҳама гуфтушунав дошт,
Вале дил ҷои дигар дар гарав дошт.
Лабаш бо халқ дар гуфтор мебуд,
Вале ҷону дилаш бо ёр мебуд.
Аз он ёре, к-аз он дар шодию ғам
Набудаш бо касе пайванди муҳкам.
Ба сурат буд бо мардум нишаста,
Ба маънӣ аз ҳама хотир гусаста.
Зи вақти субҳ то шаб кораш ин буд,
Миёни дӯстон кирдораш ин буд.
Чу шаб бар чеҳра мушкин парда бастӣ,
Чу маҳ дар пардааш танҳо нишастӣ,
Хаёли дӯстро дар хилвати роз
Нишондӣ, то саҳар бар маснади ноз.
Ба зонуи адаб биншастияш пеш,
Ба арзи ӯ расонида ғами хеш.
Зи нола чанги меҳнат соз кардӣ,
Суруди бехудӣ оғоз кардӣ.
Бад-ӯ гуфтӣ, ки: Эй мақсуди ҷонам,
Ба Миср аз хештан додӣ нишонам.
Азизи Миср гуфтӣ хешро ном,
Азизӣ рӯзият бодо саранҷом!
Ба фарқам тоҷи иззат аз азизит,
Ба рӯй осори давлат аз канизит.
Ба Миср имрӯз маҳҷуру ғарибам,
Зи иқболи висолат беносибам.
Надонам, то ба кай сӯзам бад-ин доғ,
Чароғи меҳнат афрӯзам бад-ин доғ?

Биёву равнақи боғи дилам бош,
Ба васлат марҳами доғи дилам бош.
Ба навмедӣ кашид аз ишқ корам,
Суруши ғайб кард уммедворам.
Бад-он уммедам акнун зинда монда,
Зи доман гарди навмедӣ фишонда.
Ба нуре, к-аз ҷамолат бар дилам тофт,
Яқин донам, ки охир хоҳамат ёфт.
Зи шавқат гарчи хунбор аст чашмам,
Ба сӯи шаш ҷиҳат чор аст чашмам.
Хушо вақте, ки аз роҳе барой,
Ба бурҷи дида чун моҳе дарой.
Чу дидори ту бинам, нест гардам,
Бисоти ҳастии худ дарнавардам.
Кунам сарриштаи пиндори худ гум,
Шавам аз бехудӣ дар кори худ гум.
Маро дигар ба ҷои ман набинӣ,
Чу ҷон ой, ба ҷои ман нишинӣ.
Ниҳам як сӯ хаёли мову манро,
Туро ёбам, чу ҷӯям хештанро.
Туӣ аз ҳар ду олам орзуям,
Туро чун ёфтам, аз худ чӣ гӯям?!
Саҳар кардӣ бад-ин гуфтор шабро,
Набастӣ з-ин сухан то рӯз лабро.
Чу боди субҳ ҷустан кардӣ оғоз,
Бар оини дигар додӣ сухан соз.
Чӣ гуфтӣ? «Гуфтӣ: Эй боди саҳархез,
Шамими мушк дар ҷайби суман без,
Тамошогоҳи сарву савсан орой,
Зи сунбул ҷаъди тар бар рӯи гул сой.
Ба шох аз барг ҷунбонӣ ҷалоҷил[1],
Шавад рақсон дарахти пойдаргил.

---

[1] Ҷалоҷил – зангӯла; даф.

Ба маъшуқон барӣ пайғоми ошиқ,
Бад-ин ҷунбиш диҳӣ ороми ошиқ.
Зи дилдорон навозишнома орӣ,
Кунӣ ғамдидагонро ғамгусорӣ.
Кас аз ман дар ҷаҳон ғамдидатар нест,
Зи доғи ҳаҷр мотамдидатар нест.
Дилам бемор шуд, дилдорие кун,
Ғамам бисёр шуд, ғамхорие кун.
Ба олам ҳеч манзилгаҳ набошад,
К-ат он ҷо гоҳу бегаҳ раҳ набошад.
Зи дар, в-ар худ бувад з-оҳан, дарой,
Чу дар банданд, аз равзан дарой.
Бибахшо бар чу ман бероҳурӯе,
Бикун аз ҷониби ман ҷустуҷӯе.
Даро дар дори мулки шаҳрёрон
Баро бар тахтгоҳи тоҷдорон.
Ба ҳар шаҳре хабар пурс аз маҳи ман,
Ба ҳар тахте нишон ҷӯ аз шаҳи ман.
Гузар афкан ба ҳар боғу баҳоре,
Қадам неҳ бар лаби ҳар ҷӯйборе.
Бувад, бар тарфи ҷӯе з-ин такопӯй
Ба чашм ояд туро он сарви дилҷӯй.
Ба саҳрои Хутан неҳ аз карам гом,
Ба суратхонаи Чин гир ором.
Тамошо кун зи рӯи ӯ мисоле,
Ба дом овар ба бӯи ӯ ғизоле.
Чу гирад раъйи рафтан з-ин диёрат,
Ба ҳар кӯҳу даре, к-афтад гузорат,
Агар пеш оядат кабки хиромон,
Ба ёди ӯ бизан досташ ба домон.
В-агар бинӣ ба роҳе корвоне,
Дар ӯ солор гашта дилситоне,
Ба чашми ман бибин он дилситонро,
Бад-ин кишвар расон он корвонро.

Бувад, к-он дилситонро чун бибинам,
Гуле аз гулбуни уммед чинам».
Зи вақти субҳ то хуршеди тобон
Ба чавлонгоҳи рӯз омад шитобон,
Диле пурдард, чашме хунфишон дошт,
Ба боди субҳдам ин достон дошт.
Чу шуд хуршед шамъи маҷлиси рӯз,
Зулайхо ҳамчу ҳури маҷлисафрӯз,
Парасторон ба пешаш саф кашиданд,
Рафиқон бо ҷамолаш орамиданд.
Ба он софидилони поксина
Ба ҷой овард расму роҳи дина.
Ба ҳар рӯзу шабе ин буд ҳолаш,
Бад-ин оин гузаштӣ моҳу солаш.
Чу дар хона дили ӯ танг гаштӣ,
Ба азми гашт тезоҳанг гаштӣ.
Гаҳе бо доғи сина з-оҳу нола,
Ба дашт афрохтӣ хайма чу лола.
Аз он гулрух ба лола роз гуфтӣ,
Зи доғи дил суханҳо боз гуфтӣ.
Гаҳе чун сел ҳар водӣ ба таъҷил
Шудӣ бо дидаи гирён суи Нил.
Ниҳодӣ дар миён бо ӯ ғами хеш,
Задӣ бар Нил далқи мотами хеш.
Ба сар мебурд аз ин сон рӯзгоре,
Ба раҳ медошт чашми интизоре,
Ки ёраш аз кадомин раҳ барояд,
Чу ҳур толеъ шавад, чун маҳ барояд.
Биё, Ҷомӣ, ки ҳиммат баргуморем,
Зи Канъон моҳи Канъонро биёрем.
Зулайхо бо диле уммедвор аст,
Назар бар шоҳроҳи интизор аст,
Зи ҳад бигзашт дарди интизораш,
Давобахшӣ кунем аз васли ёраш.

## Оғози ҳасад бурдани ихвон ва дур андохтани Юсуф аз Канъон

Дабири хома з-устоди кӯҳанзод
Дар ин нома чунин доди сухан дод,
Ки чун Юсуф ба хубӣ сар барафрохт,
Дили Яъқубро машъуфи[1] худ сохт.
Ба сомон мардумаш дар дида биншаст,
Зи фарзандони дигар дида барбаст.
Гирифтӣ бо вай он сон лутфҳо пеш,
Ки бар вай рашкашон ҳар дам шудӣ беш.
Дарахте буд дар саҳни сарояш,
Ба сабзию хушӣ беҳҷатфизояш.
Чу суккони савомеъ сабзпӯше,
Зи ҷунбиш тезу ҷиддӣ, пурхурӯше.
Ситода дар мақоми истиқомат,
Фитода бар замин зилли[2] каромат.
Паи тасбеҳ ҳар баргаш забоне,
Баномэзад аҷаб тасбеҳхоне.
Гузашта шох аз ин фирӯза кохаш,
Малоик гашта гунҷишкони шохаш.
Ба ҳар фарзанд, к-аш додӣ Худованд,
Аз он хуррамдарахти сидрамонанд,
Ҳамон дам тоза шохе бардамидӣ,
Ки бо қаддаш баробар сар кашидӣ.
Чу дар роҳи балоғат по ниҳодӣ,
Ба дасташ з-он асои сабз додӣ.

---

[1] Машъуф – шефта.
[2] Зил – соя.

Ба ҷуз Юсуф, ки аз таъйиди[1] бахташ
Асо лоиқ наёмад з-он дарахташ.
Ниҳоли боғи ҷон буд ӯ, нашояд,
Ки бо ӯ шохи чӯбе ҳамсар ояд.
Шабе пинҳон зи ихвон[2] бо падар гуфт,
Ки, эй бозуи саъят бо зафар ҷуфт,
Дуо кун, то кафили кору киштам
Бирӯёнад асое аз биҳиштам,
Ки аз аҳли ҷавонӣ то ба пирӣ
Кунад ҳар ҷо, ки афтам, дастгирӣ.
Диҳад дар ҷилвагоҳи ҷангу бозӣ
Маро бар ҳар бародар сарфарозӣ.
Падар рӯи тазарруъ дар Худо кард,
Барои хотири Юсуф дуо кард.
Расид аз сидра пайки мулки сармад
Асое сабз дар даст аз забарҷад.
На захми тешаи айём дида,
На ранҷи арраи даврон кашида.
Қавиқувват, гаронқимат, сабуксанг,
Наёлуда ба ранги равғану ранг.
Паём овард, к-ин фазли илоҳист,
Сутуни боргоҳи подшоҳист.
Чу шуд Юсуф аз он туҳфа қавидаст,
Зи ҳасрат ҳосидонро пушт бишкаст.
Бар эшон он асо аз дасти ҳастӣ
Гаронтар омад аз сад чӯбдасте.
Ба худ бастанд аз он ҳар як хаёле,
Нишонданд аз ҳасад дар дил ниҳоле.
Зи аввал табъро з-он зиндагӣ зод,
Вале охир бари шармандагӣ дод.

---

[1] Таъйид – нерӯ ва қувва.
[2] Ихвон – бародарон.

### Хоб дидани Юсуф, ки офтобу моҳ ва ёздаҳ ситора вайро саҷда мебаранд ва шунидани ихвон онро ва зиёдат шудани ҳасади эшон

Хуш он, к-аз банди сурат бозраста,
Зи сеҳри чашмбандон чашм баста.
Дилаш бедору чашмаш дар шакархоб,
Надида кас чунин бедор дар хоб.
Бипӯшида зи нопоянда дида,
Вале пӯшидаи оянда дида.
Шабе Юсуф ба пеши чашми Яъқуб,
Ки пеши ӯ чу чашмаш буд маҳбуб,
Ба хоби хуш ниҳода сар ба болин,
Ба ханда лаъли нӯшин кард ширин.
Зи ширинханда он лаъли шакарханд
Ба дил Яъқубро шӯре дарафканд.
Чу Юсуф наргиси сероб бикшод,
Чу бахти хеш чашм аз хоб бикшод.
Бад-ӯ гуфт: «Эй шакар шармандаи ту,
Чӣ мӯҷиб дошт шаккархандаи ту?»
Бигуфто: «Хоб дидам меҳру маҳро,
Зи рахшанда кавокиб ёздаҳро,
Ки яксар доди таъзимам бидоданд,
Ба саҷда пеши рӯям сар ниҳоданд».
Падар гуфто, ки бас кун з-ин сухан, бас!
Магӯй ин хобро зинҳор бо кас!
Мабод ин хобро ихвон бидонанд,
Ба бедорӣ сад озорат расонанд.
Зи ту дар дил ҳазорон ғусса доранд,
Дар ин қисса каят фориғ гузоранд?

Наёранд аз ҳасад ин хобро тоб,
Ки бас равшан бувад таъбири ин хоб.
Падар кард ин васият, лек тақдир
Ба боле бигсилад занҷири тадбир.
Ба як тан гуфт Юсуф он фасона,
Ниҳод онро ба ихвон дар миёна.
Шунидастӣ, ки ҳар сир, к-аз ду бигзашт,
Ба андак вақт вирди ҳар забон гашт.
Ҳакиме гуфт, к-он ду ҷуз ду лаб нест,
К-аз он сир бигзаронидан адаб нест.
Басо сир, к-аз ду лаб афтад ба берун,
Даруни сад диловарро кунад хун.
Чӣ хуш гуфт он накӯгӯю накӯкор,
Ки сар хоҳӣ саломат, сир нигаҳ дор.
Чу ваҳшимурғе аз банди қафас ҷаст,
Дигар натвон ба дастон пои ӯ баст.
Чу ихвон қиссаи Юсуф шуниданд,
Зи ғусса пираҳан бар худ дариданд.
Ки, ё Раб, чист дар хотир падарро,
Ки нашносад зи нафъи худ зарарро?!
Намедонем, к-аз тифле чӣ ояд,
Ки тифлӣ ҷуз туфайлиро нашояд.
Ба ҳар як чанд барбофад дурӯғе,
Диҳад з-он гавҳари худро фурӯғе,
Хурад он пири мискин з-ӯ фиребе,
Шавад аз суҳбати ӯ ношикебе.
Кунад қатъи накӯпайвандии мо,
Бурад меҳри падар-фарзандии мо.
Падар кардаст аз ин сон сарбаландаш,
Наяфтад ин қадар заҳмат писандаш.
Ҳавас дорад, ки мо аз тирагӣ пок
Ба саҷда пеши ӯ афтем бар хок.
На танҳо мо, ки модар бо падар ҳам,
Набояд чоҳҷӯӣ ин қадар ҳам!

Падарро мо харидорем, не ӯ,
Падарро мо ҳаводорем, не ӯ.
Агар рӯз аст, дар саҳро шубонем,
В-агар шаб, хонаашро посбонем.
Бар аъдо қуввати бозуяш аз мост,
Бари аҳбоб оби рӯяш аз мост,
Ба ҷуз ҳилатгарӣ аз вай чӣ дидаст,
К-аш ин сон бар сари мо баргузидаст?
Биё, то кори худро чора созем,
Ба ҳар роҳаш тавон овора созем.
Чу бо мо бар сари ғамхорагӣ нест,
Давои ӯ ба ҷуз оворагӣ нест.
Бибояд чорасозиро камар баст,
Нарафта ихтиёри чора аз даст.
Чу хорӣ бар диҳад аз шӯрбахтӣ,
Бибояд канд нокишта дарахте.
Ба қасди чорасозӣ аҳд бастанд,
Ба азми машварат якҷо нишастанд.

**Машварат кардани бародарон
бо якдигар, ки чӣ ҳила созанд,
ки Юсуфро аз пеши падар дур андозанд**

Чу ояд мушкиле пеши хирадманд,
К-аз он мушкил фитад бар кори ӯ банд,
Кунад ақли дигар бо ақли худ ёр,
Ки то дар ҳалли он гардад мададгор.
Зи як шамъаш нагирад нур хона,
Фурӯзад шамъи дигар дар миёна.
Вале ҳаст ин сухан дар ростбинон
Ба садри ростӣ болонишинон,
На дар каҷрав ҳарифони бадандеш,
Ки гардад аз ду каҷрав каҷравӣ беш.

Чу маҷлис сохтанд ихвони Юсуф
Барои машварат дар шони Юсуф,
Яке гуфт: «Ӯ зи ҳасрат хуни мо рехт,
Ба хунрезиш бояд ҳила ангехт.
Зи душман рез хун, чун ёфтӣ даст,
Ки аз дасташ ба хунрезӣ тавон раст.
Чу гардад кушта, пинҳон монад ин роз
Зи кушта барнаёяд ҳаргиз овоз».
Яке гуфт: «Ин ба бединист роҳе,
Ки андешем қатли бегуноҳе.
Агар аспи ҷафо ронем охир
На то куштан мусулмонем охир.
Ғараз з-ин букъа берун бурдани ӯст,
На куштан ё задан ё мурдани ӯст.
Ҳамон беҳ, к-афканемаш аз падар дур,
Ба ҳоил водие маҳруму маҳҷур.
Биёбоне дар ӯ ҷуз дому дад не,
Ба ҷуз рӯбоҳу гург аз неку бад не.
Набошад оби ӯ ҷуз ашки навмед,
Набошад нони ӯ ҷуз қурси хуршед.
На дар вай соя ҷуз дар шаби тор,
На дар вай бистаре ҷуз ништари хор.
Чу якчанд андар он ором гирад,
Ба марги хештан, бешак, бимирад.
Нагашта теғи мо рангин ба хунаш,
Раҳем аз теғи найрангу фусунаш».
Дигар як гуфт: «Қатли дигар аст ин,
Чӣ ҷои қатл, аз он ҳам бадтар аст ин.
Ба як дам зери ханҷар ҷон супурдан,
Беҳ аст аз гурсуна ё ташна мурдан.
Савоб он аст, к-андар дуру наздик
Талаб дорем чоҳе ғавру торик.
Зи садри иззату чоҳ афканемаш,
Ба сад хорӣ дар он чоҳ афканемаш.

Бувад, к-он ҷо нишинад корвоне,
Баросояд дар ин манзил замоне.
Ба чоҳ-андар касе далве гузорад,
Ба ҷои об аз он чоҳаш барорад.
Ба фарзандиш гирад ё ғуломӣ,
Кунад дар бурдани вай тезгомӣ.
Шавад пайванди ӯ з-ин ҷо бурида,
Ба вай аз мо газанде норасида».
Чу гуфт ӯ қиссаи чоҳи пуросеб,
Шуданд онон ҳама бар чаҳ сарошеб.
Зи ғаври чоҳи макри худ на огоҳ,
Ҳама бе ресмон рафтанд дар чоҳ.
Гирифта бо падар дар дил нифоқе,
Бар он тазвир карданд иттифоқе.
В-аз он пас рӯ ба кори худ ниҳоданд,
Ба фардо ваъдаи он кор доданд.

### Рафтани бародарон пеши падар ва дархост кардан, ки Юсуфро ҳамроҳи худ ба ҷониби саҳро баранд

Ҷавонмардон, ки аз худ растагонанд,
Ба кунҷи бехудӣ биншастагонанд.
Зи қайди табъу қайди[1] нафс поканд,
Ба роҳи дарду кӯи ишқ хоканд.
На з-эшон бар дили мардум ғуборе,
На аз мардум бар эшон ҳеч боре.
Ба носозии олам созгоранд,
Ба ҳар боре ки ояд, бурдборанд.
Чу шаб хуспанд, бекину ситезанд,
Саҳар з-он сон, ки шаб хуспанд, хезанд.

[1] Қайд – макр, фиреб; зарар.

Ҳасадварзони Юсуф бомдодон
Ба фикри дина хуррамтабъу шодон,
Забон пурмеҳру сина кинаандеш,
Чу гургони ниҳон дар сурати меш.
Ба дидори падар эҳром бастанд,
Ба зонуи адаб пешаш нишастанд.
Дари зарқу тамаллуқ боз карданд,
Зи ҳар чое сухан оғоз карданд.
Баён карданд ҳар навву куҳанро,
Расониданд то ин ҷо суханро,
Ки аз хона малолат хост моро,
Ҳавои рафтани саҳрост моро.
Агар бошад иҷозат, қасд дорем,
Ки фардо рӯз дар саҳро гузорем.
Бародар Юсуф, он нури ду дида
Зи камсолӣ ба саҳро кам расида.
Чӣ бошад, к-аш ба мо ҳамроҳ созӣ,
Ба ҳамроҳиш моро сар фарозӣ?
Гаҳе бо ӯ раҳи саҳро навардем,
Гаҳе бар пушти кӯҳу пушта гардем.
Гаҳе аз гӯсфандон шир дӯшем,
Гаҳе ширину хандон шир нӯшем.
Зи фарши сабза бозигоҳ созем,
Ба ҳар лола ба бозӣ роҳ созем.
Рабоем аз сари лола кулоҳаш,
Кунем аз фарқи Юсуф ҷилвагоҳаш.
Зада боло ба сони кабк домон,
Миёни сабза соземаш хиромон.
Ба як ҷо галлаи оҳу чаронем,
Зи як сӯ гургро заҳра даронем.
Бувад, табъаш ба инҳо шод гардад,
Зи андӯҳи ватан озод гардад.
Зи ҷид гарчи ҳазор уъҷуба созӣ,
Нахандад табъи кӯдак ҷуз ба бозӣ».

Чу Яъқуб ин сухан бишнид аз эшон,
Гиребони ризо печид аз эшон.
Бигуфто: «Бурдани ӯ кай писандам,
К-аз он гардад дарун андӯҳмандам?
Аз он тарсам, к-аз он ғофил нишинед,
Зи ғафлат сурати ҳолаш набинед.
Дар ин дерина дашти меҳнатангез
Куҳанугурге бар ӯ дандон кунад тез.
Бад-он нозукбадан дандон расонад,
Танашро, балки ҷонамро даронад».
Чу он афсунгарон онро шуниданд,
Фусуни дигар аз нав дардамиданд.
Ки «Охир мо на з-он сон сустроем,
Ки ҳар даҳ тан ба гурге бас наёем.
На гург, ар шери мардумхор бошад,
Ба ҷанги мо чу рӯбаҳ хор бошад».
Чу з-эшон кард Яъқуб ин сухан гӯш,
Зи узр ангехтан гардид хомӯш.
Ба саҳро бурдани Юсуф ризо дод,
Балоро дар диёри худ сало дод.

**Бурдани бародарон Юсуфро аз пеши падар ва дар роҳи ҳидояти худ чоҳи залолат кандан ва вайро бе ҳеч ҷиноят дар чоҳ афкандан**

Фиғон з-ин чархи дӯлобӣ, ки ҳар рӯз
Ба чоҳе афканад моҳе дилафрӯз.
Ғизоле дар риёзи ҷон чаранда
Ниҳад дар панҷаи гурги даранда.
Чу Юсуфро ба он гургон супурданд,
Фалак гуфто ки «Гургон барра бурданд!»
Ба чашмони падар то менамуданд,
Зи якдигар ба меҳраш мерабуданд.

Гахе он бар сари дӯшаш гирифтӣ,
Гаҳ ин танг андар оғӯшаш гирифтӣ,
Чу по бар домани саҳро ниҳоданд,
Бар ӯ дасти ҷафокорӣ кушоданд.
Зи дӯши марҳамат бораш фикананд,
Миёни хораву хораш фикананд.
Бараҳнапо қадам бар хор мезад,
Ба гул аз хору хас мисмор мезад.
Фиканда кафш, раҳ бар хора мекард,
Кафи симин зи хора пора мекард.
Кафи пое, ки мебудаш зи гул нанг,
Зи хун дар хору хоро гашт гулранг.
Чу мондӣ пас, аз он даҳ сахтпанҷа
Тапонча кардияш рухсора ранҷа.
Ба теғи қатъ бод он даст кӯтоҳ,
Ки сарпанҷа занад бо панҷаи моҳ!
Чу рафтӣ пеш, кардӣ захми силӣ
Қафояш чун рухи бадхоҳ нилӣ.
Бибаста аз қафо авлост дасте,
Ки бинад он қафо аз вай шикасте!
Чу бо эшон шудӣ пахлӯ ба пахлӯ,
Расидӣ молиши гӯшаш зи ҳар сӯ.
Касе к-ин гӯшро молад ба ангушт,
Ҷуз ангушташ мабодо ҳеч дар мушт!
Ба зорӣ ҳар киро доман кашидӣ,
Ба безорӣ гиребонаш даридӣ.
Ба гиря ҳар киро дар по фитодӣ,
Ба ханда бар сари ӯ по ниҳодӣ.
Ба нола ҳар киро овоз кардӣ,
Навоҳои мухолиф соз кардӣ.
Чу шуд навмед аз эшон, гиря бардошт,
Зи хуни дида бар гул лола мекошт.
Гахе дар хуну гаҳ дар хок мехуфт,
Зи андӯҳи дили садчок мегуфт:

«Куҷоӣ, эй падар, охир куҷоӣ,
Зи ҳоли ман чунин ғофил чароӣ?
Биё, бингар, канизакзодагонро,
Зи роҳи ақлу дин афтодагонро.
Ки бо коми дилат дар дил чӣ доранд,
Ҳақи алтофи ту чун мегузоранд.
Гуле, к-аз равзани ҷонат дамидаст,
Бар ӯ борони эҳсонат чакидаст,
Чунон аз ташнагӣ дар тоб монда,
Ки не ранг андар ӯ, не об монда.
Ниҳоли нозпарварди биҳиштӣ,
Ки дар бустонсарои умр киштӣ,
Чунон аз боди ҷавр афтода бар хок,
К-аз ӯ ҷӯяд баландӣ хору хошок.
Маҳе, к-аз вай шабатро нур будӣ,
Зи зулматҳои даврон дур будӣ.
Расидаш аз фалак з-он сон ваболе,
Ки ҷӯяд ламъаи нур аз ҳилоле.
Бад-ин сон буд ҳолаш то се фарсанг
Аз ӯ сулҳу аз он сангиндилон ҷанг.
Аз ӯ нармӣ в-аз эшон сахтрӯӣ,
Аз ӯ гармӣ в-аз эшон сардгӯӣ.
Зи ногаҳ бар лаби чоҳе расиданд,
Зи рафтан бар лаби чоҳ орамиданд.
Чаҳе чун гӯри золим тангу тира,
Зи торикиш чашми ақл хира,
Лаби ӯ чун даҳони аждаҳое,
Паи қут аз бурун мардумрабое.
Дарунаш чун даруни мардумозор,
Барои мардумозорӣ пур аз мор.
Мадори нуқтаи андӯҳ давраш,
Бурун аз тоқати андеша ғавраш.
Муҳиташ пуркудурат, марказаш дур,
Ҳавояш пуруфунат[1], чашмааш шӯр.

[1] Уфунат – бадбӯӣ, фосид.

Нафасзан гар дар ӯ як дам нишастӣ,
Нафасро бар нафасзан раҳ бибастӣ.
Чу эшон дафъи он гулчехра маҳро
Писандиданд он нобаҳра чаҳро,
Дигар бор аз ҷафошон дод бардошт,
Ба навъе нолаву фарёд бардошт,
Ки гар он сангро маълум гаштӣ,
Зи сӯзиш нармтар аз мум гаштӣ.
Вале он соз тезоҳангтар шуд,
Дили чун санги эшон сангтар шуд.
Чӣ гӯям, к-аз ҷафо эшон чӣ карданд,
Дилам надҳад, ки гӯям, он чӣ карданд.
Бар он соид, ки гар бар вай расидӣ,
Ҳарири хулд аз он озор дидӣ.
Расан бастанд аз мӯи бузу меш,
Бар ӯ шуд ҳар сари мӯе яке неш.
Миёнашро, ки будӣ мӯймонанд,
Ба пашминресмон доданд пайванд.
Кашиданд аз бадан пироҳани ӯ,
Чу гул аз ғунча урён шуд тани ӯ.
Ба кадди худ буриданд аз маломат,
Либосе то ба домони қиёмат.
Фурӯ овехтанд он гаҳ ба чоҳаш,
Дар об андохтанд аз нимароҳаш.
Зи хубӣ буд хуршеди ҷаҳонтоб,
Фикандаш чарх чун хуршед дар об.
Бурун аз об дар чаҳ буд санге,
Нишеман сохт онро бе диранге.
Чӣ давлат ёфт, охир, бингар он санг,
Ки кони гавҳаре шуд бас гаронсанг.
Зи лаъли бегудозаш шаккароин
Шуд он шӯроба ҳамчун шаҳд ширин.
Шуд аз нури рухаш он чоҳ равшан,
Чу шаб рӯи замин аз моҳ равшан.

Шамими гесувони атрсояш
Уфунатро бурун бурд аз ҳавояш.
Зи фарри талъати ӯ ҳар газанда
Суи сӯрохи дигар шуд хазанда.
Ба таъвиз-андараш пироҳане буд,
Ки ҷаддашро зи оташ маъмане буд.
Фиристодаш ба Иброҳими ризвон,
Аз он рӯ шуд бар ӯ оташ гулистон.
Расид аз Сидра Ҷибрили амин зуд,
Зи бозуи вай ин таъвиз бикшуд.
Бурун овард аз он ҷо пираҳанро,
Бад-он пӯшида он покиза танро.
Аз он пас гуфт, эй маҳҷури ғамнок,
Паёмат мерасонад Эзади пок,
Ки рӯзе ин хиёнатпешагонро,
Гурӯҳи носавобандешагонро
Зи ту дилрештар пешат расонам,
Фиканда пеш сар, пешат расонам,
Бар эшон ин ҷафоҳоро шуморӣ
В-аз эшон ҳоли худ пӯшида дорӣ.
Ту донӣ мӯ ба мӯ, к-эшон киёнанд,
Сари мӯе туро эшон надонанд,
Зи Ҷабрил ин сухан Юсуф чу бишнуд,
Зи ранҷу меҳнати ихвон баросуд.
Намуд он тахтасангаш тахтгоҳе,
Нишаст он ҷо чу некӯбахт шоҳе.
Ба таскин додани ҷони ҳазинаш
Надими хос шуд руҳуламинаш.

**Расидани корвон ба сари чоҳ ва Юсуфро берун овардан ва як бори дигар оламро ба офтоби ҷамоли вай равшан кардан**

Баномзад чу фаррух корвоне,
К-аз эшон обҷӯён кордоне
Чу далве[1] баркашад ногаҳ зи чохе,
Шавад толеъ зи бурҷи далв[2] моҳе.
Се рӯз он моҳ дар чаҳ буд то шаб,
Чу моҳи Нахшаб андар чоҳи Нахшаб.
Чу чорум рӯз аз ин фирӯза хиргоҳ
Баромад Юсуфи шаб рафта дар чоҳ.
Зи Мадян корвоне рахт баста,
Ба азми Миср бо бахти хуҷаста.
Зи роҳ афтода дур он ҷо фитоданд,
Паи осудагӣ маҳмил кушоданд.
Хуш он гумраҳ, ки роҳ орад ба ҷое,
Ки бошад ҳамчу Юсуф раҳнамое.
Ба гирди чоҳ манзилгоҳ карданд,
Ба қасди об рӯ дар чоҳ карданд.
Нахуст омад саодатманд марде
Ба сӯи оби ҳайвон раҳнаварде.
Ба торикии чоҳ он хизрсимо
Фурӯ овехт далви обпаймо.
Ба Юсуф гуфт Ҷабрили амин: Хез,
Зулоли раҳмате бар ташнагон рез!
Нишин дар далв чун хуршеди тобон,
Зи мағриб сӯи машриқ шав шитобон.

---

[1] Далв – зарфи обкашӣ, сатл.
[2] Далв – номи бурҷи ёздаҳум аз дувоздаҳ бурҷи фалак.

Канори чоҳро даври уфуқ кун,
Уфуқро боз нуронитутуқ[1] кун.
Зи рӯят партаве бар олам афкан,
Ҷаҳонро аз сари нав соз равшан.
Равон Юсуф зи рӯи санг барҷаст
Чу оби чашмаву дар далв биншаст.
Кашид он далвро марди тавоно,
Ба қадри далву вазни об доно.
Бигуфт: «Имрӯз далви мо гарон аст,
Яқин чизе ба ҷуз об андар он аст».
Чу он моҳи ҷаҳоноро баромад,
Зи ҷонаш бонги ё бушро[2] баромад.
Башорат, к-аз чунин торик чоҳе
Баромад бас ҷаҳонафрӯз моҳе.
Башорат, к-аз миёни чашмаи шӯр
Баромад обе, аз шӯробагӣ дур.
Дар он саҳро гуле бишкуфт ӯро,
Вале аз дигарон бинҳуфт ӯро.
Ниҳонӣ ҷониби манзилгаҳаш бурд,
Ба ёрони худаш пӯшида биспурд.
Бале, чун некбахте ганҷ ёбад,
Агар пинҳон надорад, ранҷ ёбад.
Ҳасудон ҳам дар он наздик буданд,
Зи ҳоли ӯ тафаҳҳус менамуданд.
Ҳамебурданд доим интизораш,
Ки то худ чун шавад анҷоми кораш.
Зи ҳоли корвон огоҳ гаштанд,
Хабарҷӯён ба гирди чоҳ гаштанд.
Ниҳон карданд Юсуфро нидое
Бурун н-омад зи чоҳ илло навое.
Ба сӯи корвон карданд оҳанг,
Ки то оранд Юсуфро фаро чанг.

---

[1] Тутуқ – саропарда, чодари бузург.
[2] Бушро – мужда, башорат.

Пас аз чаҳли тамому чидли бисёр
Миёни корвон омад падидор.
Гирифтандаш, ки моро банда аст ин,
Сар аз тавки вафо тобанда аст ин.
Ба кори хидмат омад сустпайванд,
Раҳи бигрехтан гирад ба ҳар чанд.
Зи некӯбандагӣ форигниҳод аст,
Фурӯшемаш, агарчи хоназод аст.
Чу гирад бандаи бад бандагӣ пеш,
Зи некӯӣ кунад бадбандагӣ пеш.
Беҳ он бошад, ки бифрӯшӣ ба хечаш,
Надорӣ аз бадӣ дар тобу печаш.
Дар ислоҳаш аз ин пас менакӯшем,
Ба ҳар қимат ки бошад, мефурӯшем.
Ҷавонмарде, ки аз чаҳ баркашидаш,
Ба андак қимате з-эшон харидаш.
Ба Молик буд машҳур он ҷавонмард,
Ба фулсе чанд мамлуки худаш кард.
В-аз он пас корвон маҳмил бибастанд,
Ба қасди Миср дар маҳмил нишастанд.
Зиёнкор он, ки ҷинси ҷон фурӯшад,
Чунон ҷинсе чунон арзон фурӯшад.
Хироҷи Мисру як дидор аз вай,
Матои ҷону як гуфтор аз вай.
Вале ин нархро Яъқуб донад,
Зулайхое харидорӣ тавонад.
Диҳад ганҷи саодат, то хирадманд
Ситонад рӯкашида дирҳаме чанд.

### Расонидани Молик Юсуфро ба ҳаволии Миср ва хабар ёфтани подшоҳ аз он ва Азизро ба истиқболи эшон фиристодан

Чу Моликро бурун аз дастранҷе
Фурӯ шуд по аз он савдо ба ганҷе,
Намеояд ба рӯи он дилорой
Дар он раҳ бар замин аз шодияш пой.
Ба бӯяш ҷон ҳамепарварду мерафт,
Ду манзилро яке мекарду мерафт.
Ба Миср омад чу наздик аз раҳи дур,
Миёни Мисриён шуд қисса машҳур,
Ки омад Молик инак аз сафар боз,
Ба ибронигуломе гашта дамсоз.
Бар авҷи накуӣ тобанда моҳе,
Ба мулки дилбарӣ фархунда шоҳе,
Надида бо ҳазорон дида афлок
Чу ӯ нақше ба суратхонаи хок.
Чу шоҳи Миср ин овоза бишнид,
Аз ин ғайрат басе бар хеш печид.
Ки кохи Миср бустони ҷамол аст,
Беҳ аз гулҳои ин бустон муҳол аст.
Гуле, к-аз равзаи фирдавс хезад,
Зи шарми рӯяшон бар хок резад.
Азизи Мисрро гуфто: «Равон шав,
Ба истиқбол сӯи корвон шав.
Ба чашми худ бибин он моҳрӯро,
Биёвар рӯ бад-ин даргоҳ ӯро».
Азиз аз Миср рӯ дар корвон кард,
Назар дар рӯи он ороми ҷон кард.
Чунон дидори ӯ аз худ рабудаш,
Ки бехуд хост, то орад суҷудаш.

Вале Юсуф сараш аз хок бардошт,
Ба пеши рӯи хешаш саҷда нагзошт,
Ки сар ҷуз пеши он кас хам мабодат,
Ки бар гардан зи сар миннат ниҳодат.
Азиз он гаҳ зи Молик шуд талабгор,
К-аш орад то дари шоҳи ҷаҳондор.
Бигуфто: «З-омадан фикре надорем,
Вале аз лутфи ту уммедворем,
Ки моро ин замон маъзур дорӣ,
Ба осоиш дар ин манзил гузорӣ.
Бувад рӯзе се-чор осуда гардем,
Ки аз ранҷи сафар бехобух(в)ардем.
Ғубор аз рӯю чирк аз тан бишӯем,
Тани покиза сӯи шоҳ пӯем».
Азизи Миср чун ин нукта бишнид,
Ба хидматгории шаҳ бозгардид.
Ба шоҳ аз хусни Юсуф шаммае гуфт,
Ба ғайрат сохт ҷони шоҳро ҷуфт.
Ишорат кард, к-аз хубон ҳазорон
Ба дорулмулки хубӣ шаҳрёрон,
Ҳама заррин кулаҳ бинҳода бар сар,
Ҳама саркаш қабо пӯшида дар бар.
Камарҳои мурассаъ бар миёншон,
Ба ханда дар шакаррезӣ даҳоншон.
Чу гул аз гулшани хубӣ бичинанд,
Зи гулрӯёни мисрӣ баргузинанд,
Ки чун оранд Юсуфро ба бозор,
Кунандаш арз бар чашми харидор.
Кашанд инон бад-ин шаклу шамоил
Ба даъвидорияш саф дар муқобил.
Шавад, в-ар худ бувад меҳри ҷаҳонгард,
Аз ин оташрухон бозори ӯ сард.

**Ба оби Нил даромадани Юсуф
ва ғубори сафар аз худ шустан
ва ба қасди боргоҳи подшоҳи Миср
дар ҳавдаҷ нишастан**

Ба чорум рӯзи мавъид Юсуфи х(в)ар
Чу зад аз соҳили Нили фалак сар,
Ба Юсуф гуфт Молик, к-эй дилорой,
Ту ҳамчун хур канори Нил кун ҷой.
Зи худ кун гарди раҳро шустушӯе,
Зи хокат Нилро деҳ обрӯе.
Ба ҳукми Молик он хуршеди тобон
Ба сӯи Нил шуд ҳолӣ шитобон.
Ба зери пираҳан бурд аз бурун даст,
Суманро пардаи нилуфарӣ баст.
Кулоҳи зарфишон аз фарқ бинҳод,
Зи заррин байзаи худ зоғи шаб зод.
Кашид он гаҳ чунон пироҳан аз фарқ,
Ки ҷайбаш ғарби маҳ шуд, доманаш шарқ.
Намуд он дӯшу бар аз атфи[1] доман
Чунон, к-аз даври гардун субҳи равшан.
Қабои нилгун баста ба таъҷил
Чу симин сарве омад бар лаби Нил.
Зи чархи нилгун бархост фарёд,
Ки шуд Нил аз қудуми он маҳ обод.
Ба ҷои Нил ман будӣ, чӣ будӣ?
Зи побӯсаш ман осудӣ, чӣ будӣ?
Бар он шуд хур, ки худро афканад пеш,
Ба рӯди Нил резад чашмаи хеш,
Набинад чашмаи худ чун сазояш,
Туфайли Нил шӯяд дасту пояш.

[1] Атф – ин ҷо ба маънии давр ва гӯша.

Ба дарё по ниҳад аз рӯи соҳил,
Чу маҳ дар бурҷи обе сохт манзил.
Ба талъат буд хуршеди ҷаҳонтоб,
Чу нилуфар фурӯ рафт андар он об.
Танаш дар об чун урён даромад,
Ба тан оби равонро ҷон даромад.
Кушод аз ҳам мусалсал гесувонро,
Ба рух занҷира баст оби равонро.
Муҳайё сохт баҳри сайдхоҳӣ
Муанбар доме аз маҳ то ба моҳӣ.
Гаҳе мерехт об аз даст бар сар,
Зи Парвин моҳро мебаст зевар.
Гаҳе медод аз каф молиши гул,
Зи панҷа шона мезад шохи сунбул.
Чу гард аз рӯю чирк аз тан фурӯ шуст,
Чу сарве аз канори Нил барруст.
Зи мафрашдор Молик пираҳан хост,
Ба ҷилбоби суман гулро биёрост.
Кашид он гаҳ ба бар дебои заркаш
Ба чандин нақшҳои хуш мунаққаш.
Ба зарринтоҷ маҳро қадр бишкаст,
Камарбанди мурассаъ бар миён баст.
Фурӯ овехт зулфайни диловез,
Ҳавои Миср аз он шуд анбаромез.
Бад-он хубиш дар ҳавдаҷ нишонданд,
Ба қасди қасри шаҳ маркаб биронданд.
Намуд аз қаср берун тахтгоҳе,
Ки шоҳ он ҷо кашидӣ рахт гоҳе.
Ба пешаш хайли хубон саф кашида,
Паи дидори Юсуф орамида.
Фарози[1] тахт ҳавдаҷро ниҳоданд,
Ҷаҳоне чашм бар ҳавдаҷситоданд.

---

[1] Фароз – боло, баландӣ.

Қазоро буд абре тира он рӯз,
Ниҳуфта офтоби оламафрӯз.
Ба Юсуф гуфт Молик, к-эй дилором,
Зи ҳавдаҷ неҳ ба рӯи тахтгаҳ гом.
Ту хуршедӣ, зи ораз парда бикшой,
Зи нури хеш оламро биёрой.
Чу Юсуф бурҷи ҳавдаҷро бипардохт,
Чу хур бар чашми мардум партав андохт.
Гумон шуд нозиронро, к-офтоб аст,
Ки толеъгашта аз нилисабоҳ аст.
Назар карданд дар меҳри ҷаҳонтоб,
Бидонистанд, к-аз вай нест он тоб.
Ҳанӯз ӯ дар паси абр аст мастур,
Зи рӯи Юсуф аст он тобиши нур.
Зи ҳайрат кафзанон аҳли назора
Фиғон бардоштанд аз ҳар канора,
Ки ё Раб, кист ин фархунда ахтар,
Ки ҳам моҳ аст аз ӯ шарманда, ҳам х(в)ар?!
Бутони Миср сар дар пеш монданд,
Зи лавҳаш ҳарфи насхи хеш хонданд.
Бале, ҳар ҷо шавад меҳр ошкоро,
Суҳоро[1] ҷуз ниҳон будан чӣ ёро?!

### Расидани Зулайхо ба даргоҳи подшоҳ ва сабаби издиҳом пурсидан ва ҷамоли Юсуфро дидан ва вайро шинохтан

Зулайхо буд аз ин сурат тиҳидил,
К-аз ӯ то Юсуф омад як-ду манзил.
Вале ҷонаш аз он маънӣ хабар дошт,
Зи доғи шавқ сӯзе дар ҷигар дошт.

---

[1] Суҳо – номи ситорае.

Намедонист, к-он шавқ аз кучо хост,
Ба ҳилатсозияш таскин ҳамехост.
Ба саҳро шуд бурун, то з-он баҳона
Зи дил берун диҳад андӯҳи хона.
Ба сахтӣ чанд рӯз он ҷо ба сар бурд,
Бар он меҳнат басе дандон бияфшурд.
Гирифт асбоби айшу хуррамӣ пеш,
Вале ҳар лаҳза шуд андӯҳи ӯ беш.
Чу дар саҳро ба хирман сайлаш афтод,
Дигарбора ба хона майлаш афтод.
Ба пушти борагӣ ҳавдаҷнишин шуд,
Ба манзилгоҳи худ реҳлатгузин шуд[1].
Агарчи рӯй дар манзилгаҳаш буд,
Гузар бар соҳати қасри шаҳаш буд.
Чу дид он анҷуман, гуфт: «Ин чӣ ғавғост,
Ки гӯӣ растахез аз Миср бархост?»
Яке гуфт: «Ин паи фархунданомест,
Бисоти арзи канъониғуломест,
Ғуломе не, ки рахшон офтобе,
Ба дорулмулки хубӣ комёбе».
Зулайхо домани ҳавдаҷ билардохт,
Чу чашмаш бар ғулом афтод, бишнохт.
Баромад аз дилаш бехост фарёд,
Зи фарёде ки зад, бехуд бияфтод.
Равон ҳавдаҷкашон ҳавдаҷ биронданд,
Ба хилватхонаи хосаш расонданд.
Чу шуд манзилгаҳаш он хилвати роз,
Зи ҳоли бехудӣ омад ба худ боз,
Аз ӯ пурсид доя, к-эй дилафрӯз,
Чаро кардӣ фиғон аз ҷони пурсӯз?
Лаби ширин ба афғон чун кушодӣ,
Бад-он талхӣ чаро бехуд фитодӣ?

---

[1] Реҳлатгузин шудан – бо майл ва ихтиёри худ аз ҷое ба ҷое кӯч кардан, рафтан.

Бигуфт: «Эй меҳрбон модар, чӣ гӯям,
Ки гардад офати ман, ҳар чӣ гӯям.
Дар он маҷмаъ ғуломеро ки дидӣ,
Зи аҳли Миср васфи ӯ шунидӣ,
Зи олам қиблагоҳи ҷони ман ӯст,
Фидояш ҷони ман, ҷонони ман ӯст.
Ба хобам рӯи зебо вай намудаст,
Шикеб аз ҷони шайдо вай рабудаст.
Ба тан дар таб, ба дил дар тоб аз ӯям,
Зи дида ғарқи хуни ноб аз ӯям.
Дар ин кишвар зи савдояш фитодам,
Бад-ин шаҳр аз таманнояш фитодам.
Зи хонумон маро овора ӯ сохт,
Дар ин оворагӣ бечора ӯ сохт.
Ба ҳар меҳнат, ки дидӣ чанд солам,
Ки буд аз роҳати гетӣ малолам,
Ҳама аз орзуи рӯи ӯ буд,
Зи шавқи қомати дилҷӯи ӯ буд.
Зи кӯҳ афзун бувад бори ман имрӯз,
Надонам, чун шавад кори ман имрӯз.
Маҳи ман шоҳи айвони кӣ гардад,
Ба рух шамъи шабистони кӣ гардад?
Кадомин дида гардад равшан аз вай,
Кадомин хона гардад гулшан аз вай?
Кӣ ёбад аз лаби ҷонбахши ӯ ком,
Кӣ гардад дар паноҳи сарваш ором?
Каманди ҷаъди мушкинаш кӣ бофад,
Зи васли нахли симинаш кӣ лофад?
Кӣ бозад ҳосили худ дар баҳояш,
Кӣ созад кухли дида хоки пояш?
Маро беҳ гардад аз вай ҳол ё не,
Расад дастам бад-ин иқбол ё не?»
Чу доя оташи ӯ дид, к-аз чист,
Чу шамъ аз оташи ӯ зор бигрист.

Бигуфт: «Эй шамъ, сӯзи худ ниҳон дор,
Ғами шаб, ранҷи рӯзи худ ниҳон дор.
Сабурӣ пеша кардӣ рӯзгоре,
Макун ҷуз сабр низ имрӯз коре.
Бувад, к-аз сабр уммедат барояд,
Зи абри тира хуршедат барояд».

**Ба маърази байъ даровардани Молик Юсуфро ва харидани Зулайхо вайро ба аснофи он чӣ дигарон мехариданд**

Чӣ хуш вақтею хуррам рӯзгоре,
Ки ёре бар хурад аз васли ёре!
Барафрӯзад чароғи ошноӣ,
Раҳоӣ ёбад аз доғи ҷудоӣ.
Чу Юсуф шуд ба хубӣ гармбозор,
Шудандаш мисриён яксар харидор.
Ба ҳар чизе, ки ҳар кас дастрас дошт,
Дар он бозор байъи ӯ ҳавас дошт.
Шунидам, к-аз ғамаш золе барошуфт,
Танида ресмоне чанд, мегуфт:
«Ҳамин бас, гарчи бас косидқумошам,
Ки дар силки харидорон-ш бошам».
Мунодӣ бонг мезад аз чапу рост:
Кӣ мехоҳад ғуломе бекаму кост?
Рухи ӯ матлаи субҳи сабоҳат,
Лаби ӯ гавҳари кони малоҳат.
Зи симои салоҳаш чеҳра пурнур,
Ба ахлоқи кироманш сина маъмур.
Наёрад бар забон ҷуз ростӣ ҳеч,
Набошад дар каломи ӯ ҳаму печ.

Яке шуд з-он миёна аввали кор,
Ба як бадра[1] зари сурхаш харидор.
Аз он бадра, ки чун хоҳӣ шумораш,
Биёбӣ аз дурустӣ зар ҳазораш.
Харидорони дигар рахш ронданд,
Ба манзилгоҳ сад бадра расонданд.
Бар он афзуд давлатманди дигар
Ба қадри вазни Юсуф мушки азфар[2].
Бар он донои дигар сохт афзун
Ба вазнаш лаъли нобу дурри макнун.
Бад-ин қонун тараққӣ менамуданд,
Зи анвои нафоис мефузуданд.
Зулайхо гашт аз ин маънӣ хабардор,
Музоаф[3] сохт онҳоро ба як бор.
Харидорони дигар лаб бибастанд,
Паси зонуи навмедӣ нишастанд.
Азизи Мисрро гуфт: «Эй накӯрой,
Бирав, бар Молик ин қимат бипаймой».
Бигуфто: «Он чи ман дорам дафина
Зи мушку гавҳару зар дар хазина,
Ба як нима баҳояш барнаёяд,
Адои он тамом аз ман кай ояд?»
Зулайхо дошт дурҷе пур зи гавҳар
На дурҷе, балки бурҷе пур зи ахтар.
Баҳои ҳар гуҳар з-он дурҷи макнун
Хироҷи Миср будӣ, балки афзун.
Бигуфто, к-ин гуҳарҳо дар баҳояш
Бидеҳ, эй гавҳари ҷонам фидояш!
Азиз овард боз аз нав баҳона,
Ки дорад майли он шоҳи замона,

[1] Бадра – ҳамён, халта.
[2] Азфар – хушбӯй.
[3] Музоиф – дучанд афзудан, ду баробар зиёд намудан.

Ки дар хайли вай ин покизадомон
Бувад сардафтари дигар ғуломон.
Бигуфто: «Рав суи шоҳи ҷаҳондор,
Ҳаки хидматгузориро ба ҷой ор,
Бигӯ, бар дил ҷуз ин банде надорам,
Ки пеши дида фарзанде надорам.
Сарафрозӣ физо з-ин эҳтиромам,
Ки ояд зери фармон ин ғуломам.
Ба бурҷам ахтари тобанда бошад,
Маро фарзанду шаҳро банда бошад».
Чу шоҳ ин нуктаи санҷида бишнид,
Зи базли илтимосаш сар напечид.
Иҷозат дод ҳолӣ, то харидаш,
Зи меҳри дил ба фарзандӣ гузидаш.
Ба сӯи хона бурдаш хурраму шод,
Зулайхо шуд зи банди меҳнат озод.
Ба мижгон гавҳари шодӣ ҳамесуфт,
Ду чашми худ ҳамемолиду мегуфт:
«Ба бедорист, ё Раб, ё ба хоб аст,
Ки ҷони ман зи ҷонон комёб аст.
Ба шабҳои сияҳ кай буд умедам,
Ки гардад рӯзӣ ин рӯзи сафедам?!
Шабамро субҳи фирӯзӣ баромад,
Ғаму ранҷи шабонрӯзӣ сар омад.
Шудам бо нозанини хеш ҳамроз,
Сазад акнун, ки бар гардун кунам ноз.
Дар ин меҳнатсарои ғам чу ман кист,
Пас аз пажмурдагӣ хуррам чу ман кист?
Чӣ будам? Моҳие дар мотами об,
Тапон бар реги тафсон аз ғами об.
Даромад селе аз абри каромат,
Ба дарё бурд аз он регам саломат.
Кӣ будам? Гумраҳе дар зулмати шаб,
Расида ҷон зи гумроҳим бар лаб.

Баромад аз уфуқ рахшанда моҳе
Ба кӯи давлатам бинмуд роҳе.
Кӣ будам? Хуфтае бар бистари марг,
Халида дар раги ҷон ништари марг.
Даромад ногаҳон Хизр аз дари ман,
Ба оби зиндагӣ шуд ёвари ман.
Биҳамдиллаҳ, ки давлат ёриям кард,
Замона тарки ҷонозориям кард.
Ҳазорон ҷон фидои он накӯкор,
Ки овард инчунин нақде ба бозор.
Чӣ ғам, гар ҳуққаи гавҳар шикастам,
Чу омад маъдани гавҳар ба дастам.
Ба пеши нақди ҷон гавҳар чӣ бошад,
Туфайли дӯст бошад, ҳар чӣ бошад.
Ҷамоде чанд додам, ҷон харидам,
Баномэзад аҷаб арзон харидам!
Кай аз нақди худ он кас баҳра бинад,
Ки Исо бидҳаду хармуҳра чинад?
Агар хармуҳраро падруд кардам,
Чу Исо они ман шуд, суд кардам».
Ба шаҳри фикрат ин асрор мебехт,
Сиришк аз чашми гавҳарбор мерехт.
Гаҳе дар рӯи Юсуф лол мебуд,
Зи доғи ҳаҷр фориғбол мебуд.
Гаҳ аз ҳаҷри гузашта ёд мекард,
Ба васлаш хотири худ шод мекард.

**Достони духтари Бозға ном аз насли Од, ки ба молу чамол назири худ надошт ва ғоибона ошиқи чамоли Юсуф шуд...**

На танҳо ишқ аз дидор хезад,
Басо, к-ин давлат аз гуфтор хезад.
Дарояд чилваи ҳусн аз раҳи гӯш,
Зи чон ором бирбояд, зи дил ҳуш.
Надорад беш аз ин даллола коре,
Ки гӯяд қиссаи зебонигоре.
Зи дидан хеч асар не дар миёна,
Кунад ошиқ касонро ғоибона.
Ба мулки Миср зебо духтаре буд,
Ки насли одиёнро сарваре буд.
Зада дурчи ақиқаш ханда бар дур,
Зи шаккарханди ӯ Миср аз шакар пур.
Зи бас ширин, ки шаккарханди ӯ буд,
Дили найшаккар андар банди ӯ буд.
Чу шаккар рехтӣ аз лаъли хандон,
Шакар ангушт бигрифтӣ ба дандон.
Шакар буд аз даҳонаш бо дили танг,
Набот аз рашки лаълаш шиша бар санг.
Чу дар лутф аз наботаш лаб фареҳ[1] шуд,
Набот андар дили шиша гиреҳ шуд.
Набот арчанд додӣ шишаро дил,
Намешуд бо лаби лаълаш муқобил.
Набуд эмин зи лаъли майпарасташ,
Ки бо он пурдилӣ орад шикасташ.
Чаҳонро фитна буд он ғайрати ҳур,
Зи шириншаккари ӯ Миср пуршӯр.

---

[1] Фареҳ – зебо, дилписанд

Сарони мулк дар савдош буданд,
Бутони шаҳр нопарвош буданд.
Вале бар чарх месуд афсари ӯ,
Ба ҳар кас дарнамеомад сари ӯ,
Зи иззу молу истиғнои ҷоҳаш
Намеафтод сӯи кас нигоҳаш.
Ҳадиси Юсуфу васфаш чу бишнид,
Ба моҳи рӯи ӯ меҳраш бичунбид.
Чу шуд гуфтушуниди он паёпай,
Шуд он андеша муҳкам дар дили вай.
Ба дидан майлаш афтод аз шунидан,
Бале, бошад шунидан тухми дидан.
Нисоби қиматаш маълуми худ сохт,
Зи тартиби нисобаш дил бипардохт.
Ҳазор уштур ҳама покизагавҳар,
Пур аз дебову мушку гавҳару зар.
Зи анвои нафоис ҳар чӣ будаш,
Ки додан дар баҳо лоиқ намудаш,
Мураттаб карду роҳи Миср бардошт,
Ба махзан аз захоир ҳеч нагзошт.
Фитод аз мақдамаш овоза дар Миср,
Баромад ҳоюҳуи тоза дар Миср.
Ба Миср омад саре дар роҳи Юсуф,
Хабар пурсон зи ҷавлонгоҳи Юсуф.
Чу аз ҷавлонгаҳи Юсуф нишон ёфт,
Дили хуррам ба сӯи ӯ инон тофт.
Ҷамоле дид беш аз ҳадди идрок,
Чу ҷон з-олудагии обу гил пок.
Ба гетӣ мисли ӯ нодида ҳаргиз,
Зи кас монанди ӯ нашнида ҳаргиз.
Нахуст аз дидани ӯ беҳуд афтод,
Зи завқи беҳудӣ гашт аз худ озод.
В-аз он пас беҳушӣ ҳушёрӣ овард,
Зи хоби ғафлаташ бедорӣ овард.

Забон бикшоду пурсиш кард оғоз,
Ҷавохир ҷуст аз он ганҷинаи роз.
Бигуфт, эй аз ту кори некуй рост,
Бад-ин хубӣ ҷамолатро кӣ орост?
Кӣ ломеъ сохт хуршеди ҷабинат,
Ки омад хирмани маҳ хӯшачинат?
Кадомин хомазан накши ту пардохт,
Кадомин боғбон сарви ту афрохт?
Кӣ зад паргор токи абруятро,
Кӣ дод ин тоб банди гесуятро?
Гули сероби ту об аз куҷо х(в)ард,
Бад-ин обаш дар ин бустон кӣ парвард?
Ба сарват хубрафторӣ кӣ омӯхт,
Ба лаълат нағзгуфторӣ кӣ омӯхт?
Маҳи рӯи ту лавҳи номаи кист,
Сари зулфи ту ҳарфи хомаи кист?
Кӣ бинонаргисатро чашм бикшод,
Зи хоби нестӣ бедорияш дод?
Кӣ бар дурҷи дарат зад қуфли ёқут,
Ки дилро қувват омад, рӯҳро кут?
Кӣ кандат дар занахдон чоҳи ғабғаб,
Ки з-оби зиндагӣ кардаш лаболаб?
Кӣ холи анбаринат зад ба рухсор,
Нишеман сохт зоғеро зи гулзор?
Чу Юсуф ин суханҳо кард аз ӯ гӯш,
Ғизои ҷон фишонд аз чашмаи нӯш.
Бигуфто: санъати он сонеам ман,
Ки аз баҳраш ба рашҳе қонеам ман.
Фалак як нуқта аз килки камолаш,
Ҷаҳон як ғунча аз боғи ҷамолаш.
Зи нури ҳикматаш хуршед тобе,
Зи баҳри қудраташ гардун ҳубобе.
Ҷамолаш буд пок аз тухмати айб,
Ниҳуфта дар ҳиҷоби пардаи ғайб.

Зи зарроти ҷаҳон оинаҳо сохт,
Зи рӯи худ ба ҳар як аксе андохт.
Ба чашми тезбинат ҳар чӣ некӯст,
Чу некӯ бингарӣ, акси рухи ӯст.
Чу дидӣ акс, сӯи асл биштоб,
Ки пеши асл набвад аксро тоб.
Маозаллаҳ, зи асл ар дур монӣ,
Чу акс охир шавад, бе нур монӣ.
Набошад аксро чандон бақое,
Надорад ранги гул чандон вафое.
Бақо хоҳӣ, ба рӯи асл бингар,
Вафо ҷӯй, ба сӯи асл бингар.
Ғами чизе раги ҷонро харошад,
Ки гоҳе бошаду гоҳе набошад.
Чу донодухтар ин асрор бишнид,
Бисоти ишқи Юсуф дарнавардид.
Ба Юсуф гуфт: «Чун васфат шунидам,
Ба дил доғи таманноят кашидам.
Гирифтам пеши роҳи орзуят,
Зи сар по сохтам дар ҷустуҷӯят.
Чу дидам рӯи ту, афтодам аз пой,
Ба ҷон додан таҳи поят задам рой.
Вале чун гавҳари асрор суфтӣ,
Нишон з-он манбаи анвор гуфтӣ,
Ба таҳқиқи сухан бишкофтӣ мӯй,
Маро аз меҳри худ бартофтӣ рӯй.
Ҳубоб аз рӯи уммедам кушудӣ,
Зи зарра раҳ ба хуршедам намудӣ.
Кунун бар ман дари ин роз боз аст,
Ки бо ту ишқ варзидан маҷоз аст.
Чу бошад дар ҳақиқат чашм бозам,
Беҳ афтад тарки савдои маҷозам.
Ҷазокаллаҳ, ки чашмам боз кардӣ,
Маро бо ҷони ҷон ҳамроз кардӣ.

Зи меҳри ғайр бигсастӣ дили ман,
Ҳарими васл кардӣ манзили ман.
Агар ҳар мӯи ман гардад забоне,
Зи ту ронам ба ҳар як достоне.
Наёрам гавҳари шукри ту суфтан,
Сари мӯе зи эҳсони ту гуфтан.
Пас он гаҳ кард балруди ваю рафт,
Бираст аз мояи суди ваю рафт.
Бино кард аз паси рафтан ба таҷлил
Ибодатхонае бар соҳили Нил.
Диле аз милку моли олам озод,
Ба мискинону муҳтоҷон сало дод,
Ки мулку моли вай тороҷ кунанд,
Ба қути як шабаш муҳтоҷ карданд.
Ба ҷои тоҷи аз гавҳар мурассаъ,
Қаноат кард бо фарсуда миқнаъ.
Ба ҷои бастани заррин исоба[1]
Ба сар барбаст пашмин пойтоба.
Тани худ з-атласу аксун бипардохт,
Либос оинасо аз намад сохт.
Ба дасти вай чу гавҳардор ёра
Сафолин субҳа омад дар шумора.
Ба кунҷи он ибодатхона раҳ кард,
Зи олам рӯ дар он меҳробгаҳ кард.
Зи гулхан доmane хокистар овард,
Ба хилват бистари санҷоб густард.
Зи хоро зери сар бинҳод болиш,
Даромад гетӣ аз дардаш ба нолиш.
Дар он маъбад ба сар мебурд, то буд,
Ба тоат пой меафшурд, то буд.
Чу дар тоатгарӣ умраш сар омад,
Ба ҷон додан чу мардон хуш баромад.

---

[1] Исоба – дастор, порчае, ки ба сар банданд.

Напиндорӣ, ки ҷонро ройгон дод,
Фурӯғи рӯи ҷонон диду ҷон дод.
Дило, мардонагӣ з-ин зан биёмӯз,
Ба мотам шева бин, шеван биёмӯз.
Ғами худ хур, агар ин ғам надорӣ,
Бикун мотам, гар ин мотам надорӣ.
Ба сар шуд умр дар суратпарастӣ,
Даме з-андешаи сурат нарастӣ.
Ба ҳар дам ҳусни суратро заволест,
Зи холе ҳар замон гардон ба ҳолест.
Мазан ҳар дам қадам дар санглохе,
Зи шохе ҳар замон маншин ба шохе.
Нишеман бартар аз кавну макон гир,
Фарози кохи маънӣ ошён гир.
Бувад маънӣ яке, сурат ҳазорон,
Маҷӯ ҷамъийят аз суратшуморон.
Парешонӣ бувад, ҳар ҷо шумор аст,
В-аз он рӯ дар яке кардан ҳисор аст.
Чу тоби ҳамлаи душман надорӣ,
Беҳ он, к-аз ҷанги ӯ бошӣ ҳисорӣ.

**Тарбият кардани Зулайхо Юсуфро**
**ва хидматгорӣ намудани**
**вай мар ӯро, бо он чи дастраси вай буд**

Чу давлатгир шуд доми Зулайхо,
Фалак зад сикка бар номи Зулайхо.
Назар аз орзуҳои ҷаҳон баст,
Ба хидматгории Юсуф миён баст.
Зи заркашҷомаҳои хаззу[1] дебо
Ба қаддаш ҳамчу қаддаш чусту зебо.

[1] Хаз – як навъ ҷонваре, ки пӯсти ӯро остари либос мекунанд.

Музаҳҳаб[1] тоҷҳо, заррин камарҳо,
Мурассаъ ҳар як аз рахшон гуҳарҳо...
Чу рӯзу сол ҳар як сесаду шаст,
Муҳайё карду фориғбол биншаст.
Ба ҳар рӯзе, ки субҳи нав дамидӣ,
Ба дӯшаш хилъате аз нав кашидӣ.
Чу аз зар тоҷ кардӣ хусрави шарқ,
Ба тоҷи дигараш оростӣ фарқ.
Чу сар афрохтӣ сарви равонаш,
Ба оини дигар бастӣ миёнаш.
Рухи он офтоби дилфиребон
Нашуд толеъ ду рӯз аз як гиребон.
Ду бор он тозасарви гулшани ноз
Ба як афсар нашуд ҳаргиз сарафроз.
Набаст он лабшакар аз як камарбанд
Миёни худ мукаррар чун наи қанд.
Чу тоҷи зар ба фарқаш барниҳодӣ,
Ҳазорон бӯсааш бар фарқ додӣ,
Ки чун ту хоки пояш тоҷи ман бод,
Ба авҷи сарварӣ меъроҷи ман бод!
Чу пироҳан кашидӣ бар тани ӯ,
Шудӣ ҳамроз бо пироҳани ӯ.
Танам гуфтӣ зи ту як тор бодо,
В-аз он тан чун ту бархурдор бодо!
Қабо бар қадди он сарви дилоро,
Чу кардӣ рост, гуфтӣ мар қаборо,
Ки дорам орзу з-он сарви гулранг,
Ки ҳамчун ту дар оғӯшаш кашам танг.
Камар чун чуст кардӣ бар миёнаш,
Гузаштӣ ин таманно бар забонаш,
Ки гар дастам камар будӣ, чӣ будӣ,
Зи васлаш баҳравар будӣ, чӣ будӣ?

---

[1] Музаҳҳаб – зарандуд, тилоӣ.

Мусалсал гесуяш чун шона кардӣ,
Мудовои дили девона кардӣ.
Ба ҳам дарбофтӣ аз анбари хом
Шикори ҷони худро анбарин дом.
Ба қасди хурди шому туъмаи чошт
Ба неъматхонаи худ рӯзу шаб дошт.
Муҳайё карда хонҳои мулавван
Ба неъматҳои гуногун музайян.
Паи ҳалвош қанду мағзи бодом
Гирифтӣ аз лабу дандони ӯ вом.
Барои меваҳои гуна-гуна
Зи симин себи ӯ кардӣ намуна.
Гаҳе аз синаҳои мурғ дар пеш,
Кабобаш соз кардӣ, чун дили хеш.
Гаҳе додӣ чу лаъли обдораш,
Мураббоҳои хоси хушгувораш.
Чу кардӣ шарбаташ аз шаккари ноб,
Шудӣ ҳамчун набот аз шарми ӯ об.
Ба ҳар чизаш, к-аз инҳо майл дидӣ,
Равон чун ҷони худ пешаш кашидӣ.
Шабонгаҳ, к-аш хаёли хоб будӣ,
Зи рӯзу ранҷи ӯ бетоб будӣ,
Бияфкандӣ фироши дилпазираш
Ниҳодӣ маҳди дебову ҳарираш.
Ниҳолашро зи гил кардӣ ниҳолин,
Гулашро аз суман ё лола болин.
Фусун хондӣ басе в-афсона гуфтӣ,
Ғубори хотираш з-афсона руфтӣ.
Чу бастӣ наргисашро пардаи хоб,
Шудӣ бо шамъ ҳамдам дар табу тоб.
Ду маст оҳуи худро то саҳаргоҳ
Чаронидӣ ба боғи ҳусни он моҳ.
Гаҳе бо наргисаш ҳамроз гаштӣ,
Гаҳе бо ғунчааш дамсоз гаштӣ,

Гаҳе аз лолазораш лола чидӣ,
Гаҳе аз гулситонаш гул чаридӣ.
Гирифтӣ гаҳ зи нӯшин чашмааш лаб,
Гаҳе гирди закан гаштӣ чу ғабғаб.
Гаҳе бо гесуяш кардӣ сухан соз,
Ки эй ҳамсар шуда бо гулбуни ноз,
Маро аз дида з-он хуноба пошӣ,
Ки деве ё парӣ ҳамхоба бошӣ.
Бад-ин афсӯс пуштидастхоён
Расондӣ шаб чу гесуяш ба поён.
Ба рӯзону шабон ин буд кораш,
Набуд аз кори ӯ як дам қарораш.
Ғамаш хурдию ғамхориш кардӣ,
Ба хотунӣ парасториш кардӣ.
Бале, ошиқ ҳамеша ҷон фурӯшад,
Ба ҷон дар хидмати маъшуқ кӯшад.
Ба мижгон аз раҳи ӯ хор чинад,
Ба чашм аз пои ӯ озор чинад.
Ба ҷисму ҷон нишинад ҳозири ӯ,
Бувад, к-афтад қабули хотири ӯ.

**Шарҳ додани Юсуф қиссаи**
**меҳнати роҳ ва заҳмати чоҳро**
**ва огоҳ шудани Зулайхо аз он,**
**ки андӯҳе, ки он рӯз**
**доштааст, ба сабаби он будааст**

Суханпардози ин ширин фасона,
Чунин орад фасона дар миёна,
Ки пеш аз васли Юсуф буд рӯзе
Зулайхоро аҷаб дардею сӯзе.
Зи дил сабру зи тан ором рафта,
Шикеб аз ҷони ғамфарҷом рафта.

На дар хона ба коре банд гаштӣ,
На бар берун ба кас хурсанд гаштӣ.
Мижа пуробу дил пурхун ҳамерафт,
Дарун меомаду берун ҳамерафт.
Бад-ӯ гуфт он баландиқбол доя,
Ки эй маҳпояи хуршедсоя,
Мабодат аз ҷафои чарх тобе,
Зи бедоди замона изтиробе!
Намедонам, ки имрӯзат чӣ ҳол аст,
Ки ҷонат ғарқи дарёи малол аст.
Чу он барге, ки гардонад насимаш,
Ки бар як ҷо набинад кас муқимаш.
Гаҳе бар пушт афтад, гоҳ бар рӯй,
Гаҳ он сӯ бошадаш ҷунбиш, гаҳ ин сӯй.
Ба як сарманзил ороме надорад,
Ба ҷуз гардандагӣ коме надорад.
Бигӯ, к-ин беқарорӣ аз кӣ дорӣ,
Зи нав ранҷе ки дорӣ, аз кӣ дорӣ?
Бигуфто: «Ман зи худ ҳайронам имрӯз,
Ба кори хеш саргардонам имрӯз,
Ғаме дорам, надонам, к-ин ғам аз чист,
Зи ҷонам сарзада ин мотам аз кист?
Ниҳонӣ дарде оромам бибурдаст,
Ба ҷаври даври айёмам супурдаст.
Манам хоке, ба худ сокинниҳоде,
Ки печидаст дар вай гирдбоде.
Вуҷудаш гарчи аз ҷунбиш тиҳӣ нест,
Вале аз ҳоли бодаш огаҳӣ нест».
Чу Юсуф ҳамнишин шуд бо Зулайхо,
Шабонрӯзӣ қарин шуд бо Зулайхо.
Шабе пеши Зулайхо роз мегуфт,
Ғаму андӯҳи пешин боз мегуфт.
Ба тақриби сухан бикшод ногоҳ
Забон дар шарҳи роҳу қиссаи чоҳ.

Зулайхо чун ҳадиси чоҳ бишнид,
Ба сони ресмон бар хеш печид.
Фитод андар дилаш, к-он рӯз будаст,
Ки ҷонаш дар ғами ҷонсӯз будаст.
Ҳисоби рӯзу маҳ чун нек бардошт,
Ба пеши ӯ якин шуд, он чи пиндошт.
Бале, донад диле, к-огоҳ бошад,
Ки аз дилҳо ба дилҳо роҳ бошад.
Хусусан аз дили садҷоки ошиқ,
Ки бошад дар раҳи маъшуқ содиқ.
Зи ҳар ҷокаш бувад бикшода роҳе,
Суи маъшуқ аз он роҳаш нигоҳе.
Аз он раҳ партави аҳволи ҷонон
Фитад бар ҷисму ҷони нотавонон.
Агар хоре халад дар пои дилдор,
Дили ошиқ шавад афгор аз он хор.
В-агар боде вазад бар зулфи маҳбуб,
Фитад дар ҷони ошиқ з-он сад ошӯб.
В-агар гарде нишинад бар изораш,
Шавад хам пушти ошиқ зери бораш.
Шунидастам, ки рӯзе кард Лайлӣ
Ба қасди фасд[1] сӯи пеш майле.
Чу зад Лайлӣ яке неш аз паи хун,
Ба водӣ рафт хун аз дасти Маҷнун.
Биё, Ҷомӣ, зи буди худ бипарҳез,
Зи пиндори вуҷуди худ бипарҳез.
Гарат фахреюю нанге ҳаст, аз туст
В-арат бӯеюю ранге ҳаст, аз туст.
Мусаффо шав зи меҳру кинаи хеш,
Мусайқал кун рухи оинаи хеш.
Бувад нури ҷамоли шоҳиди ғайб,
Битобад чун Калимуллоҳат[2] аз ҷайб.

---

[1] Фасд – хунгирӣ, ҳиҷомат.
[2] Калимуллоҳ – лақаби Мӯсо будааст.

Шавад чашми дилат равшан бад-он нур,
Намонад сирри ҷонон бар ту мастур.[1]

**Таманно кардани Юсуф шубониро**
**ба ҳукми он, ки ҳеч пайғамбар набудааст,**
**ки шубонӣ накардааст ва**
**муҳайё сохтани Зулайхо асбоби шубонии вайро**

Хуш он бедил, ки давлатёр гардад,
Ба гирди хотири дилдор гардад.
Бурун ояд тамом аз хоҳиши хеш,
Диҳад дар хоҳиши ӯ коҳиши хеш.
Чу хоҳад ҷон, равоне бар лаб орад,
Бибӯсад хоки ӯву ҷон супорад.
Чу ҷӯяд дил, кунад дилро зи ғам хун
Диҳад ҳар дам зи роҳи дида берун.
Чу гӯяд хез, аз сар пой созад,
Ба хидматгории ӯ сар фарозад.
Агар ронад, натобад сар чу хома,
В-агар хонад, напечад рӯ чу нома.
Ба ҳукми он ки умматпарвариро
Шубон лоиқ бувад пайғамбариро.
Зи Юсуф бо ҳазорон комронӣ
Ҳамезад сар таманнои шубонӣ.
Зулайхо он таманноро чу дарёфт,
Ба таҳсили таманнояш инон тофт.
Нахустин хост з-устодони якфан,
Ки карданд аз барояш як фалохан.
Расан ҳамчун хур аз зар тофтандаш,
Чу гесӯи муанбар бофтандаш.
Зулайхо низ мепухт орзуе,
Ки гунҷонам дар ӯ худро чу мӯе.

[1] Мастур – пӯшида, ниҳон.

Чу натвон бесабаб худро дар ӯ баст,
Бибӯсам гоҳ-гоҳаш з-он сабаб даст.
Дигар мегуфт: «Инро чун писандам,
Ки як мӯ бори худ бар вай бибандам».
Мурассаъ сохт баҳри зебу зевар,
Чу мижгони худаш аз дурру гавҳар.
Ба ҷунбиш гар фитодӣ лаъли хушранг
Зи бемиқдорӣ афкандиш чун санг.
В-аз он пас дод фармон чун шубонон
Рама дар кӯҳу дар саҳро чаронон,
Ҷудо созанд нодир баррае чанд
Чу гардунчар бара бемислу монанд.
Чу оҳуи Хутан сунбулчарида,
Зи гургон ҳаргиз осебе надида.
Зиреҳсон пашмашон чун мӯи зангӣ,
Зи абрешим фузун дар тозарангӣ.
Зи фарбеҳ дунбаҳо яксар гаронбор,
Ба роҳ аз бас гаронӣ нармрафтор.
Ба ҳар водӣ чу рафтандӣ чарозан,
Ту гӯӣ мавҷ мезад сели равған.
Ба рӯи мавҷи бод аз сарфарозӣ
Гирифта санъати занҷирсозӣ.
Миёни он рама Юсуф шитобон,
Чу дар бурҷи ҳамал хуршеди тобон.
Чу мушкин оҳуи танҳо фитода,
Ба сӯи гӯсфандон рӯ ниҳода.
Зулайхо сабру ҳушу ақлу ҷонро
Саги дунболакаш карда шубонро,
Нигаҳбонон муваккал сохт чанде,
Ки дорандаш нигоҳ аз ҳар газанде.
Бад-ин сон буд, то мехост кораш,
Набуд аз даст берун ихтиёраш.
Агар мехост, дар саҳро шубон буд,
В-агар мехост, шоҳи мулки ҷон буд.

Вале дар зоти худ буд он паризод
Зи шоҳию шубонӣ ҳар ду озод.

### Мутолаба кардани Зулайхо висоли Юсуфро ва истиғно намудани Юсуф аз вай

Чу бандад бедиле дил дар нигоре,
Нагирад кори ӯ ҳаргиз қароре.
Агар набвад ба каф нақди висолаш,
Ба сина ишқ бозад бо хаёлаш.
Вале хунаш бувад аз дил чакида,
Ки афтад кори вай аз дил ба дида.
Чу ёбад баҳра чашми ашкбораш,
Фитад андешаи бӯсу канораш.
В-агар бӯсу канораш ҳам диҳад даст,
Зи бими ҳаҷр бошад ранҷа пайваст.
Умеди комронӣ нест дар ишқ,
Сафои зиндагонӣ нест дар ишқ,
Бувад оғози он хун хурдану бас,
Бувад анҷомаш аз худ мурдану бас.
Ба роҳат кай бувад он кас сазовор,
Ки хун хурдан бувад ё мурданаш кор?
Зулайхо буд Юсуфро надида,
Ба хобею хаёле орамида.
Ба ҷуз дидораш аз ҳар ҷустуҷӯе
Намедонист худро орзуе.
Чу дид аз дидани ӯ баҳрамандӣ,
Зи дидан хост табъи ӯ баландӣ.
Ба он овард рӯи ҷустуҷӯро,
Ки орад дар канор он орзуро.
Зи лаъли ӯ ба бӯса ком гирад,
Зи сарваш бо канор ором гирад.

Бале, наззорагӣ, к-ояд суи боғ,
Зи шавқи гул чу лола сина пурдоғ,
Нахуст аз рӯи гул дидан шавад маст,
Зи гул дидан ба гул чидан барад даст.
Зулайхо васлро меҷуст чора,
Вале мекард аз он Юсуф канора.
Зулайхо буд хун аз дида резон,
Вале мебуд аз ӯ Юсуф гурезон.
Зулайхо дошт бас ҷонсӯз доғе,
Вале медошт з-он Юсуф фароғе.
Зулайхо рух бар он фаррухлиқо дошт,
Вале Юсуф назар бар пушти по дошт.
Зулайхо бахри як дидан ҳамесӯхт,
Вале Юсуф зи дидан дида медӯхт.
Зи бими фитна рӯи ӯ намедид,
Ба чашми фитнаҷӯи ӯ намедид.
Наёрад ошиқ он дидор дар чашм,
Ки бо ёраш наяфтад чашм бар чашм.
Зи ошиқ дам ба дам ашкею оҳе,
Набошад ҷуз ба уммеди нигоҳе.
Чу ёр аз ҳоли ошиқ дида пӯшад,
Сазад, к-аш хуни дил аз дида ҷӯшад.
Зулайхоро чу ин ғам бар сар омад,
Ба андак фурсате аз по даромад.
Баромад дар хазони меҳнату дард
Гули сурхаш ба ранги лолаи зард.
Ба дил з-андӯҳ будаш бори анбӯҳ,
Саҳисарваш хамид аз бори андӯҳ.
Бирафт аз лаъли лаб обе, ки будаш,
Нишаст аз шамъи рух тобе, ки будаш.
Накардӣ шона зулфи анбаринбӯй,
Ҷуз аз панҷа, ки мекандӣ ба он мӯй,
Ба сӯи оина кам рӯ кушодӣ,
Магар зону, ки бар вай рӯ ниҳодӣ.

Зи бас, к-аз дил фишондӣ хуни тоза,
Нагаштӣ чеҳрааш муҳтоҷи ғоза.
Ҳама олам ба чашмаш чун сияҳ буд,
Ба чашмаш сурмаро кай ҷойгаҳ буд?!
Зи сурма з-он сияҳчашмӣ намеҷуст,
Ки ашк аз наргиси ӯ сурма мешуст.
Зулайхоро чу шуд з-ин ғам ҷигар реш,
Забони сарзаниш бикшод бар хеш,
Ки эй корат ба расвоӣ кашида
Зи савдои ғуломи зархарида,
Ту шоҳӣ бар сарири сарфарозӣ,
Чаро бо бандаи худ ишқ бозӣ?
Ба маъшуқӣ чу худ шоҳе талаб дор,
Ки шоҳиро бувад шоҳе сазовор.
Аҷабтар он ки аз уҷбе[1], ки дорад,
Ба васли чун туе сар дарнаёрад.
Занони Миср агар донанд ҳолат,
Расонанд аз маломат сад малолат.
Ҳамегуфт ин, валекин он ягона
На з-он сон дар дили ӯ дошт хона,
К-аш аз хотир тавонистӣ бурун кард,
Бад-ин афсона дардашро фусун кард!
Бале, чун дилбаре бо ҷон даромехт,
Наёрад ҷон аз ӯ пайванд бигсехт.
Бурад пайванди ҷон аз тан ба як дам,
Вале бо ӯ бувад ҷовид муҳкам.
Чӣ хуш гуфт он ба доғи ишқ ранҷур,
Ки бӯй аз мушку ранг аз гул шавад дур.
Вале берун бувад з-имкони ошиқ,
Ки гӯяд тарки ҷонон ҷони ошиқ.

---

[1] Уҷб – кибр, худбинӣ.

**Пурсидани доя аз Зулайхо сабаби гудохтан ва сӯхтани вайро дар мушоҳадаи шамъи ҷамоли Юсуф**

Зулайхоро чу доя ончунон дид,
Зи дида ашкрезон ҳол пурсид,
Ки эй чашмам ба дидори ту равшан,
Дилам аз акси рухсори ту гулшан.
Дилат пурранҷу ҷонат пурмалол аст,
Намедонам, туро акнун чӣ ҳол аст.
Туро ороми ҷон пайваста дар пеш,
Чӣ месӯзӣ зи беоромии хеш?
Дар он вақте, ки аз вай дур будӣ,
Агар месӯхтӣ, маъзур будӣ.
Кунун дар айни васлӣ, сӯхтан чист,
Ба доғаш шамъи ҷон афрӯхтан чист?
Киро аз ошиқон ин даст додаст,
Ки маъшуқаш ба хидмат сар ниҳодаст?
Ҳамин бас толеи фархундаи ту,
Ки султони ту омад бандаи ту,
Маҳе лоиқ ба тоҷи подшоҳӣ,
Ба фармони ту шуд, дигар чӣ хоҳӣ?
Ба рӯяш хурраму дилшод мебош,
Зи ғамҳои ҷаҳон озод мебош.
Зи сарви лоларангаш ком мегир,
Ба рафтори хушаш ором мегир.
Лабаш мебину ҷон мепарвар аз вай,
Зулоли комронӣ мех(в)ар аз вай!
Зулайхо чун шунид инҳо зи доя,
Сиришкашро дил аз хун дод моя.
Зи абри дида хуни дил фурӯ рехт,
Ба пешаш қиссаи мушкил фурӯ рехт.

Бигуфт: «Эй меҳрбон модар, ҳамоно
Най чандон ба сирри кор доно.
Намедонӣ, ки ман бар дил чӣ дорам,
В-аз он ҷони ҷаҳон ҳосил чӣ дорам.
Ба хидмат пеши рӯям истода,
Вале бехидматиро дод дода.
Зи ман дурӣ набошад ҳеч гоҳаш,
Вале набвад ба ман ҳаргиз нигоҳаш.
Бар он ташна бибояд зор бигрист,
Ки бар лаб об, бояд ташнааш зист.
Чу рӯям шамъи хубӣ барфурӯзад,
Ду чашми худ ба пушти пой дӯзад.
Бад-ин андеша озораш наҷӯям,
Ки пушти пош беҳ бошад зи рӯям.
Чу бикшоям бад-ӯ чашми ҷаҳонбин,
Ба пешонӣ намояд сурати чин.
Бар он чин сарзаниш аз ман раво нест,
Ки аз вай ҳар чӣ меояд, хато нест.
Зи абрӯяш маро дар дил гиреҳхост,
К-аз он каҷ нест корам бе гиреҳ рост.
Чунин, к-аз вай гиреҳ бар корам афтад,
Назар кардан ба вай душворам афтад.
Даҳонаш, к-аз сухан бо ман ба танг аст,
Ба ҷуз хун хурданам аз вай чӣ ранг аст?!
Зи лаълаш дар даҳонам об гардад,
Ба чашмам об хуни ноб гардад.
Қадаш, к-омад ниҳоли орзуям,
Зи раҳмат кам шавад моил ба сӯям.
Чу хоҳам, к-аз ниҳолаш себ чинам,
Начида себ сад осеб бинам.
Зи чоҳи ғабғабаш чун ком хоҳам,
Ба чоҳи ғам кунад оромгоҳам.
Ба рашкам, з-остини ӯ, ки пайваст
Ба дастон ёфта бар соидаш даст.

Зи домонаш занам дар чайби чон чок,
Ки дорад пеши пояш рӯй бар хок».
Чу доя ин сухан бишнид, бигрист,
Ки бо холе чунин мушкил тавон зист.
Фироке, к-афтад аз даврон зарурӣ,
Беҳ аз васле бад-ин талхию шӯрӣ.
Ғами ҳичрон ҳамин як сахтӣ орад,
Чунин васле дусад бадбахтӣ орад.

**Фиристодани Зулайхо дояро ба наздики Юсуф ва мутолабаи мақсуд кардан ва ибо намудани вай аз он**

Зулайхо бо ғаме бо ин дарозӣ
Чу дид аз доя рахми чорасозӣ,
Бигуфт: «Эй аз ту сад ёрим буда,
Ба ҳар коре ҳаводорим буда,
Маро як бори дигар ёрие кун,
Зи ғамхорим бин, ғамхорие кун.
Қадам аз тораки ман кун ба сӯяш,
Забони ман шаву аз ман бигӯяш,
Ки эй саркаш ниҳоли нозпарвард,
Рухатро аз латофат ноз парвард.
Зи бустони чамолу гулшани ноз
Наруста чун қадат сарве сарафроз.
Зи чону дил гилу обе сириштанд,
Дар ӯ шохе зи боғи Сидра киштанд.
Чу барги сарбаландӣ дод он шох,
Саҳисарви туаш хонданд густох.
Арӯси даҳр то дар зодан афтод,
Зи ту покизатар фарзанд кам зод.
Ба фарзандит Одам чашмравшан,
Зи гулрӯит олам тозагулшан.

Камоли ҳусни ту ҳадди башар нест,
Парӣ аз хубии ту баҳравар нест.
Париро гар набудӣ шармсорӣ,
Намондӣ аз ту дар кунҷи таворӣ[1].
Фаришта гарчи бар чархи барин аст,
Ба пешаш рӯи ту сар бар замин аст.
Фалак з-ин сон баландат сохт поя,
Фикан бар мубталои хеш соя.
Зулайхо гарчи зебо дилрабоест,
Фитода дар камандат мубталоест.
Зи тифлӣ доғи ту бар сина дорад,
Зи савдоят ғами дерина дорад.
Ба мулки худ се борат дида дар хоб
В-аз он умрест монда дар табу тоб.
Гаҳе чун об дар занҷир будаст,
Гаҳе чун бод дар шабгир будаст.
Кунун ҳам гашта з-ин савдо чу мӯе,
Надорад ҷуз ту дар дил орзуе.
Бирав нокарда нақди зиндагӣ гум,
Тараҳҳум кун, хуш аст, охир, тараҳҳум.
Ба лаб ҳастӣ зулоли зиндагонӣ,
Чӣ бошад, қатрае бар вай фишонӣ?!
Ба қад ҳастӣ ниҳоли меваовар,
Чӣ бошад, гар хурад аз меваат бар?!
Ризо деҳ, то зи лаълат ком гирад,
Бувад, сӯзи дилаш ором гирад.
Қадам неҳ, то сар андозад ба поят,
Рутаб чинад зи нахли дилрабоят.
Чӣ кам гардад зи ҷоҳи чун ту шоҳе,
Агар гоҳе кунӣ сӯяш нигоҳе?
Ҳавас дорад, ки бо чандин азизӣ
Кунад пеши канизонат канизӣ».

---

[1] Таворӣ – пинҳон, пӯшида.

Чу Юсуф ин фусун аз доя бишнуд,
Ба посух лаъли гавҳарбор бикшуд.
Ба доя гуфт, к-эй доно ба ҳар роз,
Машав баҳри фиреби ман фусунсоз.
Зулайхоро ғуломи зархаридам,
Басо аз вай иноятҳо, ки дидам.
Гилу обам иморашкардаи ӯст,
Дилу ҷонам вафопарвардаи ӯст.
Агар умре кунам неъматшуморӣ,
Наёрам кардан ӯро ҳақгузорӣ.
Саре бар хатти фармонаш ниҳода,
Ба хидматгориям инак ситода.
Вале, гӯ, бар ман ин андеша мапсанд,
Ки сар печам зи фармони Худованд.
Зи бадфармой нафси маъсиятзой
Ниҳам дар тангнои маъсият пой.
Ба фарзандӣ Азизам ном бурдаст,
Амини хонаи хешам шумурдаст.
Наям ҷуз мурғи обу донаи ӯ,
Хиёнат чун кунам дар хонаи ӯ?
Худои покро дар ҳар сиришите
Ҷудогона бувад корею кишите.
Бувад покизатинат поккирдор,
Зинозода набошад ҷуз зинокор.
Зи мардум саг, зи саг мардум назояд,
Зи гандум ҷав, зи ҷав гандум наёяд.
Ба сина сирри Исроил дорам,
Ба дил доной аз Ҷабрил дорам.
Агар ҳастам нубувватро сазовор,
Бувад з-Исҳоқам истеҳқоқи ин кор.
Гулеям, розҳо дар вай ниҳуфта,
Зи гулзори Халилуллаҳ шукуфта.
Маозаллаҳ, ки коре геша созам,
Кӣ дорад аз раҳи ин қавм бозам.

Зулайхо з-ин ҳавас, гӯ, дур медор
Дили хешу маро маъзур медор,
Ки ман дорам зи фазли Эзади пок
Умеди исмати нафси ҳаваснок.

**Рафтани Зулайхо худ пеши Юсуф
ва тазарруъ намудан
ва узр гуфтани Юсуф аз таҳсили муроди вай**

Чу доя бо Зулайхо ин хабар гуфт,
Зи гуфти ӯ чу зулфи худ барошуфт.
Ба рухсор аз ҷигар хуни ҷигар рехт,
Зи бодоми сиёҳ унноби тар рехт.
Хиромон сохт сарви ростинро,
Ба сар соя фиканд он нозанинро.
Бад-ӯ гуфт: «Эй сари ман хоки поят,
Сарам холӣ мабодо аз ҳавоят.
Зи меҳрат як сари мӯям тиҳӣ нест,
Сари мӯе зи хешам огаҳӣ нест.
Хаёли туст ҷон андар тани ман,
Каманди туст тавқи гардани ман.
Агар ҷон аст, ғампарвардаи туст,
В-агар тан, ҷонбалобовардаи туст.
Зи ҳоли дил чӣ гӯям худ, ки чун аст,
Зи чашми хунфишон як қатра хун аст.
Чунон дар луҷҷаи ишқи туам ғарқ,
К-аз ӯ холӣ наям аз пой то фарқ.
Зи ман фассод ҳар рагро, ки кобад,
Ба ҷои хун ғамат берун таробад».
Чу Юсуф ин сухан бишниду бигрист,
Зулайхо оҳ зад, к-ин гиря аз чист?
Маро чашмӣ ту, чун хандон нишинам,
Ки чашми хешро дар гиря бинам?

Чу аз мижгон фишонӣ қатраи об,
Чу оташ афканад дар ҷони ман тоб.
Зи муъҷизҳои ҳусни туст, донам,
Ки аз об афканӣ оташ ба ҷонам.
Чу Юсуф дид аз ӯ андӯҳи бисёр,
Шуд аз лаб ҳамчу чашми худ гуҳарбор.
Бигуфт: «Аз гиря з-онам дилшикаста,
Ки набвад ишқи кас бар ман хуҷаста.
Чу зад амма ба роҳи меҳри ман гом,
Ба дуздӣ дар ҷаҳонам сохт бадном.
Зи ихвонам падар чун дӯсттар дошт,
Ниҳоли кини ман дар ҷонашон кошт,
Зи наздики падар дурам фиканданд,
Ба хоки Миср маҳҷурам фиканданд.
Шавад дил дам ба дам хун дар бари ман,
Ки то ишқат чӣ орад бар сари ман?»
Бале, султони маъшуқон ғаюр аст,
Зи ширкат мулки маъшуқиш дур аст.
Намехоҳад, чи з-анҷому чи з-оғоз,
Дар ин мансаб касеро бо худ анбоз[1].
Ба раъноӣ чу сарве сар фарозад,
Чу соя зери пояш паст созад.
Ба зебоӣ чу моҳе рух фурӯзад,
Зи барқи ғайраташ хирман бисӯзад.
Расад хур чун ба авҷи чархи даввор,
Ба сӯи мағрибаш созад нигунсор.
Чу маҳро пар бароял қолаб аз нур,
Кунад ранҷи муҳоқаш[2] зору ранҷур.
Зулайхо гуфт, к-эй чашму чароғам,
Фурӯғи ту зи маҳ дода фароғам.

---

[1] Анбоз – баробар, шарик, ҳамроҳ.
[2] Муҳоқ – охири моҳи қамарӣ, се шаби охири ин моҳ, ки моҳтоб дида намешавад.

Намегӯям, ки дар чашмат азизам,
Канизони туро камтар канизам.
Наёяд з-ин канизи камтарина,
Ба ҷуз шавқи даруну сӯзи сина.
Зи ман, к-аз ҷон фузун медорамат дӯст,
Гумони душманӣ бурдан на некӯст.
Касе озори ҷони худ нахоҳад,
Ба ҳеч офат равони худ нахоҳад.
Маро аз теғи ҳаҷрат дил дуним аст,
Туро аз бими ман чандин чӣ бим аст?
Бикун лутфею аз лаб коми ман деҳ,
Замоне ром шав, ороми ман деҳ.
Бизан як гом дар ҳамроҳии ман,
Бибин ҷовид давлатхоҳии ман.
Ҷавобаш дод Юсуф, к-эй худованд,
Манам пешат ба банди бандагӣ банд.
Бурун аз бандагӣ коре надорам,
Ба қадри бандагӣ фармой корам.
Худовандӣ маҷӯй аз бандаи хеш,
Бад-ин лутфам макун шармандаи хеш.
Киям ман, то туро дамсоз гардам,
Дар ин хон бо Азиз анбоз гардам?
Бибояд подшоҳ он бандаро кушт,
Ки зад бар як намакдон бо вай ангушт.
Маро беҳ, гар кунӣ машғули коре,
Ки дар вай бигзаронам рӯзгоре.
Зи хидматгориат сар барнаёрам,
Ба сад ҷаҳдат ҳақи хидмат гузорам.
Зи хидмат бандагон озод гарданд,
Ба маншури иноят шод гарданд.
Зи некӯхидматон хотир шавад шод,
Нагардад бандаи бадхидмат озод.
Зулайхо гуфт, ки–эй фархундагавҳар,
Ки ҳастам пеши ту аз банда камтар,

Ба ҳар чое, ки коре оядам пеш,
Бувад он ҷо ба по сад коргар беш.
На хуш бошад, ки эшонро гузорам,
Ба ҳар коре туро дар бор дорам.
Бувад пой аз барои раҳ супурдан[1]
Набояд дидаро чун по шумурдан.
Ба ҷои по чу раҳ пурхор бинӣ,
Агар дида нихӣ, озор бинӣ.
Чу Юсуф ин сухан бишнид аз ӯ, гуфт,
Ки эй ҷону дилат бо меҳри ман ҷуфт,
Чу субҳ ар содиқӣ дар меҳри рӯям,
Мазан дам ҷуз ба вафқи[2] орзуям.
Маро чун орзу хидматгузорист,
Хилофи он на расми дӯстдорист,
Диле, к-ӯ мубталои дӯст бошад,
Муроди ӯ ризои дӯст бошад.
Ризои худ бибозад дар ризояш,
Ниҳад рӯи ризо бар хоки пояш.
Аз он Юсуф ҳамедод ин сухан соз,
Ки то дар хидмат аз суҳбат раҳад боз.
Зи суҳбат дошт бими фитнаву шӯр,
Ба хидмат хост, то гардад аз он дур.
Хуш он пунба , ки аз оташ гурезад,
Чу натвонад, ки бо оташ ситезад.

### Фиристодани Зулайхо Юсуфро ба ҷониби боғ ва таҳияи асбоби вай кардан

Чаманпирои боғи ин ҳикоят
Чунин кард аз куҳанпирон ривоят,
Ки чун Юсуф зи лабҳои шакархо
Фишонд ин тоза шаккар бар Зулайхо,

---

[1] Супурдан (сипардан)-тай кардан, рафтан.
[2] Вафқ-мувофиқ , муносиб.

Зулайхо дошт боғею чӣ боғе,
К-аз он бар дил Ирамро буд доғе.
Ба гирдаш з-обу гил савре[1] кашида,
Гули сурӣ зи атрофаш дамида.
Дарахтонаш кашида шох дар шох,
Ба тангоғӯшии ҳам нек густох.
Чанорашро қадам бар домани сарв,
Ҳамоил дастҳо дар гардани сарв.
Нишаста гул зи ғунча дар аморӣ,
Ба фарқаш норван дар чатрдорӣ.
Чаман норинҷбунро саҳни майдон
Ба каф норинҷ, шохаш гӯю чавгон.
Дар он майдонгаҳи холӣ зи офат
Рабуда аз ҳама гӯи латофат.
Қади раъно кашида нахли хурмо,
Гирифта боғро з-ӯ кор боло.
Зи ҳалво хирмане з-ин хӯша аз вай,
Гирифта хастаҷонон тӯша аз вай.
Ба сони доягон пистони анҷир
Паи тифлони боғ аз шира пуршир.
Бар он ҳар мурғаке анҷирхора.
Даҳон бурда чу тифли ширхора.
Фурӯғи хур ба саҳнаш нимрӯзон
Зи зангоримушаббакҳо фурӯзон.
Ба ҳам омехта хуршеду соя,
Зи мушку зар заминро дода соя.
Зи ҷунбиш ламъаҳои нур дар зил[2]
Дафи гулро шуда заррин ҷалоҷил.
Анодил[3] з-он ҷалоҷил нағмапардоз
Дар ин фирӯза кох афканда овоз.

---

[1] Савр –бора, девор
[2] Зил-соя, паноҳ, торикии шаб.
[3] Анодил-бубулон.

Зи боду соя в-аз бедаш хазорон
Тапанда моҳиён дар ҷӯйборон.
Ба руфтурӯби боғ аз хубу нохуб
Зи хатти сабза хокаш лавҳи таълим,
Кашида ҷӯи обаш ҷадвал аз сим.
Аз он лавҳи муҷадвал хурдадонон
Румузи сунъи ҳайи пок хонон.
Гули сурхаш чу хубон нозпарвард,
Ба ранги ошиқон рӯи гули зард.
Сабо ҷаъди бунафша тоб дода,
Гиреҳ аз турраи сунбул кушода.
Суман бо лолаву райҳон ҳамоғӯш,
Замин аз сабзаи тар парниёнпӯш.
Ба ҳам баста дар он нузҳатгаҳи ҳур,
Ду ҳавз аз мармари софӣ чу буллӯр.
Миёншон чун ду дида фарқе андак,
Биайнаиҳ[1] ҳар яке чун он дигар як.
На аз теша дар он захми тароше,
На аз захми тарош онро хароше,
На онро банд пайдову на пайванд,
Шуда банд андар он фикри хирадманд.
Тасаввур карда бо худ, ҳар кӣ дида,
Ки бе банд асту пайванд офарида
Зулайхо баҳри таскини дили танг,
Чу кардӣ ҷониби он равза оҳанг,
Яке будӣ лаболаб карда аз шир,
Яке аз шаҳд гаштӣ чошнигир.
Парасторони он моҳи фалакмаҳд
Аз он як шир нӯшидию з-ин шаҳд.
Миёни он ду ҳавз афрохт тахте
Барои ҳамчу Юсуф некбахте.
Ба тарки суҳбаташ гуфтан ризо дод,
Ба хидмат сӯи он боғаш фиристод.

[1] Биайнаиҳ-айнан, бисёр монанд.

Ба гул мурғи чаман зад достоне,
Ки хуш боғею некӯ боғбоне.
Чу бошад боғу бустон ҷаннатайвон,
Нашояд боғбон ҷуз ҳури ризвон.
Сад аз зебоканизони суманбар,
Ҳама дӯшизаву покизагавҳар,
Чу сарви ноз қоим сохт он ҷо,
Паи хидмат мулозим сохт он ҷо.
Бад-ӯ гуфт: «Эй сари ман поймолат,
Таматуъ з-ин бутон кардам ҳалолат.
Агар ман пеши ту бар ту ҳаромам
В-аз ин маънӣ бағоят талхкомам,
Ба сӯи ҳар кӣ хоҳӣ , гом бардор,
Зи васли ҳар кӣ хоҳӣ, ком бардор!
Бирон коме, ки айёми ҷавонӣ
Бувад вақти нишоту комронӣ».
Канизонро васият кард бисёр,
Ки, эй нӯшинлабон, зинҳор зинҳор,
Ба ҷон дар хидмати Юсуф бикӯшед,
Агар заҳр ояд аз дасташ, бинӯшед!
Ба ҳар ҷо ҷон талаб дорад, бибозед,
Ба ҷонбозӣ барои ӯ бинозед.
Ба ҳар ҳукме ки ронад, шод бошед
Ба зери ҳукми ӯ мунқод[1] бошед.
Вале аз ҳар кӣ гардад баҳрабардор,
Маро бояд кунад аввал хабардор.
Ҳамезад гӯиё чун ношикебе
Ба лаҳви орзу нақши фиребе.
Киро афтад писанди ӯ аз он хайл,
Ба вақти хоб сӯи ӯ кунад майл,
Нишонад хешро пинҳон ба ҷояш,
Хӯрад бар аз ниҳоли дилрабояш.

[1] Мунқод-мутеъ, фармонбардор.

Ба зери нахле раъноаш нишинад,
Рутаб чинад, вале дуздида чинад.
Чу Юсуфро фарози тахт биншонд,
Нисори ҷону дил дар пояш афшонд.
Канизонро ба пеши ӯ ба по кард,
Ба хидмат сарви болошон дуто кард.
Дилу ҷон пеши ёри хеш бигзошт,
Ба тан роҳи диёри хеш бардошт.
Хуш он ошиқ, ки бар фармони маъшуқ
Бувад хуш бар дилаш ҳиҷрони маъшуқ!
Чу хоҳад хотири маъшуқ дурӣ,
Кунад бар меҳнати ҳиҷрон сабурӣ.
Чу набвад васли дилбар рои дилбар,
Бувад сад бор ҳаҷр аз васл хуштар.

**Расидани шаб ва арза кардани канизакон ҷамоли хешро бар Юсуф, то ба кадом аз эшон рағбат намояд**

Шабангаҳ, к-аз саводи шаъри гулрез
Фалак шуд наварӯси ишваангез,
Зи Парвин гӯшро иқди гуҳар баст,
Гирифта сайқали оина дар даст.
Канизон ҷилвагар дар ҷилваи ноз,
Ҳама дастоннамову ишвапардоз.
Ҳама дар пеши Юсуф саф кашиданд,
Фусуни дилбарӣ бар вай дамиданд.
Яке шуд аз лаби ширин шакаррез,
Ки коми худ кун аз ман шаккаромез.
Зи тунги шаккари ман банд бикшой,
Ба сони тӯтӣ аз ман шав шакархой.
Яке аз ғамза сӯям кард ишорат,
Ки эй з-авсофи ту қосир иборат,

Мақомат мекунам чашми ҷаҳонбин,
Биё, биншин ба чашми мардумоин.
Яке бинмуд сарви парниёнпӯш,
Ки ин сарв имшабат бодо ҳамогӯш!
Куҷо дар мадҳи ишрат шод хуспӣ,
Агар з-ин сарви ноз озод хуспӣ.
Яке дар зулфи мушкин ҳалқа афканд,
Ки ҳастам бесарупо ҳалқамонанд.
Ба рӯи ман даре аз васл бикшой,
Макун чун ҳалқаам беруни дар ҷой.
Яке бардошт дасти нозанинро,
Ба боло зад зи соид остинро,
Ки дафъи чашми бадро з-он шамоил
Ба гардан дасти ман бодат ҳамоил!
Яке гирди миён мӯро камар кард,
Зи мӯй ороиши мӯи дигар кард.
Камар кун даст, яъне дар миёнам,
Ки бар лаб омад аз дасти ту ҷонам.
Бад –ин сон ҳар яке з-он лоларӯён
Зи Юсуф васлро мебуд ҷӯён.
Вале буд ӯ ба хубӣ тоза боғе
В-аз он мушти гиёҳ ӯро фароғе.
Бале, буданд яксар макру дастон
Ба сурат бут, ба сират бутпарастон.
Дили Юсуф ҷуз ин маънӣ намехост,
Ки гардад роҳашон дар бандагӣ рост.
Бад-эшон ҳар чӣ гуфт, аз роҳи дин гуфт,
Паи нафйи шак асрори яқин гуфт.
Нахустин гуфт, к-эй зебо канизон,
Ба чашми мардуми олам азизон,
Дар ин иззат раҳи хорӣ мапӯед,
Ба ҷуз оини диндорӣ маҷӯед.
Аз ин олам бурун моро Худо нест,
Ки раҳгумкардагонро раҳнамоест.

Гили мо аз нами раҳмат сириштаст,
Зи доной дар он гил дона киштаст,
Ки то з-он дона бархезад ниҳоле,
Дар ин бустонсаро ёбад камоле.
Кашад сӯи баландӣ сар зи пастӣ,
Диҳад бар меваи яздонпарастӣ.
Парастиш ҷуз Худоеро раво нест,
Ки ғайри ӯ парастишро созо нест.
Биё, то баъд аз ин ӯро парастем,
Ки бе ӯ ҳар куҷо ҳастем, пастем.
Ба саҷда бояд онро сар ниҳодан,
Ки донад сар барои саҷда додан.
Чаро доно ниҳад пеши касе сар,
Ки пову сар бувад пешаш баробар.
Ба дасти худ бути сангин тарошад.
Зи меҳри ӯ дили хашмин харошад.
Бувад маълум, к-аз санге чӣ хезад,
Зи маъбудиш ҷуз нанге чӣ хезад.
Чу Юсуф з-аввали шаб то саҳаргоҳ
Ба ваъз он ғофилонро сохт огоҳ.
Ҳама лаб дар саноӣ ӯ кушоданд,
Сари тоат ба пои ӯ ниҳоданд.
Якоякро шаҳодат кард талқин,
Даҳони ҷумла шуд з-он шаҳд ширин.
Хушо шаҳде, ки ҳар к-аз вай як ангушт
Ба даст орад, ба ҳар талхӣ кунад пушт.
Нагардад кӯр деви бесаодат,
Ба ҷуз аз захми ангушти шаҳодат.
Раҳид аз чашм захмаш он хирадманд,
К-аз ангушти шаҳодат чашми ӯ канд.
Зулайхо ҷуст вақти бомдодон
Ба Юсуф роҳи хуррам табъи шодон,
Гурӯҳе дид гирдогирди Юсуф,
Паи таълими дин шогирди Юсуф.

Бутон бишкаставу бигсаста зуннор,
Зи субҳа ёфта сарриштаи кор.
Забон гӯё ба тавҳиди Худованд,
Миён бо икди хидмат тозапайванд.
Ба Юсуф гуфт, к-эй аз фарқ то пой
Дилошӯбу дилорому дилорой,
Ба рух симои дигар дорӣ имрӯз,
Ҷамол аз ҷои дигар дорӣ имрӯз.
Чӣ кардӣ шаб, ки аз вай ҳуснат афзуд,
Дари дигар зи хубӣ бар ту бикшуд?
Чӣ хурдӣ дӯш, к-ин зебоият дод,
Зи хубони ҷаҳон болоият дод?
Ҳамоно суҳбати ин нозанинон
Суманрухсорагон, симинсуринон
Туро ҳусну ҷамоле дигар овард,
Ҷамолатро камоле дигар овард.
Бале, мева зи мева ранг гирад,
Зи хубон хубрӯ хубӣ пазирад.
Басе з-ин нукта бо ин ғунчалаб гуфт.
Вале ӯ ҳеҷ аз ин гуфтор нашкуфт.
Даҳонро аз такаллум танг медошт,
Ду рухро аз ҳаё гулранг медошт.
Сар аз шармандагӣ боло намекард,
Нигоҳ, илло ба пушти по, намекард.
Зулайхо чун бидид он сар кашидан,
Ба чашми марҳамат сӯяш надидан,
Зи ҳасрат оташе дар ҷонаш афрӯхт,
Ба доғи ноумедӣ синааш сӯхт.
Ба номокӣ видои ҷони худ кард,
Рух андар кулбаи аҳзони худ кард.

**Тазарруъ намудани Зулайхо**
**пеши доя ва илтимоси ҳилае, ки сабаби**
**мувосилати Юсуф гардад ва кардан**

Чу бо он куштаи савдои Юсуф
Зи ҳад бигзашт истиғнои Юсуф,
Шабе дар кунҷи хилват доярo хонд
Ба сад меҳраш ба пеши хеш биншонд.
Бад-ӯ гуфт: «Эй тавонбахши тани ман,
Чароғафрӯзи ҷони равшани ман,
Гар аз ҷон дам занам, парвардаи туст
В-ар аз тан тирӣ раҳматх(в)ардаи туст,
Зи меҳри ту, ки аз модар надидам,
Бад-ин поя, ки аз мебинӣ, расидам.
Чу бошад, к-аз тариқи меҳрбонӣ
Ба манзилгоҳи мақсудам расонӣ?
Зи ҳиҷрон то ба кай ранҷур бошам
В-аз он ҷону ҷаҳон маҳҷур бошам?
Чу з-ин сон ёр бегонаст бо ман,
Чӣ ҳосил з-он, ки ҳамхонаст бо ман?
Ҳар он маъшуқ, к-аз ошиқ нафур аст,
Ба сурат гарчи наздик аст, дур аст.
Чу пайванде набошад ҷону дилро,
Чӣ хезад аз мулоқот обу гилро?»
Ҷавобаш дод доя, к-эй паризод,
Ки н-ояд бо ту аз ҳуру парӣ ёд.
Ҷамоли дилрабо додат Худованд,
Ки бирбояд дилу дини хирадманд.
Агар наққоши Чин аз орзуят
Кашад дар буткада нақше зи рӯят,
Бутон яксар ба бӯят зинда гарданд,
Рухат бинанду аз ҷон банда гарданд.

Ба кӯҳ ар рух намоӣ ошкоро,
Ниҳӣ ишқи ниҳон дар санги хоро,
Чу бихромӣ ба боғ аз ишвакорӣ,
Дарахти хушкро дар ҷунбиш орӣ.
Ба саҳро оҳувонат гар бибинанд,
Ба мижгон аз раҳат хошок чинанд.
Чу афсун хонӣ аз лаъли шакархо,
Расад мурғ аз ҳаво , моҳӣ зи дарё.
Бад-ин хубӣ чунин дармонда чунӣ,
Чаро чандин кашӣ , охир, забунӣ?
Зи ғамза новак, аз обрӯ камон кун,
Шикори он нигори дилситон кун.
Битоб аз зулфи хам дар хам каманде,
Ба пояш неҳ ба базми васл банде.
Рухат бинмо, рухашро сӯи худ тоб,
Ба ҳамрозиш ҳамзонуи худ ёб.
Ба рафтор овар ин нахли рутаббор
Ба роҳи лутфаш ор аз лутфи рафтор.
Ба лаб аз ханда шаҳдафшоние деҳ
В-аз он шаҳдаш ба худ часпоние деҳ.
Ба симин гӯи худ кун чашми ӯ боз,
Чу чавгон сӯи худ созаш сарандоз.
Ба рӯй аз мушк холе дилгусил неҳ,
Зи шавқи ҳоли худ доғаш ба дил неҳ».
Зулайхо гуфт, к-эй модар , чӣ гӯям,
Ки аз Юсуф чӣ меояд ба рӯям?
Насозад дида ҳаргиз сӯи ман боз,
Чӣ сон ҷавлонгарӣ бо вай кунам соз?
Агар маҳ гардам, аз дурам набинад,
В-агар рух бар замин, нурам набинад.
Чу мардум, нури дида гар физоям,
Ба чашми танги ӯ мушкил дароям.
Агар кардӣ ба сӯи ман нигоҳе,
Ба ҳоли ман фитодӣ гоҳ-гоҳе,

Ғами ман дар дили ӯ ҷо гирифтӣ,
Ғами ӯ кай чунин боло гирифтӣ.
На танҳо офатам зебоии ӯст,
Балои ман зи нопарвоиии ӯст.
Агар он дилрабо парвом кардӣ,
Куҷо з-ин гуна нопарвом кардӣ?
Ҷавобаш дод дигарбора доя,
Ки эй ҳур аз ҷамолат бурда моя,
Маро дар хотир афтодаст коре,
К-аз он кори туро хезад кароре.
Вале вакте муяссар гардад он кор,
Ки сим орӣ ба уштур, зар ба хирвор,
Бисозам чун Ирам дилкаш биное,
Бигӯям, то дар ӯ сураткашое
Ба мавзеъ-мавзеъ аз табъи ҳунаркӯш
Кашад шакли то бо Юсуф ҳамоғӯш.
Чу Юсуф як замон дар вай нишинад,
Дар оғӯши худат хар ҷо бибинад,
Биҷунбад дар дилаш меҳри ҷамолат,
Шавад аз ҷон талабгори висолат.
Зи ҳар сӯ чун биҷунбад меҳрубонӣ,
Бароят корҳо з-он сон, ки донӣ,
Чу бишнид ин ҳикоятро зи доя,
Ба ҳар ч-аз зарру симаш буд моя,
Бар он дасти тасарруф дод ӯро,
Бад-он сармоя кард obод ӯро.

**Иморат кардани доя хонае, ки дар вай тасвири ҷамоли Юсуф ва Зулайхо кунанд**

Чунин гӯянд меъморони ин кох,
Ки чун шуд бар иморат доя густох,
Ба даст оварd устоде ҳунаркеш,
Ба ҳар ангушти дасташ сад ҳунар беш.

Ба расми ҳандасӣ корозмое,
Қавонини расадро раҳнамое
Зи ташкилаш «Миҷастӣ»[1] сахт осон,
Зи ташкили вай Уқлидус[2] ҳаросон.
Чу аз паргор будӣ ҳолияш мушт,
Намудӣ кори паргор аз ду ангушт.
Чу баҳри хат зи табъаш сар задӣ хост,
Бар ӯ он кор бе мистар[3] шудӣ рост.
Биҷустӣ, бар шудӣ бар токи атлас,
Бар айвони Зуҳал бастӣ муқарнас.[4]
Чу сӯи теша кардӣ дасташ оҳанг,
Зи хишти хом гаштӣ нармтар санг.
Ба тарроҳӣ[5] чу фикр оғоз кардӣ,
Ҳазорон тарҳи зебо соз кардӣ.
Имороти ҷаҳони бесарубун
Намудӣ ҷумла дар як рӯи нохун.
Ба нақши офариниш чун задӣ рой,
Шудӣ аз хома лавҳиҳастиорой.
Ба тасвир он чӣ бар килкаш гузаштӣ,
Зи рашҳи он равоне зинда гаштӣ.
Ба санг аз сурати мурғе кашидӣ,
Сабук санги гарон аз ҷо паридӣ.
Ба ҳукми доя зарриндаст устод
Зарандуда сарое кард бунёд.
Сафои суффаҳояш субҳи иқбол,
Фазои хонаҳояш ганҷи омол.
Мумаҳҳад[6] фарши мармар дар мамарҳош[7]
Мувассал[1] з-обнусу[2] оҷ[3] дарҳош.

---

[1] Миҷастӣ-номи яке аз асарҳои Птоломей.
[2] Уқлидус- Эвклид
[3] Мистар-ҷадвал
[4] Муқарнас-бинои баланд, кунгураи баланди пурнақшунигор.
[5] Тарроҳӣ –нақшакашӣ, тарҳандозӣ.
[6] Мумаҳҳад-густардашуда.
[7] Мамар-гузаргоҳ, ҷои гузаштан.

Дар андар ҳар он ҷо ҳафт хона,
Чу ҳафт авранг бе мисли замона.
Мураттаб ҳар як аз лавни[4] дигар санг,
Саколатдидаву софию хушранг.
Ба ҳафтум хона ҳамчун чархи ҳафтум,
Ки ҳар накшею ранге буд аз ӯ гум.
Мурассаъ чил сутун аз зар барафрохт,
Зи вахшу тайр[5] зебо шаклхо сохт.
Ба пои ҳар сутуне сохт аз зар
Ғизоле, нофи ӯ пурмушки азфар.
Зи товусони заррин саҳни ӯ пур,
Ба думҳои мурассаъ дар табахтур[6]
Миёни он дарахте сар кашида,
Ки мислаш чашми нодирбин надида.
Зи сими хом будаш нозанин соқ,
Зи зар аъзояш, аз фирӯза аврок.[7]
Ба ҳар шохаш зи санъат буд тайёр[8]
Зимуррадбол мурғе лаълминқор.
Баномэзад дарахте сабзу хуррам,
Надида харгиз аз боди хазон хам.
Ҳама мурғони ӯ бо мардумон ром,
Ба як ҷо карда субҳу шом ором.
Дар он хона мусаввар сохт ҳар ҷо
Мисоли Юсуфу накшу Зулайхо.
Ба ҳам биншаста чун маъшуқу ошиқ
Зи меҳри ҷону дил бо ҳам мувофиқ.

---

[1] Мувассал-васлкардашуда, пайвасткардашуда
[2] Обнус-дарахте, ки дар Ҳиндустон ва Ҳабашистон рӯида, чӯбаш хеле сахт будааст, асбобҳои чӯбии хонагиро асосан аз он месохтаанд.
[3] Оч- дандони фил, дандони аспи обӣ.
[4] Лавн-ранг; навъ
[5] Вахшу тайр-хайвонхо ва парандагони вахшӣ
[6] Табахтур-ғурур, худнамоӣ, бо нозу ғурур рох рафтан.
[7] Аврок-чамъи варақ-варақхо; дар он ҷо ба маънои барг омадааст.
[8] Тайёр-паранда

Ба як ҷо ин лаби он бӯса дода,
Ба як ҷо он миёни ин кушода.
Агар наззоргӣ он ҷо гузаштӣ,
Зи ҳасрат дар даҳонаш об гаштӣ.
Ҳамоно буд сақфи он сипеҳре
Бар ӯ тобанда ҳар ҷо моҳу меҳре.
Аҷаб моҳею меҳре чун дупайкар,
Зи чоки як гиребон бирзада сар.
Намудӣ дар назар ҳар рӯи девор
Чу дар фасли баҳорон тоза гулзор.
Ба ҳар гул-гул заминаш беш ё кам,
Ду шохи тозагул печида бар ҳам.
Зи фаршаш буд ҳар ҷое шукуфта,
Ду гул бо ҳам ба маҳди нох хуфта.
Дар он хона набуд, алқисса, як ҷой
Тиҳӣ з-он ду дилорому дилорой.
Ба ҳар сӯ дидавар дида кушудӣ,
Зи аввал сурати эшон намудӣ.
Чу шуд хона бад-ин сурат муҳайё,
Ба Юсуф шуд фузун шавқи Зулайхо.
Ба ҳар навбат, ки он бутхонаро дид,
Дар ӯ меҳри дигар аз нав биҷунбид.
Бале, ошиқ чу бинад нақши ҷонон,
Шавад, з-он нақш ҳарфи шавқ хонон.
Аз он ҳарф оташи ӯ тоза гардад,
Асири доғи беандоза гардад.

**Хондани Зулайхо Юсуфро ба сӯи он хона ва мутолибаи висол намудан**

Чу шуд хона тамом аз саъйи устод,
Ба тазйинаш Зулайхо даст бикшод.
Замин орост аз фарши ҳарираш,
Ҷамол афзуд аз заррин сарираш.

Қанодили гуҳар пайвандаш овехт.
Раёҳин баҳри атраш дар ҳам омехт.
Ҳама боистаниҳо сохт он ҷо,
Бисоти хуррамӣ андохт он ҷо.
Дар он ишраттаҳ аз ҳар чизу ҳар кас
Намебоисташ илло Юсуфу бас.
Бале, бе рӯи ҷонон, гар биҳишт аст,
Ба чашми ошиқи муштоқзишт аст.
Бар он шуд, то ки Юсуфро бихонад,
Ба садри иззату ҷоҳаш нишонад,
Ба хилват бо ҷамолаш ишқ бозад,
Ба майдони висолаш рахш тозад.
Зи лаъли ҷонфизояш ком гирад,
Ба зулфи саркашаш ором гирад.
Вале аввал ҷамоли худ биёрост,
В-аз он майли дили Юсуф ба худ хост
Ба зеварҳо набудаш эҳтиёҷе,
Вале афзуд аз он худро ривоҷе.
Ба хубӣ гул ба бустонҳо самар шуд,
Вале аз иқди шабнам хубтар шуд.
Зи ғоза ранги гулро тозагӣ дод,
Латофатро накӯ овозагӣ дод.
Зи вусма абрувонро кор пардохт,
Ҳилоли идро қавси қузаҳ сохт.
Нағӯла[1] баст мӯи анбаринро,
Гиреҳ дар якдигар зад мушки Чинро.
Зи пушт овехт мушкин гесувонро
Зи анбар дод пуште арғавонро.
Мукаҳҳал сохт чашм аз сурмаи ноз,
Сияҳкорӣ ба мардум кард оғоз.
Ниҳод аз анбари тар ҷо ба ҷо хол,
Ба ҷонон кард арзи сурати ҳол,

[1] Нағӯла – зулф, гесӯ.

Ки рӯят оташе дар ман фикандаст,
Бар он оташ дилу ҷонам сипанд аст.
Ба маҳ хатте кашид аз нил чун мил,
Ки шуд Мисри ҷамол обод аз он нил.
Набуд он хатти нилӣ бар рухи моҳ,
Ки миле буд баҳри чашми бадхоҳ.
Магар машшота дид он наргиси маст,
Фитод он ҷош мили сурма аз даст.
Ба дастон дод симин панҷаро ранг,
К-аз он дастон диле орад фаро чанг.
Ба каф нақше зад он ҷо хурдакоре,
К-аз он нақшаш ба даст ояд нигоре.
Ба фандуқ гунаи унноби тар дод,
Ба ҷонон з-ашки уннобӣ хабар дод,
Ба санъат даҳ ҳилоли маҳлиқоро
Зи ҷилбоби шафақ кард ошкоро,
Ки то аз торуми давлат ҳилоле
Нишонаш бахшад аз иди висоле.
Намуд аз тарфи ораз гӯшвора,
Қирон афканд маҳро бо ситора,
Ки то он давлати дунёву динаш,
Ба ҳукми он қирон гардад қаринаш.
Чу ғунча бо ҷамоли тозаву тар
Либоси тӯ ба тӯ[1] пӯшид дар бар.
Мураттаб сохт бар тан пираҳанро,
Зи гул пул кард домони суманро.
Шиори шохи гул аз ёсумин кард,
Суман дар ҷайбу гул дар остин кард.
Надидӣ дида, гар кардӣ тааммул
Ба ҷуз обе тунук дар лолаву гул.
Аҷаб обе, дар ӯ аз нукраи хом
Ду моҳӣ аз ду соид карда ором.

[1] Тӯ ба тӯ –тах ба тах

Зи дастина ду соид дида равнақ,
Зи зар карда ду моҳиро мутаввақ.
Рухаш медод бо соид гувоҳӣ,
Ки ҳуснаш гирад аз маҳ то ба моҳӣ.
Чу бар нозук танаш шуд пираҳан рост,
Ба заркашдебаи Чинаш биёрост.
Бути Чин бо ҳазорон нозанинӣ
Ба ҷавлон омад аз дебои чинӣ.
Ниҳод аз лаъли серобу зари хушк
Фурӯзон тоҷро бар хирмани хушк.
Шуд аз гавҳар мурассаъ ҷайбу домон
Ба саҳни хона товуси хиромон.
Хиромон мешуду оина дар даст,
Хаёли ҳусни худ бо худ ҳамебаст,
Чу акси рӯи худ дид аз муқобил,
Иёри нақди худро ёфт комил.
Зи нақди худ дарун ганҷи тараб кард,
Ба қасди он харидоре талаб кард.
Ба ҷустуҷӯи Юсуф кас фиристод,
Парасторон зи пешу пас фиристод.
Даромад ногаҳон аз дар чу моҳе,
Уторидҳашмате, хуршедҷоҳе,
Вуҷуде аз хавоси обу гил дур,
Ҷабину талъате нуран ало нур.
Аз ӯ як ламъаву равшан ҷаҳоне
В-аз ӯ як ҳарфу ҳар сӯ достоне.
Зулайхоро чу дида бар вай афтод,
Зи шавқаш шуъла гӯӣ дар най афтод.
Гирифташ даст, к-эй покизасират,
Чароғи дидаи аҳли басират,
Баномэзад чӣ некӯ бандаӣ ту,
Ба ҳар эҳсону лутф арзандаӣ ту!
Ба некӯбандагиҳои ту нозам,
Ба тавқи миннатат гардан фарозам.

Биё, то ҳақшиносат бошам имрӯз,
Замоне дар сипосат бошам имрӯз.
Кунам қонуни эҳсоне кунун соз,
Ки то бошад ҷаҳон, гӯянд аз он боз.
Ба найрангу фусун, к-аз ҳад бурун бурд,
Ба аввал хона з-он ҳафташ дарун бурд.
Зи заррин дар чу дод он дам гузораш,
Ба қуфли оҳанин кард устувораш.
Чу шуд дар баста, аз лаб муҳр бикшод,
Зи дил рози даруни худ бурун дод.
Нахустин гуфт, к-эй мақсуди ҷонам,
Ки ҷонро ҷуз ту мақсуде надорам.
Хаёли ту ба хоби ман намудӣ,
Ба тифлӣ хоб аз чашмам рабудӣ.
Зи савдои худам девона кардӣ,
Ба ғамҳои худам ҳамхона кардӣ.
Назар накшода дар наззораи ту ,
Бад-ин кишвар шудам овораи ту.
Надида чораи оворагиҳо,
Кашидам дар ғамат бечорагиҳо.
Кунун, к-аз дидани рӯи ту шодам,
Зи берӯии ту бас номурудам,
Зи берӯӣ гузар, рӯе ба ман кун,
Зи рӯи меҳр бо ман як сухан кун.
Ҷавобаш дод Юсуф, сарфиканда,
Ки, эй ҳамчун манат сад шоҳ банда!
Маро аз банди ғам озод гардон,
Ба озодӣ диламро шод гардон.
Маро хуш нест, к-ин ҷо бо ту бошам,
Паси ни парда танҳо бо ту бошам.
Ту кони оташӣ, ман пунбаи хушк,
Ту боди сарсарӣ, ман нафҳаи мушк.
Куҷо ин пунба бо оташ барояд?
Чӣ сон ин нафҳа бо сарсар гарояд?

Зулайхо ин нафас ҷуз бод нашмурд,
Сухангӯён ба дигар хонааш бурд.
Бар ӯ қуфли дигар муҳкам фурӯ баст,
Дили Юсуф аз он андӯҳ бишкаст.
Дигарбора Зулайхо нола бардошт,
Никоб аз рози чандинсола бардошт.
Бигуфт: «Эй хуштар аз ҷон нох(а)ашӣ чанд?
Ба поят мекашам сар, саркашӣ чанд?
Тиҳӣ кардам хазоин дар баҳоят,
Матои ақлу дин кардам фидоят,
Ба он нийят, ки дармонам ту бошӣ,
Раҳини[1] шавқи фармонам ту бошӣ,
На он, к-аз тоати ман рӯй тобӣ,
Ба ҳар раҳ бар хилофи ман шитобӣ».
Бигуфто: «Дар гунаҳ фармонбарӣ нест,
Ба исён зистан тоатварӣ нест».
Маро коре ки напсандад Худованд,
Бувад дар коргоҳи бандагӣ банд.
Бад-он корам шиносиӣ мабодо,
Бар он дастам тавоноӣ мабодо!
Дар он хона сухан кӯтоҳ карданд,
Ба дигар хона манзилгоҳ карданд.
Зулайхо бар дараш қуфле дигар зад,
Дигар сон қиссааш аз сина сар зад,
Бад-ин дастур аз афсуни фасона
Ҳамебурдӣ дарун хона ба хона.
Ба ҳар ҷо қиссаи дигар ҳамехонд,
Ба ҳар ҷо нуктаи дигар ҳамеронд.
Ба шаш хона нашуд комаш муяссар,
Наёмад муҳрааш берун зи шашдар.
Ба ҳафтум хона кард ӯро қадам ҷуст,
Кушоди кори худ аз ҳафтумин ҷуст.

---

[1] Раҳин-гарав

Бале, набвад бар ин раҳ ноумедӣ,
Сиёҳиро бувад рӯ дар сафедӣ.
Зи сад дар гар умедат барнаёяд,
Ба навмедӣ ҷигар хӯрдан нашояд.
Даре дигар бибояд зад, ки ногоҳ
Аз он дар сӯи мақсад оварӣ роҳ.

### Даровардани Зулайхо Юсуфро ба хонаи ҳафтум ва базл кардани маҷҳуд дар нили мақсуд ва гурехтани Юсуф ва мондани Зулайхо дар таҳассуру таассуф

Суханпардози ин кошонаи роз
Чунин берун диҳад аз парда овоз,
Ки чун навбат ба ҳафтум хона афтод,
Зулайхоро зи ҷон бархост фарёд,
Ки, эй Юсуф, ба чашми ман қадам неҳ,
Зи раҳмат по дар ин равшан ҳарам неҳ.
Дар он хуррам ҳарам кардаш нишеман
Ба занҷири зараш зад қуфли оҳан.
Ҳариме ёфт азағёр холӣ,
Зи чашми ҳосидон дураш ҳаволӣ.
Дараш з-омад-шуди бегона баста,
Умеди ошноён з-он гусаста.
Дар ӯ ҷуз ошиқу маъшуқ кас не,
Гузанди шаҳна в-осеби асас не.
Рухи маъшуқ дар пирояи ноз,
Дили ошиқ сурудишавқпардоз.
Ҳавасро арсаи майдон кушода,
Тамаъро оташ андар ҷон фитода.
Зулайхо дидаву дил масти ҷонон.
Ниҳода дасти худ дар дасти ҷонон.
Ба ширин нуктаҳои дилпазираш,
Хиромон бурд то пои санраш.

Ба болои сарир афканд х(в)адро,
Ба оби дида гуфт он сарвқадро,
Ки, эй гулрух, ба рӯи ман назар кун,
Ба чашми лутф сӯи ман назар кун.
Агар хуршед рӯи ман бибинад,
Чу моҳ аз хирмани ман хӯша чинад.
Маро то кай дар ин меҳнат писандӣ,
Ки чашми раҳмат аз рӯям бибандӣ?
Бад-ин сон дарди дил бисёр мекард,
Ба Юсуф шавқи худ из ҳор мекард.
Вале Юсуф назар бо хеш медошт,
Зи бими фитна сар дар пеш медошт.
Ба фарши хона сар афканд дар пеш.
Мусаввар дид бо ӯ сурати хеш.
Зи дебову ҳарир афканда бистар,
Гирифта якдигарро танг дар бар.
Аз он сурат равон сарфи назар кард,
Назаргоҳи худ аз ҷое дигар кард.
Агар дарро, агар деворро дид,
Ба ҳам ҷуфт он гулрухсорро дид.
Рухи худ дар Худои осмон кард,
Ба сақф-андар тамошои ҳамон кард.
Фузудаш майл аз он сӯи Зулайхо,
Назар бикшод бар рӯи Зулайхо.
Залайхо з-он назар шуд тозаумед,
Ки тобад бар вай он тобанда хуршед.
Ба оҳу нолаву зорӣ даромад,
Зи чашму дил ба хунборӣ даромад.
Ки, эй худком, коми ман раво кун,
Ба васли хеш дардамро раво кун.
Манам ташна , ту оби зиндагонӣ
Манам кушта, ту ҷони ҷовидонӣ.
Чунонам аз ту дур, эй ганҷи ноёб,
Ки бошад кушта бе ҷон, ташна бе об.

Зи доғат солҳо дар тоб будам,
Зи шавқат бехуру бехоб будам.
Маро з-ин бештар дар тоб магзор,
Зи шавқат безуру бехоб магзор.
Ба ҳаққи он худое бар ту савганд,
Ки бошад бар худовандон худованд.
Ба ин ҳусни ҷаҳонгире, ки додат,
Ба ин хубӣ, ки дар ораз ниҳодат,
Ба ин нуре ки тобад аз ҷабинат,
Ки дорад моҳро рӯ бар заминат,
Ба абрӯи камондоре, ки дорӣ,
Ба сарви хубрафторе, ки дорӣ,
Ба меҳроби камони обруи ту,
Ба қуллоби каманди гесуи ту,
Ба ҷодунаргиси мардумфиребат,
Ба дебопӯш сарви ҷомазебат,
Ба он мӯе, ки мегӯӣ миёнаш,
Ба он сирре, ки мехонӣ даҳонаш,
Ба мушкин нуктаат бар рӯи гулранг,
Ба ширин хандаат аз ғунчаи танг,
Ба оби дидаи ман з-иштиёқат,
Ба оҳи гармам аз сӯзи фироқат,
Ба ҳирмоне, ки зери кӯҳам аз вай,
Гирифтори ҳазор андӯҳам аз вай,
Ба истилои ишқат бар вуҷудам,
Ба истиғноят аз буду набудам,
Ки бар ҳоли мани бедил бибахшой,
Зи кори мушкилам ин уқда бикшой.
Ба дил, умрест, то доғи ту дорам,
Ҳавои бӯе аз боғи ту дорам.
Замоне марҳами доғи дилам шав
Ба бӯе равнақи боғи дилам шав.
Зи қаҳти ҳаҷри ту бас нотавонам,
Бибахш аз хони васлдат қути ҷонам.

Зи ту, эй нахли тар, хурмо, зи ман шир,
Макун дар хон ниҳодан ҳеҷ таксир.
Маро з-ин ширу хурмо қути чон деҳ,
Зи ҷон додан дар ин қаҳтам амон деҳ!
Ҷавобаш дод Юсуф, к-эй паризод,
Ки н-ояд бо ту касро аз парӣ ёд.
Магир имрӯз бар ман корро танг,
Мазан бар шишаи маъсумиям санг.
Макун тар з-оби исён доманамро,
Масӯз аз оташи шаҳват танамро.
Зи баҳри ҷуди ӯ гардун ҳубобест,
Зи баҳри нури ӯ хуршед тобест.
Ба поконе, к-аз эшон зодаам ман,
Бад –ин покизагӣ афтодаам ман,
Ки гар имрӯз даст аз ман бидорӣ,
Маро –ин тангно берун гузорӣ,
Ба зудӣ комгорӣ бинӣ аз ман,
Ҳазорон ҳақгузорӣ бинӣ аз ман!
Зи лаъли ҷонфизоям ком ёбӣ,
Ба қадди дилкашам ором ёбӣ.
Макун таъҷил дар таҳсили мақсуд,
Басо деро, ки хуштар бошад аз зуд.
Гар афтод сайди некӯ дер дар дом,
Беҳ аст аз зуди нонекӯсаранҷом.
Зулайхо гуфт, к-аз ташна маҷӯ тоб,
Ки андозад ба фардо хӯрдани об.
Зи шавқам ҷон расида бар лаб имрӯз,
Наёрам сабр кардан то шаб имрӯз.
Кай он тоқат маро ояд падидор,
Ки бо вақти дигар андозам ин кор?
Надонам монеат з-ин маслиҳат чист,
Ки натвонӣ ба ман як лаҳза хуш зист?
Бигуфто: «Монеи ман з-он ду чиз аст
Иқоби эзаду қаҳри Азиз аст.

Азиз ин каҷниҳодӣ гар бидонад,
Ба ман сад меҳнату хорӣ расонад,
Бараҳна карда теғ он сон, ки донӣ,
Кашад аз ман либоси зиндагонӣ.
Зиҳӣ хиҷлат, ки чун рӯзи қиёмат
Ки афтад бар зинокорон ғаромат.[1]
Ҷазои он ҷафокорон нависанд,
Маро сардафтари эшон нависанд».
Зулайхо гуфт: «Аз он душман маяндеш,
Ки чун рӯзи тараб биншинадам пеш,
Диҳам ҷоме, ки бо ҷонаш ситезад,
Зи мастӣ то қиёмат барнахезад.
Ту мегӯӣ, Худои ман карим аст,
Ҳамеша бар гунаҳгорон раҳим аст.
Маро аз гавҳару зар дар хазина
Дар ин хилватсаро бошад дафина.
Фидо созам ҳама бахри гуноҳат,
Ки то бошам зи Эзад узрхоҳат».
Бигуфт: «Он кас наям , к-ояд писандам,
Ки ояд бар каси дигар газандам.
Хусусан бар Азизе, к-аз азизӣ
Туро фармуд баҳри ман канизӣ.
Худои ман, ки натвон ҳақгузориш,
Ба ришват кай сазад имрӯз кореш?
Ба ҷон додан чу музд аз кас нагирад,
Дар имрӯзаш куҷо ришват пазирад?
Зулайхо гуфт, к-эй шоҳи накӯбахт,
Ки ҳам тоҷат муяссар бод, ҳам тахт!
Дилам шуд тири меҳнатро нишона,
Зи бас коре баҳона бар баҳона.
Баҳона каҷравию ҳиласозист,
Баҳона не, тариқи ростбозист.

[1] Ғаромат-товон, зарар.

Маъозаллах, ки роҳи кач равам ман,
Зи ту ин ҳила дигар нашнавам ман.
Ачаб бетокатам, ороми ман деҳ,
Агар хоҳӣ, в-агар не, коми ман неҳ!
Ба гуфтан –гуфтан омад рӯзи ман сар,
Нагашт аз ту муроди ман муяссар.
Забон дарбанд дигар з-ин хурофот
Бичунб аз чо, ки фӣ таърих офот.
Маро дар хушкнай оташ фитодаст,
Туро бо оташи ман х(в)аш фитодаст.
Маро ин дуду оташ кай кунад суд,
Чу дар чашмат нагардад об аз ин дуд?
Аз ин оташ чу будам, хаст тобе,
Биё, бар оташам зан як дам обе.
Зулайхо чун ба поён бурд ин роз,
Таъаллул[1] кард дигар Юсуф оғоз.
Зулайхо гуфт, к-эй ибрииборат,
Ки бурдӣ аз сухан вақтам ба ғорат,
Мазан бар рӯи корам дасти ту радро.
Ки хоҳам куштан аз дасти ту х(в)адро.
Ба ишрат дастам андар гардан овез,
В-агар не, буррамаш бо ханчари тез.
Наёрӣ даст агар дар гардани ман,
Шавад хуни манат ҳолӣ ба гардан.
Кушам ханчар чу савсан бар тани хеш,
Чу гул дар хун кашам пироҳани хеш.
Ниҳам бар тан зи чон доғи чудой.
Зи ҳуччат гуфтанат ёбам раҳой,
Азизам пеши ту чун кушта ёбад,
Паи куштан инон сӯи ту тобад.
Пас аз куштан ба зери пардаи хок,
Ба ту пайвандад ин чони ҳаваснок.

[1] Таъаллул-баҳона овардан.

Бигуфт ину кашид аз зери бистар
Чу барги беди сабзоранг ханҷар.
Диле аз оташи ғам пуробу тоб,
Ба халқи ташна бурд он қатраи об.
Чу Юсуф он бидид, аз ҷой барҷаст,
Чу заррин ёра бигрифташ сари даст,
К-аз ин тундӣ биёром, эй Зулайхо,
В-аз ин раҳ бозкаш Гом, эй Зулайхо.
Зулайхо - моҳи авҷи дилситонӣ
Зи Юсуф чун бидид он меҳрбонӣ,
Гумон з-ӯ шуд, ки хоҳад коми ӯ дод,
Ба васли хештан ороми ӯ дод.
Зи дасти худ равонӣ[1] ханҷар андохт,
Ба қасди сулҳ тарҳи дигар андохт.
Лаб аз нӯшиндаҳонаш пуршакар кард,
Зи соид шавқ в-аз сокаш камар кард.
Ба пеши новакаш ҷонро ҳадаф сохт,
Зи шавқи гавҳараш танро садаф сохт,
Вале накшод Юсуф бар ҳалаф шаст,
Паи гавҳар садафро муҳр нашкаст.
Дилаш мехост дур суфтан ба алмос,
Вале медошт ҳукми исматаш пос.
Зулайхо дар тақозо гарму Юсуф-
Ҳамеангехт асбоби таваққуф.
Ниҳодӣ бар изори хеш дасте,
Яке уқда кушодию ду бастӣ.
Фитодаш чашм ногаҳ дар миёна
Ба заркаш пардае дар кунҷи хона.
Суолаш кард, к-он парда паи чист,
Дар ин парда нишаста пардагӣ кист?
Бигуфто: «Он кас, ки то ман банда ҳастам,
Ба расми бандагонаш мепарастам.

[1] Равонӣ-ба зудӣ, ба тезӣ ,фавран.

Буте тан аз зару чашмаш зи гавҳар,
Дарунаш таблаи пурмушку азфар.
Ба ҳар соат фитода пеши ӯям,
Сари тоат ниҳода пеши ӯям.
Даруни парда карда ҷойгоҳаш,
Ки то набвад ба сӯи ман нигоҳаш.
Зи ман оини бединӣ набинад,
Дар ин корам, ки мебинӣ, набинад».
Чу Юсуф ин сухан бишнид , зад бонг,
К-аз ин динори нақдам нест як донг,
Туро ояд ба чашм аз мурдагон шарм,
В-аз ин нозинданон дар хотир озарм?
Ман аз донои бино менатарсам,
Зи қайюми тавоно менатарсам?!
Бигуфт ин в-аз миёни кор бархост,
В-аз он хуш хобгаҳ бедор бархост.
Алиф кард аз душохи лолалиф дур.
Раҳонд аз гови симин шамъи кофур.
Чу гашт андар давидан Гом тезаш,
Кушод аз ҳар даре роҳи гурезаш.
Ба ҳар дар, к-омадӣ , бе даркушое
Паридӣ қуфл ҷое, парра[1] ҷое.
Ишорат карданаш гӯйӣ ба агушт.
Калиде буд баҳри фатҳ дар мушт.
Зулайхо чун бидид ин, аз ақиб ҷаст,
Ба вай дар охирин даргоҳ пайваст.
Пай бозомадан доман кашидаш,
Зи сӯи пушт пироҳан даридаш.
Бурун рафт аз кафи он ғамрасида,
Ба сони ғунча пироҳан дарида.
Зулайхо з-он ғаромат ҷома зад чок,
Чу соя хешро андохт бар хок.

[1] Парра-дарбанд, ҷуфт (халқае, ки қуфл ба онҳо васл гашта, дар баста мешавад.

Хурӯше аз дили ношод бардошт,
Зи ношодии худ фарёд бардошт,
Ки вовайло зи беиқболии бахт,
Ки бурд он нозанин аз хонам рахт!
Дареғ он сайд, к-аз домам бурун рафт,
Дареғ он шаҳд, к-аз комам бурун рафт!
Азимат кард рӯзе анкабуте,
Ки баҳри худ кунад таҳсил қуте.
Ба ҷое дид шаҳбозе нишаста,
Зи қайди дасти шоҳон бозраста.
Ба гирди ӯ танидан кард оғоз,
Ки бандад парру болашро зи парвоз.
Замоне кор дар пайкори ӯ кард,
Луоби[1] худ ҳама дар кори ӯ кард.
Чу он шаҳбоз кард аз вай канора,
Намондаш ғайри торе чанд пора.
Манам он анкабути зори ранҷур
Фитода аз муроди хештан дур.
Раги ҷонам гусаста ҳамчу тораш,
Нагашта мурғи уммеде шикораш.
Гусаста торам аз ҳар кору боре,
Ба дастам нест ҷуз бигсаста торе.

**Пеш расидани Азиз Юсуфро**
**бар беруни он хона ва пинҳон доштан**
**он чи миёни вай ва Зулайхо гузашта буд**
**ва ифшои Зулайхо онро**

Чунин зад хома нақши ин фасона,
Ки чун Юсуф бурун омад зи хона,
Буруни хона пеш омад Азизаш,
Гурӯҳе аз хавоси хона низаш.

---

[1] Луоб –оби дахон.

Чу дар ҳолаш Азиз ошуфтагӣ дид,
Дар он ошуфтагӣ ҳолаш бипурсид.
Ҷавобе додаш аз ҳусни адаб боз
Тиҳӣ аз туҳамати ифшонон роз.
Азизаш даст бигрифт аз сари меҳр,
Дарун бурдаш ба сӯи он паричеҳр.
Чу бо ҳам дидашон бо хештан, гуфт,
Ки Юсуф бо Азиз аҳволи ман гуфт,
Ба ҳукми он гумон овоз бардошт,
Ниқоб аз чеҳраи он роз бардошт,
Ки эй мизони адл, онро сазо чист,
Ки бо аҳлат на бар кеши вафо зист?
Ба кори хеш беандешагӣ кард,
Дар ин парда хиёнатпешагӣ кард.
Азизаш дод рухсат, к-эй парирӯй,
Кӣ кард ин каҷниҳодӣ, рост баргӯй?
Бигуфт: «Ин бандаи ибрӣ, к-аз оғоз
Ба фарзандӣ шуд аз лутфат сарафроз,
Дар ин хилват бароҳат хуфта будам,
Дарун аз гарди меҳнат руфта будам,
Чу дуздон бар сари болинам омад,
Ба қасди хирмани насринам омад.
Хаёлаш он, ки ман аз вай на огоҳ,
Ба хуррам гулситонам оварад роҳ.
Ба изни боғбон ногашта мӯҳтоҷ.
Барад сунбул ба ғорат, гул ба тороҷ.
Чу даст овард пеш он нохирадманд,
Ки бикшояд зи ганҷи васли ман банд,
Ман аз хоби гарон бедор гаштам,
Зи ҷоми бехудӣ ҳушёр гаштам.
Ҳаросон гашт аз бедории ман,
Гурезон шуд зи хидматгарои ман.
Рух аз шармандагӣ сӯи дар овард,
Ба рӯи некбахтӣ дар баровард.

Шитобон аз қафои вай давидам,
Бурун нанҳода по, дар вай расидам.
Гирифтам доманашро чусту чолок,
Чу гул афтода дар пироҳанаш чок,
Кушода чоки пироҳан даҳоне,
Кунад қавли маро равшан баёне.
Кунад он беҳ, ки ҳамчун нописандон
Кунун якчанд маҳбусаш ба зиндон.
Ва ё худ дар тану андоми покаш
Ниҳӣ дарде, ки созад дарднокаш.
Писандӣ бар вай ин ранҷи гаронро,
Ки гардад ибрате мар дигаронро».
Азиз аз вай чу бишнид ин суханро,
На бар ҷо дид дигар хештанро.
Дилаш гаш аз тариқи истиқомат,
Забонро сохт шамшери маломат.
Ба Юсуф гуфт: «Чун гаштам гуҳарсанҷ,
Паи байъи ту холӣ шуд дусад ганҷ.
Ба фарзандӣ гирифтам баъд аз онат,
Зи ҳашмат сохтам олӣ маконат.
Зулайхоро ҳаводори ту кардам,
Канизонро парастори ту кардам.
Ғуломон ҳалқадаргӯши ту гаштанд,
Сафокешу вафокӯши ту гаштанд.
Ба моли хеш додам ихтиёрат,
Накардам ранҷа дил дар ҳеҷ корат.
На дастури хирад буд ин, ки кардӣ,
Афокаллаҳ,чӣ бад буд, ин ки кардӣ?!
Намешояд дар ин дайри пурофот
Ҷуз эҳсон аҳли эҳсонро мукофот.
Ту эҳсон дидаву куфрон намудӣ,
Ба кофирнеъматӣ туғён[1] намудӣ.

[1] Туғён-беадабӣ, саркашӣ, аз ҳад гузаштан.

Зи кӯи ҳакгузорӣ рахт бастӣ,
Намак хурдӣ, намакдонро шикастӣ».
Чу Юсуф аз Азиз ин тобу таф дид,
Чу мӯй аз гармии оташ бипечид.
Бад-ӯ гуфт: «Эй Азиз, ин доварӣ чанд,
Гуноҳе не, бад-ин хорим мапсанд.
Зулайхо ҳар чи мегӯяд, дурӯғ аст,
Дурӯғи ӯ чароғи бефурӯғ аст,
Зан аз паҳлӯи чап шуд офарида,
Кас аз чап ростӣ ҳаргиз нопадида.
Бидонад, ҳар кӣ бишносад чап аз рост,
Ки аз чап ростӣ мушкил тавон хост.
Маро нодида дорад дар паям сар,
Ки гардад коми вай аз ман муяссар,
Гаҳе аз пас дарояд, гаҳ зи пешам,
Ба ҳар макру фусун хонад ба хешам,
Вале ҳаргиз бар ӯ накшодаам чашм,
Ба хони васли ӯ нанҳодаам чашм.
Кӣ бошам ман , ки бо хулқи каримат
Ниҳам пои хиёнат дар ҳаримат?
Бад он банда , ки чун мавло набинад,
Равад, дар маснади мавло нишинад.
Зи ғурбат доштам бар сина доғе
Гирифта аз ҳама кунҷи фароғе.
Зулайхо қосиде сӯям фиристод,
Ба рӯям сад дари андеша бикшод.
Ба афсунҳои ширин аз раҳам бурд,
Ба ҳамроҳӣ дар ин хилватгаҳам бурд.
Қазои ҳоҷати худ хост аз ман,
Сукуну офият бархост аз ман.
Гурезон рӯ ба сӯи дар давидам,
Ба сад дармондагӣ ин ҷо расидам.
Гирифт инак қафои доманамро,
Дарид аз сӯи пас пироҳанамро.

Маро бо вай ҷуз ин коре набудаст,
Бурун з-ин кор бозоре набудаст,
Гарат набвад қабул ин бегуноҳӣ
Бикун, бисмиллаҳ, инак ҳар чӣ хоҳӣ».
Зулайхо чун шунид ин моҷароро,
Ба покӣ ёд кард аввал Худоро
В-аз он пас хӯрд савгандони дигар,
Ба фарқи шоҳи Мисру тоҷу афсар,
Ба иқболи Азизу иззу ҷоҳаш,
Ки давлат сохт аз хосони шоҳаш.
Бале, чун афтад андар даъвие банд,
Гувоҳи бегувоҳон чист? Савганд.
Кунам савганди бисёр ошкора
Дурӯғандешии савгандхора.
Пас аз савганд об аз дидагон рехт,
Ки Юсуф аз нахуст ин фитна ангехт,
Чароғи кизбро, к-афрӯзадаш зан,
Ба ҷуз ашки дурӯғин нест равған.
Аз ин равған чароғаш чун фурӯзад,
Ба як соат ҷаҳонеро бисӯзад.
Азиз он гиряву савганд чун дид,
Бисоти ростбинӣ дарнавардид.
Ба сарҳанге ишорат кард, то зуд
Занад бар ҷони Юсуф захма чун уд.
Ба захми ғам раги ҷонаш харошад,
Зи лавҳаш ояти раҳмат тарошад.
Ба зиндонаш кунад маҳбус чандон,
Ки гардад ошкор он сирри пинҳон.

**Кашидани сарҳангон Юсуфро ба ҷониби зиндон ва гувоҳӣ додани тифли ширхора ба покии вай ва гузоштани вай Юсуфро**

Чу Юсуфро гирифт он марди сарҳанг,
Ба меҳнатгоҳи зиндон кард оҳанг.
Ба танг омад дили Юсуф аз он дард,
Ниҳон рӯи дуо дар осмон кард,
Ки эй доно ба асрори ниҳонӣ,
Туро бошад мусаллам роздонӣ.
Дурӯғ аз рост пеши туст мумтоз,
Кӣ донад ҷуз ту кардан кашф ин роз?
Зи нури сидқ чун додӣ фурӯғам.
Манеҳ тухмат ба гуфтори дурӯғам.
Гувоҳе бигзарон бар даъвии ман,
Ки сидқи ман шавад чун субҳ равшан.
Зи шасти ҳикмати кишваркушояш
Чу омад бар ҳадаф тири дуояш
Дар он маҷмаъ зане, хеши Зулайхо,
Ки будӣ рӯзу шаб пеши Зулайхо,
Семоҳа кӯдаке бар дӯши худ дошт,
Чу ҷон бигрифта дар оғӯши худ дошт.
Чу савсан бар забон ҳарфе наронда,
Зи тӯмори баён ҳарфе нахонда.
Фиғон зад, к-эй Азиз, оҳистатар бош,
Зи таъҷили уқубат барҳазар бош.
Сазовори уқубат нест Юсуф,
Ба лутфи марҳамат авлист Юсуф.
Азиз аз гуфтани кӯдак аҷаб монд,
Сухан бо ӯ ба қонуни адаб ронд,
Ки, эй ношуста лаб з-олоиши шир,
Худоят карда талқин ҳусни тақдир.

Бигӯ равшан, ки ин оташ кӣ афрӯхт,
К-аз онам пардаи иззу шараф сӯхт?
Бигуфто:-Ман наям наммому[1] ғаммоз,
Ки гӯям бо касе рози касе боз.
Зи ғаммозист мушки Чин сияҳруй,
Ки аз сад парда берун медиҳад бӯй.
Бибин дар тозагулҳои баҳорӣ,
Ки хандону хушанд аз пардадорӣ.
Наям ғаммоз, лекин, гар бидонӣ,
Бигӯям бо ту ин рози ниҳонӣ.
Бирав дар ҳоли Юсуф кун назора,
Ки пироҳан чӣ сонаш гашта пора.
Гар аз пеш аст дар пироҳанаш чок,
Зулайхоро бувад доман аз он пок,
Надорад даъвии Юсуф фурӯғе,
Ҳамегӯяд барои худ дурӯғе.
В-ар аз пас чок шуд пироҳани ӯ,
Бувад пок аз хиёнат домани ӯ.
Дурӯғ аст, он чи мегӯяд Зулайхо,
На роҳи сидқ мепӯяд Зулайхо».
Азиз аз тифл чун гӯш ин сухан кард,
Равон тафтиши ҳоли пираҳан кард.
Чу дид аз пас дарида пираҳанро
Маломат кард он маккоразанро,
Ки донистам, ки ин кайд аз ту будаст,
Бар он озода ин қайд аз ту будаст.
Чӣ қайд аст ин, ки пеш овардӣ ,охир,
Чӣ бад буд он , ки бо худ кардӣ ,охир?
Зи роҳи нангу номи хеш гаштӣ,
Талабгори ғуломи хеш гаштӣ.
Писандидӣ ба худ ин нописандӣ,
Аз он пас ҷурми худ бар вай фикандӣ.

---

[1] Наммом-суханчин, хабаркаш

Зи қайди[1] зан дили мардон дуним аст,
Занонро қайдҳои бас азим аст.
Азизонро кунад қайди занон хор,
Ба қайди зан бувад доно гирифтор.
Зи макри зан касе оҷиз мабодо,
Зани маккора худ ҳаргиз мабодо!
Бирав, з-ин пас ба истиғфор биншин,
Зи хиҷлат рӯй дар девор биншин.
Ба гиря гарм кун ҳангомаи хеш,
Бишӯ з-ин ҳарф охир номаи хеш,
Ту, эй Юсуф, забон з-ин роз дарбанд,
Ба ҳар кас гуфтани ин роз мапсанд.
Ҳамин бас дар сухан чолокии ту,
Ки равшан гашт бар мо покии ту,
Қадам аз роҳи ғаммозӣ бадар кун,
Ки бошад пардапӯш аз пардадар беҳ.
Азиз ин гуфту берун шуд зи хона,
Ба хушрӯйӣ самар шуд дар замона.
Таҳаммул дилкаш аст, аммо на чандин,
Накӯхӯйӣ хуш аст, аммо на чандин.
Чу мард аз зан ба хушхӯйӣ кашад бор,
Зи хушхӯйӣ ба бадномӣ расад кор.
Макун бар кори зан чандон сабурӣ,
Ки афтад рахна дар садди ғаюрӣ.

**Дар даст аз даҳон боз доштани занони**
**Миср ва забони таън бар Зулайхо кашидан**
**ва ба теғи ғайрати ишқ дасту забони эшон буридан**

Насозад ишқро кунҷи саломат,
Хушо расвоию кӯи маломат!
Ғами ишқ аз маломат тоза гардад
В-аз ин ғавғо баландовоза гардад.

[1] Кайд-макр, хила.

Маломат шаҳнаи бозори ишқ аст,
Маломат сайқали зангори ишқ аст,
Маломатҳои ишқ аз ҳар карона
Бувад коҳилтанонро тозиёна.
Чу бошад маркаби раҳрав гаронхез,
Шавад з-он тозиёна сайри ӯ тез,
Зулайхоро чу бикшуфт он гули роз,
Ҷаҳоне шуд ба таънаш булбуловоз.
Занони Миср аз он огоҳ гаштанд,
Маломатро ҳаловатгоҳ гаштанд.
Ба ҳар неку бадаш дар пай фитоданд,
Забони сарзаниш дар вай кушоданд,
Ки шуд фориғ зи ҳар нангею номе,
Дилаш мафтуни иброниғуломе.
Чунон дар мағзи ҷонаш ҷо гирифтаст,
Ки даст аз дину дониш во гирифтаст.
Аҷаб гумроҳие пеш омад ӯро,
Ки рӯ дар бандаи хеш омад ӯро.
Аҷабтар , к-он ғулом аз вай нафур аст,
Зи дамсозию ҳамрозиш дур аст,
На гоҳе мекунад дар вай нигоҳе,
На гоме мезанад бо вай ба роҳе
Ба ҳар ҷо он равад, ин истад боз,
Ба ҳар ҷо истад, рафтан кунад соз.
Ба ҳар ҷо он кашад burқаъ зи рухсор,
Занад ин аз мижа бар дида мисмор.
Зи ҳар ғам, к-ӯ бигиряд, ин бихандад,
Ҳар он дар к-ӯ кушояд, ин бибандад.
Ҳамоно пеши чашми ӯ накӯ нест,
Аз он рӯ хотирашро майли ӯ нест.
Гар он дилбар гаҳе бо ишастӣ,
Зи мо дигар куҷо танҳо нишастӣ?
Раҳи нокомии мо кам гирифтӣ,
Ба мо ҳам ком додӣ, ҳам гирифтӣ.

Ба мақбулӣ касеро дастрас нест,
Қабули хотир андар дасти кас нест.
Басо зеборухи некӯшамоил,
Ки сӯяш табъи мардум нест моил,
Басо лӯливаше ширинкарашма,
Ки резад хун зи дилҳо чашма-чашма,
Зулайхо чун шунид ин достонро,
Фазиҳат[1] хост он норостонро.
Равон фармуд, ҷашне соз карданд,
Занони Мисрро овоз карданд.
Чӣ ҷашне, базмгоҳи хусравона,
Ҳазорон нозу неъмат дар миёна.
Зи шарбатҳои рангоранги софӣ
Чу нур аз акс дар зулматшикофӣ.
Булӯрин ҷомҳо лабрез карда,
Ба моулвард[2] атромез карда.
Зи заррин хон заминаш матраҳи х(в)ар,
Зи симин косҳо бурҷе парахтар.
Ба таъму бӯи хуш он косаву хон,
Таомаш қути ҷисму қуввату ҷон.
Дар ӯ аз хӯрданиҳо ҳар чӣ хоҳӣ,
Зи мурғ оварда ҳозир то ба моҳӣ.
Паи ҳалвош дода некӯвон ном
Зи лаб шаккар, зи дандон мағзи бодом.
Зи тахта-тахта ҳалвоҳои рангин
Бинои қасри ҷашнаш буд ширин.
Барои фарш дар саҳни вай афганд
Ҳазорон хишт аз полудаи қанд.
Даҳонтангон ба лабҳои шакархо
Надода дар даҳон лавзинаро[3] ҷо.

---

[1] Фазиҳат –расво кардан, айбдор намудан.
[2] Моулвард-гулоб.
[3] Лавзина-навъе аз ширинӣ, ки бо мағзи бодом, писта, гулоб ва шакар сохта мешавад.

Чу гашта комҷӯ лавзина з-онҳо,
Ба ҳашваш[1] ном рафта бар забонҳо.
Зи тоза меваҳои тарру ноёб
Сабадҳо боғбон пур карда аз об.
Накарда ҳеҷ нодирбин тасаввур,
К-аз об ояд бурун з-он сон сабад пур.
Равон ҳар сӯ канизону ғуломон,
Ба хидмат ҳамчу товусон хиромон.
Парирӯёни мисрӣ ҳалқа баста,
Ба маснадҳои заркаш хуш нишаста.
Зи ҳар хон, ҳарчӣ мебоист, х(в)арданд,
Зи ҳар кор, он чи мешоист, карданд.
Чу хон бардоштанд аз пеши онон,
Зулайхо шукргӯён, мадҳхонон,
Ниҳод аз табъи ҳилатсози пурфан
Туранҷу казлике[2] бар дасти ҳар тан.
Ба як каф казлике дар кори худ тез,
Ба дигар каф туранҷе шодиангез.
Туранҷе, ранги он сафрои котеъ,
Паи сафроиён дармони нофеъ.
Бад-эшон гуфт пас, к-эй нозанинон,
Ба базми некуӣ болонишинон.
Чаро доред аз ин сон талхкомам,
Ба таъни ишқи иброниғуломам?
Агар дида зи вай пурнур доред,
Ба дидораш маро маъзур доред.
Иҷозат гар бувад, орам бурунаш,
Бад-ин андеша кардам раҳнамунаш.
Ҳама гуфтанд, к-аз ҳар гуфтугӯе
Ба ҷуз вай нест моро орзуе
Бифармо, то бурун ояд хиромон,
Кашад бар фарқи м аз ноз домон,

---

[1] Ҳашв-пастӣ ва фурӯмоягӣ.
[2] Казлик-корди хурд, кордча.

Ки мо аз ҷону дил муштоқи ӯем,
Рухаш нодида аз ушшоқи ӯем.
Туранҷе, к-аз ту акнун бар кафи мост,
Паи сафроиён доруи сафрост.
Буридан бе рухаш некӯ наёяд,
Намебуррад касе, то ӯ наёяд.
Зулайхо дояро сӯяш фиристод,
Ки бигзар сӯи мо, эй сарви озод.
Бурун неҳ по, ки дар пои ту афтем,
Ба пеши қадди раънои ту афтем.
Бувад ғамхонаи дил такягоҳат,
Биё, то дида гардад фарши роҳат.
Ба қавли доя Юсуф барнаёмад,
Чу гул з-афсуни ӯ хуш барнаёмад.
Ба пои худ зулайхо сӯи ӯ шуд,
Дар он кошона ҳамзонуи ӯ шуд.
Ба зорӣ гуфт, к-эй нури ду дида,
Таманнои дили меҳнатрасида,
Зи худ кардӣ нахуст уммедворам,
Ба навмедӣ фитод охир карорам.
Фитодам бар забони мардум аз ту,
Шудам расво миёни мардум аз ту.
Гирифтам он, ки дар чашми ту хорам,
Ба наздики ту бас беэтиборам,
Мадеҳ з-ин хорию беэътиборӣ
Зи хотунони Мисрам шармсорӣ.
Дили решам намакхори лаби туст,
Намакрезӣ бар ӯ кори лаби туст.
Мадеҳ раҳ дар вафодорим шакро,
Нигаҳ медор ҳаққи ин намакро.
Шуд аз анфоси он афсунгари гарм
Дили Юсуф ба берун омадан нарм.
Паи тазйини ӯ чун бод бархост,
Чу сарв аз ҳуллаи сабзаш биёрост.

Фурӯ овехт гесӯи муанбар,
Ба пеши ҳуллаалш чун анбари тар.
Ту пиндорӣ, ки буд аз мушк море,
Кашида хешро дар сабзазоре.
Миёнашро, ки бо мӯ ҳамбарӣ кард,
Зи заррин минтақа[1] зеваргарӣ кард,
Зи чандон гавҳару лаъли гаронсанг
Аҷаб дорам, ки н-омад он миён танг.
Ба сар тоҷе муассаъ аз ҷавоҳир,
Зи ҳар ҷавҳар ҳазораш лутф зоҳир.
Ба по наълайне аз лаълу гуҳар пур,
Бар ӯ баста давол аз риштаи дур.
Ридое аз қасаб карда ҳамоил,
Ба дасташ дод заррин офтоба,
Канизе аз пасаш заркашисаба.
Яке ташташ ба каф аз нуқраи хом,
Ба сони соя ӯро Гом бар Гом.
Бад-он сон ҳар кӣ дидаш чобуку чуст,
Нахуст аз ҷони ширин дасти худ шуст.
Наёрам беш аз ин гуфтан, ки чун буд,
Ки аз ҳар васф к-андешам, бурун буд.
Зи хилватхона он ганҷи ниҳуфта
Бурун омад чу гулзори шукуфта
Занони Миср, к-он гулзор диданд,
Зи гулзораш гули дидор чиданд.
Ба як дидор кор аз дасташон рафт,
Зимоми ихтиёр аз дасташон рафт,
Зи зебошакли ӯ ҳайрон бимонданд,
Зи ҳайрат чун тани беҷон бимонданд.
Чу ҳар якро дар он дидор дидан
Тамонно шуд турунҷи худ буридан.
Надониста турунҷ аз дасти худ боз,
Зи дасти худ буридан кард оғоз.

---

[1] Минтақа-камарбанд.

Яке аз теғ ангуштон қалам кард,
Ба дил ҳарфи ваофи ӯ рақам кард.
Қалам дидӣ, ки бо теғ ар ситезад,
Зи ҳар бандаш бурун шангарф резад.
Яке пур сохт аз каф сафҳаи сим,
Кашидаш ҷадвал аз сурхӣ чу тақвим.
Ба ҳар ҷадвал равона селе аз хун,
Зи ҳадди худ ниҳода пой берун.
Чу дидандаш, ки ҷуз вологуҳар нест,
Баромад бонг аз эшон, к-ин башар нест,
На чун одам зи обу гил сириштаст,
Зи боло омада қудсифариштаст,
Зулайхо гуфт: «Ҳаст ин он ягона,
К-аз ӯям сарзанишҳоро нишона.
Маломат, к-аз шумо бар ҷони ман буд,
Ҳама аз ишқи ин нозукбадан буд.
Муроди ҷону тан ман хандам ӯро,
Ба васли хештан ман хондам ӯро.
Вале ӯ сар ба корам дарнаёвард,
Умеди рӯзгорам бар навард.
Агар нанҳад ба кори ман дигар пой,
Аз ин пас кунҷи зиндон созамаш ҷой.
Расад кораш дар он зиндон ба хорӣ,
Гузорад умр дар меҳнатгузорӣ.
Зи зиндон хӯи саркаш нарм гардад,
Дилаш дар некхӯӣ гарм гардад.
Нагардад мурғи ваҳшӣ ҷуз бар он ром,
Ки гирад дар қафас як чанд ором».
Гурӯҳе з-он занони кафбурида
Зи ақлу сабру ҳушу дил рамида,
Зи теғи ишқи Юсуф ҷон набурданд,
Аз он маҷлис нарафта, ҷон супурданд.
Гурӯҳе аз хирад бегона гаштанд,
Зи ишқи он парӣ девона гаштанд.

Бараҳна пову сар берун давиданд.
Дигар рӯи хирадмандӣ надиданд.
Гурӯҳе омаданд охир ба худ боз,
Вале бо сӯзу дарди ишқ дамсоз.
Зулайховор маст аз ҷоми Юсуф,
Фитода мурғи дил дар доми Юсуф.
Ҷамоли Юсуф омад хумме аз май,
Ба қадри худ насибе ҳар кас аз вай:
Якеро баҳра махмурию мастӣ,
Якеро растан аз пиндори ҳастӣ.
Якеро ҷон фишондан бар ҷамолаш,
Якеро лол мондан дар хаёлаш.
Наёяд ҷуз бар он бебаҳра бахшуд,
К-аз он май баҳрааш бебаҳрагӣ буд.

**Маъзур доштани занони Миср баъд
аз мушоҳидан ҷамоли Юсуф Зулайхоро
ва далолат кардани Юсуф бар инқиёди
Зулайхо ва таҳдид кардани вай ба зиндон**

Чу колоро шавад ҷӯянда бисёр,
Фузун гардад бад-он майли харидор.
Чу як ошиқ бувад мафтуни ёре,
Бувад дар ишқ ошиқро қароре.
Занад сар оташи савдояш аз дил,
Чу бинад дигареро дар муқобил.
Чу шуд ҳоли забони гаштагон лол,
Ҷамоли Юсуфиро шоҳиди ҳол,
Зулайхоро аз он шӯре дигар шуд,
Ба Юсуф майли ҷонаш бештар шуд.
Бад-эшон гуфт: «Юсуфро чу диден,
Зи теғи меҳри ӯ кафҳо буридед.

Агар дар ишқи вай маъзуриям хаст,
Бидоред аз маломат карданам даст.
Чу ёрон аз дари ёрӣ дароед,
Дар ин корам мададгорӣ намоед».
Ҳама чанги муҳаббат соз карданд,
Навои маъзарат оғоз карданд,
Ки Юсуф хусрави иқлими ҷон аст,
Дар он иқлим ҳукми ӯ равон аст.
Ба дидораш киро оҳанг бошад,
Ки надҳад дил, агар худ санг бошад.
Ғамаш гар мояи ранҷурии туст,
Ҷамолаш ҳуҷҷати маъзурии туст.
Ба зери чарх кас пайдо нагардад,
Ки рӯяш бинаду шайдо нагардад.
Шудӣ ошиқ, моломат нест бар ту,
Дар ин савдо ғаромат нест бар ту.
Фалак гирди ҷаҳон бисёр гардид,
Бад-ин шоистагӣ маъшуқ кам дид.
Дили сангин ба меҳрат нарм бодаш
В-аз ин номеҳрбонӣ шарм бодаш!
В-аз ин пас рӯ суи Юсуф ниҳонданд,
Суханро дар насиҳат дод доданд.
Бад ӯ гуфтанд, к-эй умри гиромӣ,
Дарида пираҳан дар некномӣ,
Дар ин бустон, ки гул бо хор ҷуфт аст,
Гули бехор чун ту кам шукуфтаст.
Дар ин дарё, ки нуҳ чархаш садафҳост,
Ба ту-ин чор гавҳарро шарафҳост.
Макун поябаландӣ мояи хеш,
Фуруд о андаке аз пояи хеш.
Зулайхо хок шуд дар роҳат, эй пок,
Ҳамекаш гаҳ-гаҳе доман бар ин хок!
Чӣ кам гардад зи ту, эй покдоман,
Агар гаҳ-гаҳ кашӣ бар хок доман?

Ба дафъи хоҷатат ҳуҷҷат раҳо кун,
Зи ту чун ҳоҷате хоҳад , раво кун.
Ба беҳоҷат туро гар ҳоҷате ҳаст,
Макаш аз ҳоҷати ҳоҷатравон даст.
Макун, чун дошт ҳаққи хидматат, кӯш,
Ҳуқуқи хидмати вайро фаромӯш.
Ниёзи ӯ нигар в-аз ҳад мабар ноз,
Аз он тарсем, эй нахли сарафроз,
Ки чун набвад туро ҷуз саркашӣ кор,
Наёрад саркашӣ ҷуз нохушӣ бор,
Фурӯ шӯяд зи дил меҳри ҷамолат,
Кунад дасти ҷафояш паймолат.
Ҳазар кун, з-он ки чун музтар шавад дӯст,
Ба хорӣ дӯстро аз сар кашад пӯст.
Чу аз лаб бигзарад сели хатарманд,
Ниҳад модар ба зери пой фарзанд.
Диҳад ҳар лаҳза таҳдидат ба зиндон,
Ки ҳаст оромгоҳи нописандон.
Чу гӯри зулмҷӯён тиравy танг,
Гурезон зиндагон аз вай ба фарсанг.
Дар ӯ зики нафас ҳар зиндаеро,
Нишеман ҳар ба марг арзандаеро.
Дар ӯ накшода дасти сунъи устод
На роҳи равшанӣ, не манфази[1] бод.
Ҳавояш моябахши ҳар вабое,
Заминаш киштзори ҳар балое.
Дараш баста ба қулфи ноумедӣ,
Налида ғурраи[2] субҳаш сафедӣ,
Сиёҳу танг чун коруран қир,
Матои сокинонаш ғуллу занҷир.
Ҳама бар суфраи беобунонӣ
Нишаста сер, лек аз зиндагонӣ.

---

[1] Манфаз-роҳсӯрох, панҷара.
[2] Ғурра-сафедӣ.

Муваккал сахтрӯе чанд бар вай,
Мучовир талхгӯе чанд дар вай.
Дар обрӯ чин паи озори мардум,
Зи ҳар чин сад гиреҳ дар кори мардум.
Зада оташ ба олам хӯи эшон,
Сиёҳ аз дуди оташ рӯи эшон.
Кучо шояд чунин меҳнатсарое,
Ки бошад чои чун ту дилрабое.
Худоро, бар вучуди худ бибахшой,
Ба рӯи ӯ дари максуд бикшой.
Қаламсон сар ниҳаш бар хатти таслим,
Бишӯй аз лавҳи хотир нуктаи бим.
В-агар бошад туро аз вай малоле,
Ки чандонаш намебинӣ чамоле,
Чу з-ӯ эмин шавӣ, дамсози мо бош,
Ниҳонӣ ҳамдаму ҳарози мо бош,
Ки мо ҳар як ба хубӣ беназирем,
Сипеҳри ҳуснро моҳи мунирем.
Чу бикшоем лабҳои шакархо,
Зи хичлат лаб фурӯ бандад Зулайхо.
Чунин ширину шаккархо, ки моем,
Зулайхоро чӣ кадр, он чо ки моем?!
Чу Юсуф гӯш кард афсунгаришон
Паи коми Зулайхо ёваришон,
Гузаштан аз раҳи дину хирад низ,
На танҳо баҳри вай, аз баҳри х(в)ад низ,
Парешон шуд зи гуфтугӯи эшон
Бигардонид рӯй аз рӯи эшон.
Ба Ҳақ бардошт каф баҳри муночот,
Ки «Эй ҳочатравои аҳли ҳочот,
Паноҳи пардаи исматнишинон,
Аниси хилвати узлатгузинон.
Чароғи давлати ҳар бегазанде,
Ҳисори офати ҳар нописанде.

Аҷаб дармандаам дар кори инон,
Маро зиндон беҳ аз дидори инон.
Беҳ, ар сад сол дар зиндон нишинам,
Ки як дам талъати инон бибинам.
Ба номаҳрам назар дилро кунад кӯр,
Зи давлатхонаи қурб афканад дур.
Агар ту макри ин маккорагонро,
Зи кӯи аҳлу дин овардагонро,
Ки омад танг аз эшон ҷой бар ман,
Нагардонӣ зи ман, эй вой бар манн!»
Чу зиндон хост Юсуф аз Худованд,
Дуои ӯ ба зиндон сохташ банд.
Агар будӣ зи фазлаш офиятхоҳ,
Суи зиндон қазо нанмудияш роҳ.
Бирастӣ з-офати он нописандон,
Диле фориғ зи меҳнатҳои зиндон.

**Ангез кардани занони Миср Зулайхоро бар фиристодани Юсуф ба зиндон ва фармон бурдани Зулайхо эшонро**

Чу аз дастони он бибридадастон,
Ҳама аз худписандӣ бутпарастон,
Дили Юсуф нагашт аз исмати хеш,
Басе аз пештар шуд исматаш беш.
Ҳама ҳаффоши[1] он хуршед гаштанд,
Зи нури қурби вай навмед гаштанд.
Зулайхоро ғуборонгез карданд,
Ба зиндон кардани ӯ тез карданд.
Бад ӯ гуфтанд, к –эй мискини мазлум,
Набуда мустаҳикке[2] чун ту маҳрум.

[1] Хаффош-шабпара.
[2] Мустаҳик-сазовор, лоиқ, шоиста.

Чу Юсуф гарчи набвад ҳурзоде,
Наёбӣ ҳаргиз аз васлаш муроде.
Шудем аз пандгӯӣ сахткуштӣ,
Забон кардем сӯҳон аз дуруштӣ.
Вале сӯҳон нагирад оҳани ӯ,
Набошад ғайри рӯсахтӣ фани ӯ.
Чу кӯра соз зиндонро бар ӯ гарм,
Бувад з-он кӯра гардад оҳанаш нарм.
Чу гардад нарм з-оташ табъи пӯлод,
Аз ӯ чизе тавонад сохт устод.
Зи гармӣ нарм агар натвонадаш кард,
Чӣ ҳосил, з-он ки кӯбад оҳани сард?!
Зулайхоро чу з-он ҷодузабонон
Шуд аз зиндон умеди васли ҷонон,
Барои роҳати худ ранҷи ӯ хост,
Дар он вайрон мақоми ганҷи ӯ хост.
Чу набвад ишқи ошиқро камоле,
Нобандад ҷуз муроди худ хаёле.
Туфайли хеш хоҳад ёри худро,
Ба коми хеш созад кори худро.
Ба бӯи як гул аз бустони маъшуқ
Занад сад хори ғам бар ҷони маъшуқ.
Зулайхо бо Азиз омехт як шаб,
Зи дил ин ғусса берун рехт як шаб,
Ки гаштам з-ин писар бадном дар Миср,
Шудам расвои хосу ом дар Миср.
Дар ин қавланд марду зан мувофиқ,
Ки ман бар вай зи ҷонам гашта ошиқ.
Дар ин ҳомун шикори тири ӯям,
Ба хоку хун тапон нахчири ӯям.
Ба ҷонам тири ӯ чандон нишастаст,
Ки паймон бар сари пайкон нишастаст.
Сари як мӯям аз ишқаш тиҳӣ нест,
Ба ишқи ӯ зи хешам огаҳӣ нест.

Дар он фикрам, ки дафъи ин гумонро
Суи зиндон фиристодам ин ҷавонро.
Ба ҳар кӯяш ба аҷзу номуродӣ
Бигардонам мунодӣ дар мунодӣ,
Ки ин бошад сазои он бадандеш,
Ки анбозӣ кунад бо хоҷаи хеш.
Наядешад зи каҳри ҷонхарошаш,
Ниҳад пои таманно дар фирошаш.
Чу мардум қаҳри ман бо ӯ бибинанд,
Аз он нохушгумон як сӯ нишинанд.
Азиз андешаи ӯро писандид,
Зи истисвоби[1] ӯ табъаш бихандид.
Бигуфто: «Ман тафаккур пеша кардам,
Бар ин маънӣ басе андеша кардам,
Начидам гавҳаре беҳ, з-он ки суфтӣ.
Наёмад дар дилам беҳ, з-он чи гуфтӣ.
Ба дасти туст акнун ихтиёраш,
Зи роҳи хештан биншон ғубораш».
Зулайхо аз вай ин рухсат чу бишнид,
Суи Юсуф инони кайд печид,
Ки эй коми дилу максуди ҷонам,
Ба олам ҷуз ту мақсуде надонам.
Азизам бар ту болодаст кардаст,
Саратро зери ҳукмам паст кардаст.
Агар хоҳам, ба зиндон созамат ҷой
В-агар хоҳам, ба гардун соямат пой.
Бинеҳ сар, саркашӣ то чанд бо ман?
Баро хуш, нох(в)ашӣ то чанд бо ман?
Қадам зан дар мақоми созгорӣ,
Маро аз ғам раҳон, худро зи хорӣ.
Агар комам диҳӣ, комат барорам,
Ба авҷи кириё номат барорам.

---

[1] Истисвоб-савобдид, тадбир ва чора

В-агарна сад дари меҳнат кушода,
Паи зачри ту зиндон истода.
Ба рўям хурраму хандон нишинӣ,
Аз он беҳтар, ки дар зиндон нишинӣ,
Забон бикшод Юсуф дар хитобаш
Бидод он сон, ки медонӣ, чавобаш.
Зулайхо аз чавоби ӯ барошуфт,
Ба сарҳангони бефарҳанги худ гуфт,
Ки заррин афсараш аз сар фикананд,
Хашин[1] пашминааш дар бар фикананд.
Зи оҳан банд бар симаш ниҳоданд,
Ба гардан тавқи таслимаш ниҳоданд.
Ба сони Исияш бар хар нишонданд,
Ба ҳар кӯе зи Миср он хар биронданд.
Мунодизан мунодӣ баркашида,
Ки ҳар саркаш ғуломи шӯхдида,
Ки гирад шеваи беҳурматӣ пеш,
Ниҳад по дар фироши хочаи хеш,
Бувад лоиқ, ки ҳамчун randomis
Бад-ин хорӣ барандаш сӯи зиндон.
Вале халқе зи ҳар сӯ дар тамошо,
Ҳамегуфтанд: «Ҳошо , сумма ҳошо[2],
К-аз ин рӯи накӯ бадкорӣ ояд!
В-аз ин дилдор дилозорӣ ояд!
Фариштаст ин, ба сад покӣ сиришта,
Наёяд кори шайтон аз фаришта.
Накӯрӯ мекашад аз хӯи бад пой,
Чӣ хуш гуфт он накӯрӯю накӯрой,
Ки ҳар кас дар чаҳон некӯст рӯяш,
Басе беҳтар зи рӯи ӯст хӯяш.
Ба сурат ҳар кӣ зишт омад сиришташ,
Беҳ аст аз хӯи зишташ рӯи зишташ.

---

[1] Хашин-дурушт.
[2] Ҳошо, сумма ҳошо-ҳаргиз ва боз ҳам ҳаргиз.

Чунин , к-аз зишт некӯӣ наёяд,
Зи некӯ низ бадхӯӣ наёяд».
Бад он сон то ба зиндонаш бибурданд,
Ба айёрони зиндонаш супурданд.
Чу он дилзинда дар зиндон даромад,
Ба ҷисми мурда, гӯӣ, ҷон даромад.
Дар он меҳнатсаро афтод ҷӯше,
Баромад з-он гирифторон хурӯше.
Шуданд аз мақдами он шоҳи хубон
Ҳама занҷириён занҷиркӯбон.
Ба по шуд бандашон қайди иродат,
Ба гардан ғуллашон тавқи соадат.
Ба шодӣ шуд бадал андӯҳи эшон,
Кам аз коҳе ғами чун кӯҳи эшон.
Бале, ҳар ҷо расад ҳуросириште,
Агар дӯзах бувад, гардад биҳиште.
Ба ҳар ҷо ёри гулрухсор гардад,
Агар гулхан бувад , гулзор гардад.
Чу дар зиндон гирифт аз ҷунбиш ором,
Ба зиндонбон Зулайхо дод пайғом,
К-аз ин пас меҳнаташ мапсанд бар дил,
Зи гардан ғул, зи пояш банд бигсил.
Тани симинаш аз пашмин мафарсой,
Ба заркашҳулла сарвашро биёрой.
Бишӯй аз фарқи ӯ гарди нажандӣ,
Зи тоҷи ҳашматаш деҳ сарбаландӣ.
Яке хона барои ӯ ҷудо кун,
Ҷудо аз дигарон он ҷош ҷо кун.
Муаттар дор девору даршро,
Мунаввар соз тоқу манзарашро.
Заминашро зи сундус[1] мафраш андоз,
Зи истабрақ[2] бисоти дилкаш андоз.

[1] Сундус-кимхоб ва зарбофт.
[2] Истабрақ-як навъ дебои ба зар бафташуда.

Дар он хона , чу манзил сохт Юсуф,
Бисоти бандагӣ андохт Юсуф.
Рух овард ончунон, к-аш буд одат,
Дар он манзил ба меҳроби иродат.
Чу мардон дар мақоми сабр биншаст,
Ба шукри он, ки аз қайди занон раст.
Наяфтад дар ҷаҳон касро балое,
Ки н-ояд з-он бало бӯи атое.
Асире, к-аз бало бошад ҳаросон,
Кунад бӯи ато душвораш осон.

**Дар пушаймон шудани**
**Зулайхо аз фиристодани Юсуф ба зиндон**
**ва фарёду зорӣ кардан дар муфориқатя вай**

Дар ин фирӯза кохи дербунёд
Аҷаб ғофилниҳод аст одамизод.
Набошад даъби[1] ӯ неъматшиносӣ,
Надонад табъи ӯ ҷуз носипосӣ.
Ба неъмат гарчи умре бигзаронад,
Надонад қадри ӯ, то дарнамонад.
Басо ошиқ, ки бар ҳиҷрон далер аст,
Бад-ин пиндор,к-аз маъшуқ сер аст.
Фалак чун оташи ҳиҷрон фурӯзад,
Чу шамъаш тан бикоҳад, ҷон бисӯзад.
Чу зиндон бар гирифторони зиндон
Гулистон шуд аз он гулбарги хандон,
Зулайхо ,к-аш аз он сарви ягона
Беҳ аз хуррамгулистон буд хона,
Чу он сарв аз гулистонаш бадар шуд,
Гулистонаш зи зиндон тиратар шуд.

[1] Дабъ – ин ҷо мизоҷ.

Ба танг омад дар он зиндон дили ӯ,
Яке сад шуд зи ҳиҷрон мушкили ӯ.
Чӣ мушкил з-он батар бар ошиқи зор,
Ки бе дилдор бинад ҷои дилдор!
Чӣ осоиш дар он гулзор монад,
К-аз ӯ гул рахт бандад, хор монад?!
Синони хор дар гулзор бе гул
Бувад хоса паи озори булбул.
Чу холӣ дид аз он гул гулшани хеш,
Чу ғунча чок зад пироҳани хеш.
Зи ғам чун пур барояд ҷони ғамнок,
Чӣ бок , ар ҷайби худ ошиқ занад чок.
Даре бар синаи худ мекушояд,
Ки ғам берун равад, шодӣ дарояд.
Ба нохун ҳамчу гул рухсор меканд,
Чу сунбул мӯи анбарбор меканд.
Чу будаш рӯю мӯй аз ҷон нишоне,
Зи ҳаҷри ёри худ меканад ҷоне.
Зи дасти дил ба сина санг мекӯфт,
Ба қасди харҷ табли ҷанг мекӯфт,
Агарчи буд шоҳи хайли хубӣ,
Шикаст омад бар ӯ з-он таблкӯбӣ.
Ба фарқи сар ба панҷа хок мебехт,
Сиришк аз дидаи намнок мерехт.
Зи хобу об мекард инчунин гил,
Ки бандад рахнаҳои ҳаҷр бар дил.
Вале рахна, ки ҳиҷрон бар дил афканд,
Бад-ин як мушт гил мушкил шавад банд.
Ба дандон лаъли чун унноб мехаст,
Ба иқди дур ақиқи ноб мехост.
Магар мехост, то биншонад он хун,
Ки аз ҷӯши дилаш мерехт берун.
Рухи гулранги худ месохт нилӣ
Чу нилуфар зи зарбатҳои силӣ,

Ки сурхӣ дархур омад хуррамиро,
Нашояд ҷуз кабудӣ мотамиро,
Зи дил хунин рақам бар рӯ ҳамезад,
Ба ҳасрат даст бар зону ҳамезад,
Ки ин коре, ки ман кардам, кӣ кардаст,
Чунин захре, ки ман хӯрдам, кӣ х(в) ардаст?
Дар ин меҳнатсаро як ишқпеша,
Назад чун ман ба пои хеш теша,
Ба дасти хеш чашми хеш кандам,
Зи кӯрӣ хешро дар чаҳ фикандам.
Зи ғам кӯҳе ба пушти хеш бастам,
Ба зери кӯҳ пушти худ шикастам.
Дилам хун шуд чу ҳинно рӯзгоре,
Ки овардам ба каф зебонигоре.
Зи дастони фалак кори ман ошуфт,
Зи дасти хеш додам доманаш муфт.
Ба ҷонам аз дили овораи хеш,
Намедонам чӣ созам чораи хеш?!
Бад-ин сон навҳаи ҷонсӯз мекард,
Шаби андӯҳи худро рӯз мекард.
Зи ҳар чизе,к-аз ӯ бӯе шунидӣ,
Ба бӯи ӯ зи ҷон оҳе кашидӣ.
Гирифтӣ дам ба дам пироҳани ӯ,
Ки рӯзе суда будӣ бар тани ӯ.
Чу гул атри димоғи хеш кардӣ,
Бад-он таскини доғи хеш кардӣ.
Гаҳе рӯ бар гиребонаш ниҳодӣ,
Ба сад ҳасрат зиҳашро бӯса додӣ,
Ки тавқи ҳашмати он гардан аст ин,
Чӣ гуфтам? Риштаи ҷони ман аст ин!
Гаҳе дар остинаш даст бурдӣ?
Зи бахт он дастбурди худ шумурдӣ.
Ниҳодӣ бар ду дасти худ ба таъзим,
Ба ёди соидаш кардӣ пур аз сим.

Гаҳе кардӣ ба дида доманаш ҷой,
Ки рӯзе суда рӯ бар пушти он пой.
Намудӣ ноумед аз пойбӯсӣ
Ба доманбӯсии ӯ чоплусӣ.
Чу дур аз фарқ дидӣ афсарашро,
Фишондӣ гард лаълу гавҳарашро,
Ки ин ҳамсояи он фарқ будаст,
Ҷаҳоне бар заминаш фарқ судаст,
Камарро, к-аз миёнаш ёд додӣ,
Чу дидӣ бандагиро, дод лодӣ.
Ба ёди оҳуи сайдафкани хеш
Камандаш сохтӣ дар гардани хеш.
Чу заркаш ҳуллааш аз ҳам кушодӣ,
Ба гиря дидаи пурнам кушодӣ.
Бишустӣ доман аз ашки ниёзаш,
Зи ашки лаъли худ бастӣ тирозаш.
Чу наълайнаш ба ҷои ҷуфт дидӣ,
Аз ӯ бӯсе ба ҷоне муфт дидӣ.
Бад ӯ ҷуфташ шудан дар дил гузаштӣ,
Зи беҷуфтиш тоқат тоқ гаштӣ,
Ниҳодӣ банд бар дил аз даволаш,
Зи хуни дида дода ранги олаш.[1]
Бад-ин сон ҳар дамаш аз нав ғаме буд,
Зи ҳар чизе ҷудо дар мотаме буд.
Чу қадри неъмати дидор нашнохт,
Ба доғи дурӣ аз дидор бигдохт.
Пушаймон шуд, вале суде набудаш,
Ба ғайр сабр беҳбуде набудаш.
Вале сабр аз чунон рӯ чун тавон кард,
Кай аз дил меҳри ӯ берун тавон кард?!
Ҳалоки ошиқ аз ҷонон ҷудоист,
Ба тахсис он, ки баъд аз ошноист.

[1] Ол-сурх.

Чу афтад икди сухбат дар миёна,
Буват фурқат азоби бекарона.
В-агар пайванди сухбат дар миён нест,
Ҷудой нохуш аст, аммо чунон нест.
Ба танг омад зи худ, тарки х(в)адӣ кард,
Ба некӣ чу нашуд, майли бадӣ кард.
Сари худ бар дару девор мезад,
Ба сина ханчари хунхор мезад.
Ба боми қаср мешуд посбонвор,
К-аз он ҷо афканад худро нигусор,
Таноб аз гесуи шабранг месохт,
Бад- он роҳи нафасро танг месохт.
Халосӣ аз ҷафои даҳр меҷуст,
Зи шарбатдор ҷоми заҳр меҷуст.
Зи ҳар чизе, ки пас ё пеш мехост,
Хама асбоби марги хеш мехост.
Ҳамебӯсид доя дасту пояш,
Хамегуфт аз самими дил дуояш,
Ки аз ҷонон мураттаб бод комат,
Зи лаъли ӯ лаболаб бод ҷомат!
Раҳой ончунон бод аз ҷудой,
Ки ҳаргиз н-оядат ёд аз чудой.
Замоне бо худ ой, ин бех(в)адӣ чанд,
Хирадмандӣ гузин, нобихрадӣ чанд?
Дили моро зи ғам хун мекунӣ ку,
Кӣ кардаст, ин ки акнун мекунӣ ту?
Зи ман бишнав, ки ҳастам пири ин кор,
Шикебой барад тадбири ин кор.
Зи бесабрӣ фитодӣ дар табу тоб,
Бар ин оташ бирез аз абри сабр об.
Чу гирад сарсари меҳнат вазидан,
Набояд ҳамчу коҳ аз ҷо паридан.
Беҳ он бошад, ки дар доман кашӣ пой,
Ба сони кӯҳ бошӣ пойбарҷой.

Сабурӣ мояи фирӯзӣ омад,
Қавитар пояи беҳрӯзӣ омад.
Сабурӣ меваи уммедат орад,
Сабурӣ давлати ҷавидат орад.
Ба сабр андар садаф борон шавад дур,
Ба сабр аз лаълу гавҳар кон шавад пур.
Ба сабр аз дона ояд хӯша берун,
Зи хӯша раҳравонро тӯша берун.
Ба сабр андар раҳам як қатраи об,
Шавад нуҳ моҳро моҳи ҷаҳонтоб.
Зулайхо бо дилу ҷони рамида
Шуд аз гуфтори доя орамида.
Гиребоне дарида то ба домон,
Кашид аз сабркӯшӣ по ба домон.
Вале сабре, ки гирад ошиқаш пеш,
Ба қавли несиҳони маслиҳаткеш.
Чу гардад носеҳ аз гуфтор хомӯш,
Кунад он ҳарфро ошиқ фаромӯш.

**Бетоқат шадани Зулайхо дар мувофиқати Юсуф ва дар шаб ҳамроҳи доя ба зиндон рафтан ва мушоҳидаи ҷамоли вай кардан**

Чу дар зиндони марғиб Юсуфи меҳр
Ниҳод кард аз Зулайхои фалак чеҳр,
Зулайхои фалакро чеҳра шуд гум
Зи меҳри Юсуф андар ашки анҷум.
Зулайхоро ғами Юсуф чунон кард,
Ки аз ашки шафақгун хунфишон кард.
Шафақро шуд зи ашки ӯ ҷигар хун,
В-аз он хун домани гардун ҷигархун.
Ба гиря нолаи ҷонсӯз бардошт,
Ҳамон оҳу фиғони рӯз бардошт.

Чу шаб андар шаб орад рӯзи ошиқ,
Ба шаб гардад фузунтар сӯзи ошиқ,
Зи ҳиҷрон тира бошад рӯзгораш,
Физояд тирагӣ шабҳои тораш.
Зи ғам рӯзаш бувад рӯ дар сиёҳӣ,
Шабаш гардад сиёҳӣ бар сиёҳӣ,
Шаб обистан бувад он дам, ки ояд,
Барои ошиқон андӯҳ зояд.
Чу орад аз машима[1] баччa берун,
Ба ҷои шир аз дилҳо макад худ.
Аз он модар кӣ бархурдор бошад,
К-аз ин сон баччааш хунхор бошад?!
Зулайхоро чу аз бесабрии хеш
Бад-ин хунхорагӣ омад шабе пеш,
Зи дилбар дуру аз дилдор маҳҷур
Шабаш бе моҳ монду хона бе нур.
Чу набвад рӯи ҷонон партавфикан,
Ба сад машъал нагардад хона равшан.
Зи бас андӯҳи дил чашмаш намехуфт,
Зи дида хуни дил меронду мегуфт:
«Надонам, ҳоли Юсуф чист имшаб?
Кафили хидмати ӯ кист имшаб?
Кӣ густарда таҳи по бистарашро?
Ки карда рост бар болин сарашро?
Чароғафрӯзи болинаш кӣ будаст?
Кафи роҳат ба болинаш кӣ судаст?
Кӣ бикшуда камарбанд аз миёнаш?
Кӣ буда вақти хоб афсонахонаш?
Ҳавои он мақомат сохт ё на?
Чу мурғ аз дом ромаш сохт ё на?
Гули ӯ ҳамчунон бар оби худ ҳаст?
Мусалсал сунбулаш дар тоби худ ҳаст?

---

[1] Машима-пардаи нозуке дар шиками занон, ки то зоидан рӯдае дар он карор мегирад ва пас бо кӯдак берун меояд.

Набурда он ҳаво обу гилашро?
Пажӯлида накарда сунбулашро?
Дилаш чун ғунча дар тангӣ фитода?
Ва ё чун гул ба шодӣ лаб кушода?»
Ҳамегуфт инчунин дар ҳар либосе
Ғами худ, то зи шаб бигзашт посе.
Аз он пас тоқату тобе намондаш,
Ба дил аз ҷӯи сабр обе намондаш.
Зи шавқаш дар дил афтод оташе тез
Ба доя дида пурхун гуфт: «Бархез,
Ки як дам ҷониби зиндон гароем.
Ба он меҳнатсаро пинҳон дараем.
Ниҳон дар гӯшаи зиндон нишинем,
Маҳи зиндонии худро бибинем.
Чу зиндон ҷои ин сон гулъизорест,
На зиндон, балки хуррам навбаҳорест.
Дили ҳар ошиқ аз бустон кушояд.
Маро ин ғунча дар зиндон кушояд».
Равон шуд ҳамчу сарви нозу доя
Фитон-хезон зи дунболаш чу соя.
Ба зиндон чун расид он моҳи шабгард,
Ниҳонӣ мири зиндонро талаб кард.
Ишорат кард, то бикшод раҳро,
Намуд аз дур он тобанда маҳро.
Бидидаш бар сари саҷҷода аз дур,
Чу хуршеди дурахшон ғарқа дар нур.
Гаҳе чун шамъ бар по истода,
Зи рух зиндониёнро нур дода.
Гаҳе хам карда қомат чун маҳи нав,
Фиканда бар бисот аз чеҳра партав.
Гаҳе сар бар замин аз узри тақсир,
Чу шохи тозагул аз боди шабгир.
Гаҳе тарҳи тавозуъ дарфиканда,
Нишаста чун бунафша сарфиканда.

Зи худ дуру ба вай наздик биншаст,
Вале дар гӯшаи торик биншаст.
Зи ҷон зорию аз дил нола мекард,
Зи наргис ёсуманро жола мекард.
Ба луълу лаълу лаброро мехарошид,
Зи нахли тар рутабро метарошид.
Ба чашми хунфишону ашки гулгун ,
Ҳамедод аз дарун ӯ роз берун,
Ки эй чашму чароғи нозанинон,
Муроди хотири андӯҳгинон,
Ба ҷонам оташе афрӯхт ишқат,
Саропои вуҷудам сӯхт ишқат,
Назад бар оташам васли ту обе,
Ба обе аз дилам наншонд тобе.
Ба теғи зулм кардӣ синаам чок,
Ҳамебинам туро з-ин зулм бебок.
Надорӣ раҳм бар мазлумии ман,
Зиҳӣ марҳумию маҳрумии ман!
Зи ту ҳар лаҳзаам аз нав ғаме зод,
Маро, эй кошкӣ модар намезод!
В-агар мезод, модар, кош доя
Ба фарқи ман намеафканд соя.
Зи шири ноб кам медод барҳам,
Ба шир аз қаҳр меомехт заҳрам.
Зи ҳоли худ бад-ин сон дар сухан буд,
Вале Юсуф ба ҳоли хештан буд.
Сари мӯе бад-ӯ ҳозир намешуд,
В-агар мешуд, асар зоҳир намешуд.
Чу шаб бигзашт, ҳамчун субҳхезон,
Зулайхои фалак шуд ашкрезон.
Ғиреви кӯси султонӣ баромад,
Муаззин дар саҳархонӣ даромад.
Думи саг ҳалқа бар ҳалқуми ӯ баст,
Дамашро аз фиғони шаб фурӯ баст.

Хурӯс аз хоби шаб шуд гарданафроз,
Зи нои соз карда тез овоз.
Зулайхо доман андарчида баргашт,
Ба хидмат остон бӯсида барзашт.
Ба зиндон то маҳаш хилватнишин буд,
Шуд-омад сӯи зиндонаш чунин буд.
Ғизои ҷони ӯ шуд он такопӯй
Набудаш ҷуз дар он омад –шудан рӯй.
Накардӣ кас ба бустон майл чандон,
Ки буд он хастадилро майли зиндон.
Бале, онро ки зиндонист ёраш,
Ба ҷуз зиндон куҷо бошад каророш?

**Рафтан Зулайхо дар рӯз ба боми қасри хеш ва аз он ҷо наззораи боми зиндон кардан ва бар мувофиқати Юсуф нолаву зорӣ бардоштан**

Шаб омад ошиқонро пардаи роз,
Шаб омад бедилонро ғуссапардоз.
Тавон бас кор дар шабгир кардан,
Ки рӯзаш кам тавон тадбир кардан.
Зулайхо чун ғами шаб бигзаронид.
На ғам, бал мотами шаб бигзаронид,
Балову меҳнати рӯз омадаш пеш,
Сад андӯҳи ҷигарсӯз омадаш пеш.
На рӯи он, ки дар зиндон кунад рӯй,
На сабри он, ки бе зиндон кунад хӯй.
Зи неъматҳои хуш ҳар лаҳза чизе
Ниҳодӣ бар кафи марҳам канизе.
Фиристодӣ ба зиндон сӯи Юсуф,
Ки то дидӣ ба ҷояш рӯи Юсуф.
Чу он марҳам зи зиндон омадӣ боз,
Бад-ӯ сад ишқбозӣ кардӣ оғоз.

Гаҳе рӯ бар кафи пояш ниҳодӣ,
Гаҳе сад бӯсааш бар чашм додӣ,
Ки ин чашмест, к-он рухсор дидаст,
Ки он поест, к-он ҷоҳо расидаст.
Агар чашмаш наёрам бӯса додан
Ва ё рӯ бар кафи пояш ниҳодан,
Бибӯсам боре он чашме, ки гоҳе
Кунад дар рӯи зебояш нигоҳе.
Ниҳам рӯ бар кафи он пой боре,
На вакте мекунад сӯям гузоре.
Бипурсидӣ аз он кас ҳоли ӯро,
Ҷамоли рӯи фаррухфоли ӯро,
Ки рӯяшро нафарсуда газанде,
Ба кори ӯ наяфтодаст банде?
Гулашро з-он замин пажмурдагӣ нест?
Танашро з-он замин озурдагӣ нест?
Зи неъматҳо, ки бурдӣ х(в)ард ё не?
Аз ин дилдода ёд овард ё не?
Пас аз пурсишнамуданҳои бисёр
Зи ҷо бархостӣ бо чашми хунбор.
Ба боми кох-дар як ғурфа[1] будаш,
К-аз он ҷо боми зиндон менамудаш.
Дар он ғурфа шудӣ, танҳо нишастӣ,
Дари ғурфа ба рӯи халқ бастӣ.
Ба дида дур, ба мижгон лаъл суфтӣ,
Сӯи зиндон назар кардию гуфтӣ:
«Киям, то рӯи гулфомаш бибинам?
Бас ин, к-аз боми худ бомаш бибинам.
Наям шоимтаи дидор дидан,
Хушам бо он дару девор дидан.
Ба ҳар ҷо моҳи ман манзилнишин аст,
На хона, равзаи хулди барин аст.

---

[1] Ғурфа –болохона.

Зи давлат сақфи ӯ сармоя дорад.
Ки хуршеде чунон дар соя дорад,
Маро девораш аз ғам пушт бишкаст,
Ки пушт он маҳ бар ӯ бинҳода биншаст.
Саодат сарфароз ояд аз он дар,
Ки саври ман фуруд орад аз он сар.
Чӣ давлатманд бошад остоне,
Ки бӯсад пои ин сон дилситоне.
Хуш он, к-аз теғи меҳраш ошкора
Танам чун зарра гардад пора-пора.
Дарафтам сарнигун аз равзани ӯ
Ба пеши офтоби равшани ӯ.
Ҳазорон рашк дорам бар замине,
Ки бихромад бад-он сон нозанине,
Шавад аз гарди домонаш муаттар,
Зи мӯи анбарафшонаш муанбар.
Сухан кӯтоҳ, то шаб кораш ин буд,
Гирифториш он, гуфтораш ин буд.
Дар ин гуфтор ҷонаш бар лаб омад,
Дар ин андӯҳ рӯзаш бар шаб омад.
Чу омад шаб, дигар шуд ҳилаандеш,
Ки гирад пеш оини шаби пеш.
Шабаш ин буду рӯзаш то бад-он рӯз,
Ки зиндон буд ҷои он дилафрӯз.
Ба шаб зиндон шуданро чора кардӣ,
Ба рӯз аз ғурфааш наззора кардӣ.
Набудӣ хеҷ гаҳ холӣ аз ин кор
Гаҳе девор дидӣ, гоҳ дидор,
Чунон Юсуф ба хотир хона кардаш,
Ки аз ҷону ҷаҳон бегона кардаш.
Зи бас дар ёди ӯ гум кард х(в)адро,
Бишуст аз лавҳи хотир неку бадро.
Канизон гарчи медодандаш овоз,
Намеомад ба ҳоли хештан боз.

Бигуфтӣ бо канизон гоҳу бегоҳ,
Ки ман ҳаргиз набошам аз худ огоҳ.
Ба гуфтор аз ман огоҳӣ маҷӯед,
Биҷунбонедам аввал, пас бигӯед.
Зи ҷунбонидан аввал бо худ оям
В-аз он пас гӯши бишнидан кушоям.
Дили ман ҳаст бо зиндонии ман,
Аз он аст ин ҳама ҳайронии ман.
Ба хотир ҳар киро он моҳ гардад,
Куҷо аз дигаре огоҳ гардад?
Бигашт аз ҳоли худ рӯзе мизоҷаш,
Ба захми ништар афтод эҳтиёҷаш.
Зи хунаш бар замин дар дидаи кас
Наёмад ғайри Юсуф-Юсуфу бас.
Ба килки ништар устоди сабукдаст
Ба лавҳи хок нақш ин ҳарфро баст.
Чунон аз дӯст пур будаш рагу пӯст,
Ки берун н-омадаш аз пӯст ҷуз дӯст.
Хуш он кас, к-ӯ раҳой ёбад аз хеш,
Насими ошноӣ ёбад аз хеш.
Кунад дар дил чунон ҷо дилбареро,
Ки гунҷоӣ намонад дигареро.
Дарояд ҳамчу ҷонаш дар рагу пай,
Набинад як сари мӯ холӣ аз вай.
На бӯе бошадаш аз худ, на ранге,
На сулҳе монадаш бо кас, на ҷанге.
На дил дар тоҷу не дар тахт бандад,
Зи кӯи ӯ ҳавасҳо рахт бандад.
Агар гӯяд сухан, бо ёр гӯяд
В-агар ҷӯяд мурод , аз ёр ҷӯяд.
Наёрад хештанро дар шуморе,
Нагирад пеш ғайр аз ишқ коре.
Рух андар пухтагӣ орад зи хомӣ,
Зи буди худ бурун ояд тамомӣ.

Ту ҳам, Ҷомӣ, тамом аз худ бурун ой,
Ба давлатхонаи сармад дарун ой.
Чу донам, роҳи давлатхона донӣ,
На аз давлат бувад чандин гаронӣ.
Бар ин доми гаронҷонон қадам неҳ,
Қадам дар давлатободи адам неҳ.
Набудию зиёне з-он набудат,
Мабош имрӯз ҳам, к-ин аст судат.
Маҷӯй андар худӣ беҳбуди худро,
К-аз ин савдо наёбӣ суди худро.

### Дар шарҳи эҳсонҳои Юсуф бо аҳли зиндон ва таъбир кардани вай хоби муқаррабони подшоҳи Мисрро ва васияти вай мар яке аз эшонро, ки вайро пеши подшоҳ ёд кунад

Зи модар ҳар кӣ давлатманд зояд,
Фурӯғи давлаташ зулмат зудояд.
Ба хористон равад, гулзор гардад,
Гул аз вай нофаи Тотор гардад.
Чу абр ар бигзарад бар ташнакиште,
Шавад аз мақдамаш хуррам биҳиште,
Чу бод ар дарравад дар тозабоғе,
Фурӯзад аз рухи ҳар гул чароғе.
Ба зиндон гар дароянд хурраму шод,
Кунад зиндониёнро аз ғам озод.
Чу зиндон бар гирифторони зиндон
Шуд аз дидори Юсуф боғи хандон,
Ҳама аз мақдами ӯ шод гаштанд,
Зи банди дарду ранҷ озод гаштанд
Ба гардан ғуллашон шуд тавқи иқбол,
Ба по занҷирашон фархунда халхол.

Агар зиндоние бемор гаштӣ,
Асири меҳнату тимор гаштӣ,
Камар бастӣ паи бемордориш,
Халосӣ додӣ аз тимору хориш.
В-агар ҷо бар гирифторе шудӣ танг,
Суи тадбири кораш кардӣ оҳанг.
Кушодару шудӣ ӯро ризоҷӯй,
Зи тангӣ дар кушод овардияш рӯй.
В-агар бар муфлисе ишрат шудӣ талх,
Зи нодорӣ намудӣ ғурраш салх.
Зи зардорон калиди зар гирифтӣ,
Зи айшаш қуфли тангӣ баргирифтӣ.
В-агар хобе бидидӣ некбахте,
Ба гирдоби хаёл афтода рахте,
Шунидӣ аз лабаш таъбири он хоб,
Ба хушкӣ омадӣ рахташ зи гирдоб.
Ду кас аз маҳрамони шоҳи он бум,
Зи хилватгоҳи қурбаш монда маҳрум,
Ба зиндон ҳамдамаш буданду ҳамроз,
Дар он мотамкада бо вай ҳамовоз.
Ба як шаб ҳар яке диданд хобе,
К-аз он дар ҷонашон афтод тобе.
Якеро муждадеҳ хоб аз наҷоташ,
Якеро мухбир аз қатъи ҳаёташ.
Вале таъбири он з-эшон ниҳон буд,
В-аз он бар ҷонашон бори гарон буд.
Ба Юсуф хобҳои худ бигуфтанд,
Ҷавоби хобҳои худ шунуфтанд.
Якеро гӯшмол аз дор доданд,
Якеро бар дари шаҳ бор доданд.
Ҷавонмарде, ки сӯи шоҳ мерафт,
Ба маснадгоҳи иззу ҷоҳ мерафт.
Чу рӯ сӯи шаҳи маснаднишин кард,
Ба вай Юсуф васийят инчунин кард,

Ки чун дар суҳбати шаҳ бор ёбӣ,
Ба пешаш фурсати гуфтор ёбӣ,
Маро дар маҷлисаш ёд оварӣ зуд,
К-аз он ёдоварӣ вофир барӣ суд.
Бигӯӣ ҳаст дар зиндон ғарибе,
Зи адли шоҳи даврон бенасибе.
Чунинаш бегунаҳ мапсанд ранҷур,
Ки ҳаст ин аз тариқи маъдалат дур.
Чи хӯрд он баҳраманд аз давлату ҷоҳ
Май аз қарробаи қурби шаҳаншоҳ,
Чунон рафт он васийят аз хаёлаш,
Ки бар хотир наёмад чанд солаш.
Ниҳоли ваъдааш маъюсӣ овард,
Ба зиндони бало маҳбусӣ овард.
Бале, онро ки Эзад баргузинад,
Ба садри иззи маъшуқӣ нишинад.
Раҳи асбоб бар рӯяш бибандад,
Раҳини ину онаш кам писандад.
Натобад ҷуз сӯи худ рӯи ӯро,
Зи ҳар кас бигсалонад хӯи ӯро.
Ба дасти ғайр торочаш нахоҳад,
Ба ғайри хеш муҳтоҷаш нахоҳад.
Нахоҳад дасти ӯ дар домани кас,
Асири доми хешаш хоҳаду бас.

**Талаб кардани подшоҳи Миср Юсуфро ва барои таъбири хоби худ тааллул кардани вай, то он чи миёни ваю занони Миср гузашта буд, тафаҳҳус намоянд**

Басо қуфло, ки нопайдокалид аст,
Бар ӯ роҳи кушоиш нопадид аст.
Бувад чун кори доно печ бар печ,
Ба пешаш кӯшиши фикру назар ҳеч.

Зи ногаҳ дасти сунъе дар миён не,
Ба фатҳаш ҳеҷ сонеъро гумон не.
Падид ояд зи ғайб онро кушоде,
Вадиат дар кушодаш ҳар муроде.
Чу Юсуф дил зи ҳилатҳои худ канд,
Бурид аз риштаи тадбир пайванд.
Ба ҷуз Эзад намонд ӯро паноҳе,
Ки бошад дар навоиб такягоҳе.
Зи пиндори Худову бихрадӣ раст,
Гирифташ файзи фазли эзадӣ даст.
Шабе султони Миср-он шоҳи бедор
Ба хобаш ҳафт гов омад падидор.
Ҳама бисёр хубу сахт фарбеҳ,
Ба хубию хушӣ аз якдигар беҳ.
В-аз он пас ҳафти дигар дар баробар
Падид омад саросар хушку лоғар.
Дар он ҳафти нахустин рӯй карданд,
Ба сони сабза онро пок х(в)ард анд.
Бад-ин сон сабзу хуррам ҳафт хӯша,
Ки дил з-он қут бурдӣ, дида тӯша,
Баромад в-аз ақиб ҳафти дигар хушк,
Бар он печиду кардаш сар ба сар хушк.
Чу султон бомдод аз хоб бархост,
Зи ҳар бедордил таъбири он хост,
Ҳама гуфтанд, к-ин хоби муҳол аст,
Фароҳамкардаи ваҳму хаёл аст.
Ба ҳукми ақл таъбире надорад,
Ба ҷуз эъроз тадбире надорад.
Ҷавонмарде, ки аз Юсуф хабар дошт,
Зи рӯи кори Юсуф парда бардошт,
Ки дар зиндон ҳумоюнфар ҷавонест,
Ки дар ҳалли дақоиқ хурдадонест.
Бувад бедор дар таъбири ҳар хоб,
Дилаш аз ғавси ин дарё гуҳарёб.

Агар гӯй, бар ӯ бикшоям ин роз,
В-аз ӯ таъбири хобат оварам боз.
Бигуфто: «Изнхоҳӣ чист аз ман,
Чӣ беҳтар кӯрро аз чашми равшан?
Маро чашми хирад з-он лаҳза кӯр аст,
Ки аз донистани ин роз дур аст».
Равон шуд ҷониби зиндон ҷавонмард,
Ба Юсуф ҳоли хоби шаҳ баён кард.
Бигуфто: «Гову хӯша ҳар ду соланд,
Ба авсофи худаш вассофи ҳоланд.
Чу бошад хӯша сабзу гов фарбеҳ,
Бувад аз хубии солат хабардеҳ.
Чу бошад хӯша хушку гов лоғар,
Бувад аз соли тангат қиссаовар.
Нахустин солҳои ҳафтгона
Бувад борону обу кишту дона.
Ҳама олам зи неъмат пур бароянд
В-аз он пас ҳафт соли дигар оянд,
Ки неъматҳои пешин хӯрда гардад,
Зи тангӣ ҷони халқ озурда гардад.
Наборад з-осмон абри атое,
Нарӯяд аз замин шохи гиёе.
Зи ишрат молдорон даст доранд,
Зи тангӣ тангдастон ҷон супоранд.
Чунон нон кам шавад бар хони даврон,
Ки гӯяд одамӣ «нон»-у диҳад ҷон».
Ҷавонмард ин сухан бишниду баргашт,
Ҳарифи базми шоҳи додгар гашт.
Ҳадиси Юсуфу таъбири ӯ гуфт,
Дили шоҳ аз ғамаш чун ғунча бишкуфт.
Бигуфто: «Хезу Юсуфро биёвар,
К-аз ӯ беҳ гардадам ин нукта бовар.
Сухан, к-аз дӯст орӣ, шаккар аст он,
Вале гар худ бигӯяд, хуштар аст он.

Чу аз дилбар сухан шояд шунидан,
Чаро аз ҳар даҳан бояд шунидан?»
Дигарбора ба зиндон шуд равона,
Бибурд ин мужда сӯи он ягона,
Ки эй сарви риёзи қудс, бихром,
Суи бустонсарои шоҳ неҳ гом!
Хиром он сӯ бад-ин рӯи дилоро,
Биёро з-ин гул он бустонсароро.
Бигуфто: «Ман чӣ оям сӯи шоҳе,
Ки чун ман бекасеро бе гуноҳе
Ба зиндон солҳо маҳбус кардаст,
Зи осори карам маъюс кардаст?!
Агар хоҳад, ки ман берун ниҳам пой,
Аз ин ғамхона, гӯ, аввал бифармой,
Ки ононе, ки чун рӯям бididанд,
Зи ҳайрат дар рухам кафҳо буриданд,
Ба як ҷо чун Сурайё бо ҳам оянд,
Ниқоб аз кори ман равшан кушоянд,
Ки ҷурми ман чӣ буд, аз ман чӣ диданд,
Чаро рахтам суи зиндон кашиданд?
Бувад, к-ин сир шавад бар шоҳ равшан,
Ки пок аст аз хиёнат домани ман.
Маро пеша гуноҳандешагӣ нест,
Дар андеша хиёнатпешагӣ нест.
Дар он хона хиёнат н-омад аз ман,
Ба ҷуз сидқу амонат н-омад аз ман,
Маро беҳ, гар занам накби[1] хазоин,
Ки бошам дар фироши хона хоин».
Ҷавонмард ин сухан чун гуфт бо шоҳ,
Занони Мисрро карданд огоҳ,
Ки пеши шоҳ яксар ҷамъ гаштанд,
Ҳама парвонаи он шамъ гаштанд.

---
[1] Накб—сӯрох, роҳи зеризаминӣ.

Чу раҳ карданд дар базми шаҳ он ҷамъ,
Забони оташин бикшод чун шамъ,
К-аз он шамъи ҳарими ҷон чӣ дидед,
Ки бар вай теғи бадномӣ кашидед?!
Зи рӯяш дар баҳору боғ будед,
Чаро раҳ сӯи зиндонаш намудед?
Буте, к-озор бошад бар танаш гул,
Кай аз доно сазад бар гарданаш ғул?
Гуле, к-аш нест тоби боди шабгир,
Ба пояш чун ниҳад ҷуз об занҷир?
Занон гуфтанд, к-эй шоҳи ҷавонбахт,
Ба ту фархундафар ҳам тоҷу ҳам тахт.
Зи Юсуф мо ба ҷуз покӣ надидем,
Ба ҷуз иззу шарафнокӣ надидем.
Набошад дар садаф гавҳар чунон пок,
Ки буд аз тухмат он ҷони ҷаҳон пок!
Зулайхо низ буд он ҷо нишаста,
Забон аз кизбу ҷон аз кайд раста,
Зи достонҳои пинҳон зери парда
Риёзатҳои ишқаш пок карда,
Фурӯғи ростиш аз ҷон алам зад,
Чу субҳи ростин аз сидқ дам зад.
Ба ҷурми хеш кард иқрор мутлақ,
Баромад з-ӯ навои ҳасҳасалҳақ[1].
Бигуфто: «Нест Юсуфро гуноҳе,
Манам дар ишқи ӯ гумкардароҳе.
Нахуст ӯро ба васли хеш хондам,
Чу коми ман надод, аз пеш рондам,
Ба зиндон аз ситамҳои ман афтод,
Дар он ғамҳо зи ғамҳои ман афтод.
Ғами ман чун гузашт аз ҳадду ғоят,
Ба ҳолаш кард ҳоли ман сироят,

[1] Ҳасҳасалҳақ—зоҳир шудани ҳақ.

Ҷафое, к-ӯ расид ӯро зи ҷофӣ,[1]
Кунун воҷиб бувад ӯро талофӣ[2].
Ҳар эҳсон, к-ояд аз шоҳи накӯкор,
Ба сад чандон бувад Юсуф сазовор».
Чу шоҳ ин нуктаи санҷида бишнид,
Чу гул бишкуфту чун ғунча бихандид.
Ишорат кард, к-аз зиндонаш оранд,
Бад-он хуррамсаро бустонаш оранд,
Зи боғи лутф гулбаргест хандон,
Гули хандон ба бустон беҳ, ки зиндон,
Ба мулки ҷон бувад шоҳи накӯбахт,
Мақоми шаҳ нашояд ҷуз сари тахт.

**Берун омадани Юсуф аз зиндон ва гиромӣ доштани подшоҳ мар вайро. Вафот кардани Азизи Миср ва мубтало шудани Зулайхо ба танҳоию ва ҷудой**

Дар ин дайри куҳан расмест дерин,
Ки бе талхӣ набошад айши ширин.
Хурад нуҳ моҳ тифле дар раҳим хун,
Ки ояд бо рухе чун моҳ берун.
Басо сахтӣ, ки бошад лаъл дар санг,
Ки хуршеди дурахшонаш диҳад ранг.
Шаби Юсуф чу бигзашт аз дарозӣ,
Тулӯи субҳ кардаш корсозӣ.
Чу шуд кӯҳи гарон бар ҷонаш андӯҳ,
Баромад офтобаш аз паси кӯҳ.
Паи таъзиму икроми вай аз шоҳ
Хитоб омад ба наздикони даргоҳ,

[1] Ҷофӣ—ҷафокунанда, бадхӯ.
[2] Талофӣ—товон додан, подош намудан.

К-аз айвони шаҳи хуршедавранг
Ба майдоне зи ҳар ҷониб ду фарсанг
Дурӯя то ба зиндон истоданд,
Таҷаммулҳои худро арза доданд.
Чи аз засринкамар, саркаш ғуломон
Ҳама дар хилъати саркаш хиромон,
Чи аз чобуксаворони сипоҳӣ
Ба тозимаркабон бо ҳам мубоҳӣ,
Чи аз хуршедпайкар хушнавоён,
Ба ибронию сурёнисароён.
Сарони Миср берун аз шумора
Нисоровар давон аз ҳар канора.
Тиҳидастон ба уммеди нисоре
Кушода ҳар тараф ҷайбу каноре.
Чу Юсуф шуд сӯи хусрав равона,
Ба хилъатҳои хоси хусравона,
Фарози маркабе аз пой то фарқ
Чу кӯҳе гашта дар зарру гуҳар ғарқ.
Ба ҳар ҷо таблаҳои мушку анбар,
Зи ҳар сӯ бадраҳои зарру гавҳар
Ба роҳи маркаби ӯ мефишонданд,
Гадоро аз гадоӣ мераҳонданд.
Чу омад боргоҳи шаҳ падидор,
Фуруд омад зи рахши тезрафтор,
Хазу атлас ба пой андохтандаш,
Ба пойандоз фарқ андохтандаш,
Ба болои хазу аксун ҳамерафт,
Бар атлас чун маҳи гардун ҳамерафт.
Зи қурби мақдамаш чун шаҳ хабар ёфт,
Ба истиқболи ӯ чун бахт биштофт.
Кашидаш дар канори хештан танг,
Чу сарви гулруху шамшоди гулранг,
Ба паҳлӯи худаш бар тахт биншонд,
Ба пурсишҳои хуш бо вай сухан ронд,

Нахуст аз хоби худ пурсид таъбир,
Даромад лаъли нӯшинаш ба тақрир.
В-аз он пас кардаш аз ҳар ҷо суоле,
Бипурсидаш зи ҳар корею ҳоле.
Ҷавоби дилкашу матбӯъ гуфташ,
Чунон, к-омад аз он гуфтан шигифташ.
Дар охир гуфт: «Ин хобе ки дидам,
Зи ту таъбири он равшан шунидам,
Чӣ сон тадбири он кардан тавонем,
Ғами халқи ҷаҳон хӯрдан тавонем?»
Бигуфто: «Бояд айёми фарохӣ
Ки абру нам наяфтад дар тарохӣ,[1]
Мунодӣ кардан андар ҳар диёре,
Ки набвад халқро ҷуз кишт коре,
Ба нохун санги хороро харошанд,
Зи чеҳра ҳаййфишонон дона пошанд,
Чу аз дона шавад оганда хӯша,
Ниҳандаш ҳамчунон аз баҳри тӯша.
Синонҳо хӯшаро з-он руста аз тан,
Ки бошад бар рухи хасмон синонзан.
Чу бошад хӯша дар хона дирангӣ,
Наёрад рӯзгори қаҳту тангӣ.
Барад ҳар кас барои айши тира
Ба қадри ҳоҷати худ з-он захира.
Вале ҳар корро бояд кафиле,
Ки аз дониш бувад бо вай далеле.
Ба дониш ғояти он кор донад,
Чу донад, корро кардан тавонад.
Зи ҳар чизе, ки дар олам тавон ёфт,
Чу ман доно кафиле кам тавон ёфт.
Ба ман тафвиз кун тадбири ин кор,
Ки н-ояд дигаре чун ман падидор».

[1] Тарохӣ-таъхир, даранг.

Чу шоҳ аз вай бидид он корсозӣ,
Ба мулки Миср додаш сарфарозӣ,
Сипаҳро бандаи фармони ӯ кард,
Заминро арсаи майдони ӯ кард.
Ба ҷои худ ба тахти зар нишондаш,
Ба сад иззат Азизи Миср хондаш.
Чу по болои тахти зар ниҳодӣ,
Ҷаҳоне зери тахташ сар ниҳодӣ.
Чу рафтӣ бар сари айвон зи майдон,
Расидӣ бонги човушон ба Кайвон.
Ба ҳар ҷониб, ки тавфандеш будӣ,
Ҷанибаткаш ҳазораш беш будӣ.
Ба ҳар кишвар, ки бигзаштӣ савора,
Бурун будӣ сипоҳаш аз шумора.
Чу Юсуфро Худо дод ин баландӣ,
Ба қадри ин баландӣ арҷмандӣ,
Азизи Мисрро давлат забун гашт,
Ливои ҳашмати ӯ сарнигун гашт.
Дилаш тоқат наёвард ин халалро,
Ба зудӣ шуд ҳадаф тири аҷалро.
Зулайхо рӯй дар девори ғам кард,
Зи бори ҳаҷри Юсуф пушт хам кард.
На аз ҷоҳи Азизаш хона обод,
На аз андӯҳи Юсуф хотир озод.
Фалак, к-ӯ дермеҳру зудкин аст,
Дар ин ҳирмонсаро кори вай ин аст,
Якеро баркашад чун хур бар афлок,
Якеро афканад чун соя бар хок.
Хуш он доно ба ҳар корею боре,
Ки аз кораш нагирад эътиборе.
На аз иқболи ӯ гардан фарозад,
На аз идбори ӯ ҷонаш гудозад.

**Дар шарҳи ҳоли Зулайхо баъд аз вафоти Азизи Миср ва истилои муҳаббати Юсуф бар вай ва ибтилои вай ба меҳнати фироқ**

Диле, к-аз дилбаре ношод бошад,
Зи ҳар шодию ғам озод бошад.
Ғами дигар нагирад домани ӯ.
Нагардад шодие пиромани ӯ.
Агар гардад ҷаҳон дарёи андӯҳ,
Барорад мавҷҳои ғусса чун кӯҳ,
Аз он нам домани ӯ тар нагардад,
В-аз андӯҳе, ки дорад, барнагардад.
В-агар ҷашни тараб созад замона,
Диҳад рӯ айшҳои ҷовидона.
Фурӯ печад аз он ҷашни тараб рӯй,
Нахоҳам кам ғами ӯ як сари мӯй.
Зулайхо буд мурғе меҳнатоҳанг,
Ҷаҳон чун хонаи мурғон бар ӯ танг,
Дар он рӯзе, ки давлат ёр будаш,
Ҳарими хона чун гулзор будаш,
Азизаш буд бар сар соягустар,
Ниҳоле буд раъно, сояпарвар,
Ҳама асбоби ишрат ҷамъ медошт,
Рухе афрӯхта чун шамъ медошт,
Ғами Юсуф зи ҷони ӯ намерафт,
Ҳадисаш аз забони ӯ намерафт.
Дар ин вақте, ки рафт аз сар Азизаш,
Намонд асбоби давлат ҳеҷ чизаш.
Хаёли рӯи Юсуф ёри ӯ буд,
Аниси хотири афгори ӯ буд.
Ба ёдаш рӯй дар вайронае кард,
Ватан дар кунҷи меҳнатхонае кард.

Намехӯрд аз фироқи ӯ, намехуфт,
Зи дида хун ҳамебориду мегуфт:
«Хуш он, к-аз бахт бархурдор будам,
Даруни як саро бо ёр будам.
Диле бе ёр аз ҳирмони дидор,
Ҷамолаш дидаме ҳар рӯз сад бор.
Аз он давлат чу бахтам сохт маҳрум,
Ба зиндон кардамаш мазлуму марҳум.
Ба шаб пинҳон ба зиндон бурдаме роҳ,
Тамошо кардаме он рӯи чун моҳ.
Ба рӯзам занги ғам аз дил зидудӣ,
Дару девори он манзил, ки будӣ.
Манам имрӯз аз инҳо дур монда,
Ба дил ранҷа, ба тан ранҷур монда.
Надорам з-ӯ ба ҷуз дар дил хаёле
В-аз ӯ холӣ наям дар ҳеҷ ҳоле.
Хаёлаш гар равад, чун зинда монам,
Ки дар қолаб хаёли ӯст ҷонам».
Ҳамегуфт ин ҳадису оҳ мезад,
Зи оҳ оташ ба меҳру моҳ мезад.
Чу мадди оҳ доим дуди оҳаш,
Ба фарқи сар шудӣ чатри сиёҳаш.
Зи хуршеди ҳаводис ҳеҷ гоҳе
Набудӣ ғайр аз он чатраш паноҳе.
Набуд он чатр, к-аш болои сар буд,
Фалакро аз хаданги ӯ сипар буд.
Хадангашро гар он монеъ нагаштӣ,
Зи сандуқи фалак паррон гузаштӣ,
Зи мижгон дам ба дам хуноб мерехт.
Магар хуноб хуни ноб мерехт?
Чу буд аз тоби дил сӯзон таби ӯ,
Мижа мерехт обе бар лаби ӯ.
Намешуст аз рух он хуноба гӯӣ,
Аз он хуноба будаш сурхрӯӣ.

Чу з-он хуноба рухро ғоза кардӣ,
Ба дил ақди муҳаббат тоза кардӣ.
Ба рӯи кор н-овардӣ дами нақд,
Ба ҷуз хуни ҷигар кобини он ақд.
Гаҳе кандӣ ба нохун рӯи гулгун,
Чу чашми худ кушодӣ чашмаи хун.
Зи сурхӣ ҳар яке будӣ давоте,
Навиштӣ аз ғамаш хатти наҷоте.
Гаҳе сина, гаҳе дил мехарошид,
Зи ҷон ҷуз нақши ҷонон метарошид.
Ҳамезад бар сари зону кафи даст,
Суманро ранги нилуфар ҳамебаст,
Ба меҳри дӯст яъне дарх(в)арам ман,
Гар ӯ хуршед шуд, нилуфарам ман.
Чу бошад офтоби ховарӣ ёр,
Маро набвад ба ҷуз нилуфарӣ кор.
Ба дил ҳамчун санавбар кӯфтӣ мушт,
Ба сони найшакар хоидӣ ангушт,
Кафаш, к-аз ҳар нигоре доштӣ ор,
Нигорин гаштӣ аз ангушти афкор.
Зи ангуштони хунин хома кардӣ,
Зи кофурӣ кафи худ нома кардӣ.
Даруни нома ҳарфи ғам навиштӣ,
Бурун з-ин ҳарф чизе кам навиштӣ.
Вале з-он нома ҳаргиз достонаш
Нахондӣ дилбари нанвиштахонаш.
Фаровон солҳо кори вай ин буд,
Зи ҳиҷрон ранҷу тимори вай ин буд,
Ҷавонӣ тира гашт аз чархи пираш,
Ба ранги шир шуд мӯи чу қираш.
Баромад субҳу шаб ҳангома барчид,
Ба мушкистони ӯ кофур борид.
Гурезон гашт зоғ аз тири тақдир,
Ба ҷои зоғ шуд бум ошёнгир.

Набошад ёд пириро дар ин боғ,
К-аз ин сон бум гирад хонаи зоғ.
Сиёҳиро сиришк аз наргисаш шуст,
Зи наргисзори чашмаш ёсумин руст.
Ба шодӣ зери ин токи каҷоин
Сияҳ пӯшидияш чашми ҷаҳонбин.
Чу мотамдор гашт аз ноумедӣ,
Чаро рафт аз сиёҳӣ дар сапедӣ?
Зи нодонон магар будаш намуна,
Ки бошад кори нодон бозгуна.
Ба рӯи тоза чун гул чинаш афтод,
Шикан дар сафҳаи насринаш афтод.
Зи ноз он чин, ки афкандӣ дар абрӯ,
Фитодӣ чун сипар бе ноз дар рӯ.
Надорад кас дар ин баҳри куҳан ёд,
Ки гирад об чин бе ҷунбиши бод.
Вале гар бод будӣ, гар набудӣ,
Раҳи чун моҳи ӯ пурчин намудӣ,
Саҳисарваш зи бори ишқ хам шуд,
Сараш чун ҳалқа ҳамрози қадам шуд,
На сар, не пой буд аз бахти вожун
Зи базми васл ҳамчун ҳалқа берун.
Дар ин намдида хок аз хуни мардум
Чу шуд сармояи бинояш гум,
Ба пушти хам аз он будӣ сараш пеш,
Ки ҷустӣ гумшуда сармояи хеш.
Ба сар бурдӣ дар он вайрон маҳу сол,
Сараш з-афсар тиҳӣ, пояш зи халхол.
Тиҳӣ аз ҳуллаҳои атласаш дӯш,
Сабук аз донаҳои гавҳараш гӯш.
Муаттал[1] гардан аз тавқи мурассаъ,
Муарро[2] ораз аз зарбафт бурқаъ.

---

[1] Муаттал—бекор, монда, озод.
[2] Муарро—бараҳна, кушода.

Ба зери пахлу аз хокаш ниҳолин,
Изори нозукашро хишт болин.
Ба меҳри Юсуфаш аз хок бистар
Беҳ аз маҳди ҳарири ҳургустар.
Ба ёди ӯ ба зери рӯй хишташ,
Мураббаъ болише буд аз биҳишташ,
Дар ин меҳнат, к-аз ӯ як шамма гуфтам,
Бар шарҳаш гавҳари сад нукта суфтам.
Нарафтӣ ғайри Юсуф бар забонаш,
Набудӣ ғайри ӯ ороми ҷонаш.
Дар он вақте, ки ганҷу симу зар дошт,
Ҳазорон ҳуққа пурдурру гуҳар дошт.
Зи ҳар кас қиссаи Юсуф шунидӣ,
Ба пояш ганҷи симу зар кашидӣ,
Даҳонашро чу дурҷе аз гуҳар пур,
Лаболаб сохтӣ аз гавҳару дур.
Бад-ин бахшиш, ки будаш кор пайваст,
Шуд аз симу зару гавҳар тиҳидаст.
Ба пашмин ҷома мискин гашт хурсанд,
Бар он аз лифи хурмо шуд камарбанд.
Хабаргӯён зи Юсуф лаб бибастанд,
Паси зонуи хомӯшӣ нишастанд.
Гузашт он, к-аз лаби ҳар соҳиби ҳуш
Зи Юсуф ёфтӣ қут аз раҳи гӯш.
Бар он шуд, то зи бекутӣ раҳад боз,
Кунад бар роҳи Юсуф хонае соз,
Ки чун афтад гузар гоҳе ба роҳаш,
Пазирад қуввати зод аз сипоҳаш.
Зиҳӣ бечора он азпофитода,
Зимоми ихтиёр аз даст дода,
Зи васли хони ҷонон боз монда,
Навои айши ӯ носоз монда,
Набошад қуввате аз бӯи ёраш,
Наёбад қуввате пайки диёраш.

Гаҳе бо бод аз вай роз гӯяд,
Гаҳ аз мурғе нишонаш бозҷӯяд,
Чу бинад раҳраве дар раҳгузоре,
Ба рӯяш аз раҳи ғурбат ғуборе,
Бибӯсад пои ӯ, к-аз шаҳри ёр аст,
Бишӯяд гарди ӯ, к-ӯ з-он диёр аст.
В-агар султонаш аз роҳе савора
Барояд, набвадаш тоби назора,
Шавад хуррам ба хоку гарди роҳаш,
Нишинад хуш ба овози сипоҳаш.

### Омадани Зулайхо ба сари роҳи Юсуф ва аз най хона сохтан, то аз овози гузаштани сипоҳи вай хурсандӣ ёбад

Зулайхоро зи танҳоӣ чу ҷон кост,
Ба роҳи Юсуф аз най хонае сохт.
Бад-ӯ карданд найбасте ҳавола,
Чу мусиқор пурфарёду нола.
Чу кардӣ аз ҷудоӣ нола оғоз,
Ҷудо бархостӣ аз ҳар най овоз.
Чу аз ҳаҷр оташ андар вай гирифтӣ,
Зи оҳаш шуъла андар най гирифтӣ.
Дар он найбаст буд афтода хаста,
Чу сайде тирҳо гирдаш нишаста.
Вале аз завқи ишқаш чун асар буд,
Бад ӯ ҳар тир гӯӣ найшакар буд.
Ба охур дошт Юсуф девзоде
Сипеҳрандозае, гардунниҳоде,
Таковар аблақе чун чархи фирӯз,
Зи шаб баста ҳазорон васла бар рӯз.

Зи нуру зулмат андар вай нишона,
Баробар чун шабу рӯзи замона.
Гиреҳ бар хӯшаи чарх аз думи ӯ,
Шикан дар косаи бадр аз суми ӯ.
Ба ҳар суммаш ҳилоле баста аз зар,
Зи сими ахтари рахшон мусаммар.
Ба захми сум чу санги хора хастӣ,
Зи ҳар моҳи наваш сайёра ҷастӣ,
Агар наълаш буридӣ дар такудав,
Ба чарх-андар нишастӣ чун маҳи нав.
Гузаштӣ дар шикористони нахчир
Парон аз паҳлуи нахчир чун тир.
Гар аз майдон шудӣ аз ғарб то шарқ,
Ба як ҷастан паридӣ гарм чун барқ.
Агар гурдаш на бозу пас кашидӣ,
Ба гардаш боди сарсар кай расидӣ?
Ба роҳ арчи шудӣ пурқатра аз хай,
Надида ҳеҷ кас як қатра аз вай.
Ба хуш рафтан дар он хай будияш майл,
Чу он гирд омада аз қатраҳо сайл,
Чу ганҷе буд аз гавҳар равона,
Барӣ з-осеби мори тозиёна,
Бар охур гар шудӣ рому фурӯтан,
Гирифтӣ хидматаш гардун ба гардан.
Бидодиш, ар даровардӣ ба он сар,
Ба сатли[1] моҳ об аз чашмаи х(в)ар.
Муҳайё сохтӣ дар ҳар шабонгоҳ
Ҷаваш аз сунбула в-аз Каҳкашон коҳ.
Зи шаъри чашмадори шаб маҳу сол
Паи ҷав карданаш омода ғирбол.
Зи Сидра субҳаҳон мурғон гузидӣ,
Ки то санг аз ҷаваш он дона чидӣ.

---

[1] Сатл—гунаи адабии «сатил».

Дупайкар буд аз зинаш мисоле,
Рикоб аз ҳар тараф тобон ҳилоле.
Чу Юсуф дар ҳилолаш пой кардӣ,
Чу моҳ андар дупайкар ҷой кардӣ,
Кашидӣ зери рони ӯ сахиле,
Ки рафтӣ ҳар тараф азъоф[1] миле.
Ба ҳар ҷо ҳар кӣ бишнидӣ сахилаш,[2]
Набудӣ ҳоҷати кӯси раҳилаш.
Шитобон сӯи он шоҳ омадандӣ,
Чу сайёра паи моҳ омадандӣ,
Зулайхо низ чун онро шунидӣ,
Аз он найбасти худ берун давидӣ.
Ба ҳасрат бар сари роҳаш нишастӣ,
Хурӯшон бар гузаргоҳаш нишастӣ,
Чу бе Юсуф расидӣ хайле аз роҳ,
Ба танзаш[3] кӯдакон кардандӣ огоҳ,
Ки инак даррасид аз роҳ Юсуф,
Ба рӯи рашки меҳру моҳ Юсуф,
Зулайхо гуфтӣ: «Аз Юсуф дар инон
Намеёбам нишон, эй нозанинон!
Ба дил з-ин танз мапсандед доғам,
Ки н-ояд бӯи Юсуф дар димоғам.
Ба ҳар манзил, ки он дилдор гардад,
Ҷаҳон пурнофаи Тотор гардад.
Ба ҳар маҳмил, ки он ҷонон нишинад,
Шамимаш дар машоми ҷон нишинад».
Чу Юсуф даррасидӣ бо гурӯхе,
К-аз эшон дар дил афтодӣ шукӯҳе,
Бигуфтандӣ, ки аз Юсуф хабар нест,
Дар ин қавм аз қудуми ӯ асар нест,

---

[1] Азъоф—дучандон, ду баробар.
[2] Сахил—овози асп.
[3] Танз—писханд, тамасхур.

Бигуфтӣ: «Дар фиреби ман макӯшед,
Қудуми дӯстро аз ман мапӯшед.
Буте, к-аш шоҳи мулки ҷон тавон дошт,
Қудумашро куҷо пинҳон тавон дошт?!
Насимаш боғи ҷонро тоза созад,
На танҳо ҷон, ҷаҳонро тоза созад.
Чу ҷонро тозагӣ ҳамроҳ гардад,
Аз он ҷонтозакун огоҳ гардад».
Чу кардӣ гӯш он ҳайрони маҳҷур,
Зи човушон навои «дур шав, дур!»
Задӣ афғон, ки ман умрест дурам,
Ба сад меҳнат дар ин дурӣ сабурам.
Набошад беш аз инам тоби дурӣ,
Наҷӯям дурӣ, илло аз сабурӣ.
Зи ҷонон то ба кай маҳҷур бошам?
Ҳамон беҳтар, ки аз худ дур бошам.
Бигуфтӣ ину беҳуш уфтодӣ.
Зи худ карда фаромӯш уфтодӣ,
Зи ҷоми беҳудӣ аз даст рафтӣ.
Чунон бехуд дар он найбаст рафтӣ,
Дар он найҳо чу дам аз ҷони ношод
Дамидӣ, хостӣ афғону фарёд.
Бад-ин дастур будӣ рӯзгоре,
Набудӣ ғайр аз инаш кору боре.

**Гирифтани Зулайхо сари роҳи Юсуф ва илтифот ноёфтан, баъд аз он ба хона рафтан ва бутро шикастан ва имон овардан, пас ба сари роҳи вай омадан ва илтифот ёфтан**

Надонад ошиқи бедил қаноат,
Физояд ҳирси вай соат ба соат.
Ду дам набвад ба як матлубаш ором,
Ба ҳар дам дар талаб бартар ниҳад гом.
Чу ёбад бӯи гул, хоҳад, ки бинад,
Чу бинад рӯи гул, хоҳад, ки чинад.
Зулайхо кард баъд аз раҳнишинӣ
Ҳавои давлати дидорбинӣ,
Шабе сар пеши он бут бар замин суд,
Ки умре дар парастишкорияш буд,
Бигуфт: «Эй қиблаи ҷонам ҷамолат,
Сари ман дар ибодат поймолат,
Туро умрест, к-аз ҷон мепарастам,
Бурун шуд гавҳари биниш зи дастам,
Ба чашми худ бибин расвоиямро,
Ба чашмам боз деҳ биноиямро.
Зи Юсуф чанд бошам монда маҳҷур?
Бидеҳ чашме, ки рӯяш бинам аз дур.
Маро дар ҳеҷ вақтею мақоме
Ба ҷуз дидори Юсуф нест коме.
Бидеҳ коми маро, чун метавонӣ,
Чу додӣ коми ман, дигар ту донӣ.
Дар ин ҷонсахтиям мапсанд чандин,
Бад-ин бадбахтиям мапсанд чандин.
Чӣ умр аст ин, ки нобудан аз ин беҳ,
Раҳи нобуд паймудан аз ин беҳ».
Ҳамегуфт ину бар сар хок мекард,
Зи гиря хокро намнок мекард,

Чу шоҳи хур ба тахти ховар омад.
Саҳили аблақи Юсуф баромад.
Бурун омад Зулайхо чун гадое,
Гирифт аз роҳи Юсуф тангное.
Ба расми додхоҳон дод бардошт,
Зи дил нола, зи ҷон фарёд бардошт.
Зи бас бар осмон мешуд зи ҳар сӯй
Нафири ҷовушони таррикугӯй[1].
Зи бас бар гӯшҳо мезад зи ҳар ҷой
Саҳили маркабони бодпаймой,
Кас аз ғавғо ба ҳоли ӯ наяфтод,
Ба ҳоле шуд, ки ӯро кас мабинод!
Зи навмедӣ диле садпора гашта,
Зи кӯи хуррамӣ овора гашта.
Зи дарди дил фиғон мекарду мерафт,
Зи оҳ оташфишон мекарду мерафт,
Ба меҳнатхонаи худ чун пай овард.
Дусад шуъла ба як мушти най овард,
Ба пеш овард он сангин санамро,
Забон бикшод таскини аламро,
Ки эй санги сабӯи иззу ҷоҳам,
Ба ҳар роҳе ки бошам, санги роҳам.
Шуд аз ту роҳи бахтам танг дар дил,
Сазад гар аз ту кӯбам санг бар дил.
Ба пеши рӯи ту чун саҷда бурдам,
Ба сар роҳи ваболи худ сипурдам,
Ба гиря аз ту ҳар коме, ки ҷустам,
Зи коми ҳар ду олам даст шустам.
Ту сангӣ, хоҳам аз нанги ту растан,
Ба санге гавҳари қадрат шикастан!
Бигуфт ин, пас ба захми санги хора
Халилосо шикасташ пора-пора.
Чу бишкасташ ба чолокию чустӣ,
Ба кораш з-он шикаст омад дурустӣ.

---

[1] Таррику—калимаи амр; роҳ бидиҳед, роҳро холӣ кунед.

Зи шуғли бут шикастан чун бипардохт,
Ба оби чашму хуни дил вузӯ сохт.
Тазарруъ карду рӯ бар хок молид
Ба даргоҳи Худои пок нолид,
Ки эй ишқи туро аз зердастон,
Бутону бутгарону бутпарастон!
Агар не акси ту бар бут фитодӣ,
Ба пеши бут касе кай сар ниҳодӣ?
Дили бутгар ба меҳри худ харошӣ,
Аз онаш афканӣ дар буттарошӣ.
Касе дар пеши бут афтода паст аст,
Ки гӯяд бутпараст эзадпараст аст.
Агар рӯ бар бут овардам, Худоё,
Ба он бар худ ҷафо кардам, Худоё!
Ба лутфи худ ҷафои ман биёмурз,
Хато кардам, хатои ман биёмурз!
Зи бас роҳихатопаймой аз ман,
Ситондӣ гавҳари биной аз ман.
Чу он гарди хато аз ман фишондӣ
Ба ман деҳ боз, он ч-аз ман ситондӣ.
Бувад дил фориғ аз доғи таассуф,
Бичинам лолае аз боғи Юсуф.
Чу баргашт аз раҳ он бар мисриён шоҳ,
Гирифт афғонкунон бозаш сари роҳ,
Ки, поко, он ки шаҳро сохт банда,
Зи зуллу аҷз кардаш сарфиканда.
Ба фарқи бандаи мискини муҳтоҷ
Ниҳод аз иззу ҷоҳи хусравӣ тоҷ,
Чу ҷо кард ин сухан дар гӯши Юсуф,
Бирафт аз ҳайбати он ҳуши Юсуф.
Ба ҳоҷиб гуфт, к-ин тасбеҳхонро,
Ки бурд аз ҷони ман тобу тавонро,
Ба хилватхонаи хоси ман овар,
Ба ҷавлонгоҳи ихлоси ман овар,

Ки то як шамма аз ҳолаш бипурсам,
В-аз ин идбору иқболаш бипурсам,
К-аз он тасбеҳ чун шӯру шағаб кард,
Аҷаб мондам, ки таъсире аҷаб кард.
Гараш дарде на домангир бошад,
Каломашро кай он таъсир бошад?
Дусад ҷон хоки дарёбанда шоҳе,
Ки дарёбад ба оҳе ё нигоҳе.
Фурӯғи сидқи содиқ додхоҳон
Музаввир[1] қиссаи гумкардароҳон,
Шавад мар субҳи содиқро табошир,[2]
Музаввирро диҳад подоши тазвир.
На чун шоҳони даври ин замона,
Ки меҷӯянд баҳри зар баҳона,
Зи ҳар золим, ки як динор ранг аст,
В-агар зуд аст, сад кас зери санг аст,
Зи динори зараш сад сурхрӯист.
Тазаллум кардан аз вай ҳарзагӯист.

### Омадани Зулайхо ба хилватхонаи Юсуф ва ба дуои вай бинонию ҷамолу ҷавонӣ боз ёфтан

Аз он хуштар чӣ бошад пеши ошиқ,
Ки гардад ёр некандеши ошиқ,
Ба хилватгоҳи розаш бор ёбад,
Зи бораш сина беозор ёбад.
Ба пеши ӯ нишинад, роз гӯяд,
Ҳикоятҳои дерин бозгӯяд!
Зи ғавғои сипаҳ чун раст Юсуф,
Ба хилватгоҳи худ биншаст Юсуф.

---

[1] Музаввир—дурӯғгӯ, дурӯғпардоз.
[2] Табошир—як навъ доруи сафедранг, ки баъзан шуаро чизеро ба ҳамин нисбат медоданд.

Даромад ҳоҷиб аз дар, к-эй ягона,
Ба хӯи нек дар олам фасона,
Ситода бар дар инак он зани пир,
Ки дар раҳ маркабатро шуд инонгир.
Маро гуфтӣ, ки бо вай бош ҳамроҳ,
Ба ҳамроҳӣ расонаш то ба даргоҳ.
Бигуфто: «Ҳоҷати ӯро раво кун,
Агар дардеш ҳаст, онро даво кун».
Бигуфт: «Ӯ нест з-он сон кӯтаҳандеш,
Ки бо ман бозгӯяд ҳоҷати хеш».
Бигуфто: «Рухсаташ деҳ, то дарояд,
Ҳиҷоб аз ҳоли худ ҳам худ кушояд».
Чу рухсат ёфт, ҳамчун зарра раққос
Даромад шодмон дар хилвати хос.
Чу гул хандон шуду чун ғунча бишкуфт,
Даҳон пурханда бар Юсуф дуо гуфт.
Зи бас хандиданаш Юсуф аҷаб кард.
Зи вай ному нишони вай талаб кард,
Бигуфт: «Онам, ки чун рӯи ту дидам,
Туро аз ҷумла олам баргузидам,
Фишондам ганҷу гавҳар дар баҳоят,
Дилу ҷон вақф кардам бар ҳавоят,
Ҷавонӣ дар ғамат бар бод додам,
Бад-ин пирӣ, ки мебинӣ, фитодам.
Гирифтӣ шоҳиди мулк андар оғӯш,
Маро якборагӣ кардӣ фаромӯш»,
Чу Юсуф з-ин сухан донист, к-ӯ кист,
Тараҳҳум карду бар вай зор бигрист,
Бигуфто:«Эй Зулайхо, ин чӣ ҳол аст,
Чаро ҳолат бад-ин сон дар вабол аст?»
Чу Юсуф гуфт бо вай: «Э Зулайхо»,
Фитод аз по Зулайхо бе Зулайхо.
Шароби бехудӣ зад аз дилаш ҷӯш,
Бирафт аз лаззати овозаш аз ҳуш.

Чу боз аз бехудӣ омад ба худ боз,
Ҳикоят кард бо вай Юсуф оғоз.
Бигуфто: «Ку ҷавонию ҷамолат?»
Бигуфт: «Аз даст шуд дур аз висолат».
Бигуфто: «Хам чаро шуд сарви нозат?»
Бигуфт: «Аз бори ҳаҷри ҷонгудозат».
Бигуфто: «Чашми ту бенур чун аст?»
Бигуфт: «Аз баски бе ту ғарқи хун аст».
Бигуфто: «Ку зару симе, ки будат?
Ба фарқ он тоҷу дайҳиме ки будат?»
Бигуфт: «Аз ҳусни ту ҳар кас сухан ронд,
Зи васфат бар сари ман гавҳар афшонд,
Сару зарро нисори пош кардам,
Ба гавҳарпошияш подош кардам,
Ниҳодам тоҷи ҳашмат бар сари ӯ,
Гирифтам афсар аз хоки дари ӯ.
Намонд аз симу зар чизе ба дастам,
Кунун дил ганҷи ишқ, инам, ки ҳастам».
Бигуфто: «Ҳоҷати ту чист имрӯз?
Замони ҳоҷати ту кист имрӯз?»
Бигуфт: «Аз ҳоҷатам озурдаҷонӣ,
Нахоҳам ҷуз ту ҳоҷатро замонӣ.
Агар зомин шавӣ онро ба савганд,
Ба шарҳи он кушоям аз забон банд.
В-агар не, лаб зи шарҳи он бибандам,
Ғаму дарди дигар бар худ писандам».
«Қасам,–гуфто,—ба он кони фатувват[1],
Ба он меъмори аркони набувват,
К-аз оташ лолаву райҳон дамидаш,
Либоси хилъат аз Яздон расидаш,
Ки ҳар ҳоҷат, ки имрӯз аз ту донам,
Раво созам ба зудӣ, гар тавонам».

---

[1] Футувват—саховат, карам, ҷавонмардӣ.

Бигуфт: «Аввал ҷамол асту ҷавонӣ,
Бад-он гуна, ки худ дидию донӣ,
Дигар чашме, ки дидори ту бинам,
Гуле аз боғи рухсори ту чинам».
Биҷунбонид лаб Юсуф дуоро,
Равон кард аз ду лаб оби бақоро.
Ҷамоли мурдаашро зиндагӣ дод,
Рухашро талъати фархундагӣ дод,
Ба ҷӯи рафта боз овард обаш,
В-аз он шуд тоза гулзори шабобаш,
Зи кофураш баромад мушки Тотор,
Зи субҳаш ошкоро шуд шаби тор.
Сапедӣ шуд зи мушкин туррааш дур,
Даромад дар саводи наргисаш нур.
Ҳам аз сарви гуландомаш бурун рафт,
Шикан аз нуқраи хомаш бурун рафт.
Ҷавонӣ пирияшро гашт ҳола,
Пас аз чилсолагӣ шуд ҳаждасола.
Ҷамолашро сару кори дигар шуд,
Зи аҳди пештар ҳам бештар шуд,
Дигар раҳ Юсуфаш гуфт: «Эй накӯхӯй,
Муроди дигарат гар ҳаст, баргӯй».
«Мураде нест,--гуфто,--ғайр аз инам,
Ки дар хилватгаҳи васлат нишинам.
Ба рӯз андар тамошои ту бошам,
Ба шаб рӯ бар кафи пои ту бошам,
Фитам дар сояи сарви баландат,
Шакар чинам зи лаъли нӯшхандат,
Ниҳам марҳам дили афгори худро,
Ба коми хеш бинам кори худро.
Ба кишти худ, ки пажмурдасту дарҳам
Диҳам аз чашмасори суҳбатат нам».
Чу Юсуф ин таманно кард аз ӯ гӯш,
Замоне сар ба пеш афканд хомӯш.

Назар бар ғайб будаш интизорӣ,
Ҷавоби ӯ на «не» гуфту на «оре».
Миёни хост ҳайрон буду нохост,
Ки овози пари Ҷабрил бархост,
Паём овард, к-эй шоҳи шарафнок,
Саломат мерасонад Эзади пок,
Ки мо оҷиз Зулайхоро чу дидем,
Ба ту арзи ниёзашро шунидем,
Зи мавҷангезии он аҷзу кӯшиш
Даромад баҳри бахшоиш ба ҷӯшиш,
Дилаш аз теғи навмедӣ нахастем,
Ба ту болои аршаш ақд бастем.
Ту ҳам ақдеш кун ҷовид пайванд,
Ки бикшояд ба он аз кори ӯ банд,
Зи айни отифат ёбӣ назарҳо,
Шавад зоянда з-он ақдат гуҳарҳо.

**Никоҳ бастани Юсуф Зулайхоро ва зифоф кардан бо вай**

Чу фармон ёфт Юсуф аз Худованд,
Ки бандад бо Зулайхо ақди пайванд,
Асос андохт ҷашни хусравона,
Ниҳод асбоби ҷашн андар миёна,
Шаҳи Мисру сарони мулкро хонд,
Ба тахти иззу садри чоҳ биншонд.
Ба қонуни халилу дини Яъқуб,
Бар оини ҷамилу сурати хуб
Зулайхоро ба ақди худ даровард,
Ба иқди хеш якто гавҳар овард.
Нисорафшон бар ӯ маҳ то ба моҳӣ,
Муборакбодгӯ шоҳу сипоҳӣ.
Ба расми маъзарат Юсуф ба по хост,
Ба маҷлис ҳозиронро узрҳо хост,

Зулайхоро ба пурсиш сохт дилшод,
Ба хилватхонаи хосаш фиристод.
Парасторон ҳама пешаш давиданд,
Сару афсар ҳама пешаш кашиданд.
Хурӯшон аз ҷамоли дилфиребаш,
Ба зикраш ҷомаҳо доданд зебаш.
Чу ҳою ҳуи мардум ёфт ором,
Ба манзилгоҳи худ зад ҳар касе гом.
Арӯси маҳ никоби анбарин баст,
Зарафшон парда бар рӯи замин баст.
Ба фирӯзӣ бар ин фирӯза торум
Чароғафрӯз шуд гетӣ зи анҷум.
Фалак икди Сурайё аз бар овехт,
Шафақ ёқути тар бо гавҳар омехт,
Ҷаҳонро шаъри шаб шуд пардаи роз,
Дар он парда ҷаҳоне розпардоз,
Ба хилват маҳрамон бо ҳам нишастанд,
Ба рӯи ғайр мишкин парда бастанд,
Зулайхо мунтазир дар пардаи хос,
Дили ӯ аз тапиш дар парда раққос,
Ки ин ташна, ки бар лаб дида об аст,
Ба бедорист ё Раб, ё ба хоб аст.
Шавад з-ин ташнагӣ сероб ё не,
Нишинад аз дилаш ин тоб ё не?!
Гаҳе пуроб чашмаш з-ашки шодӣ,
Гаҳе пурхун зи бими номуродӣ,
Гаҳе гуфтӣ, ки ман бовар надорам,
Ки гардад хуш бад-ин сон рӯзгорам.
Гаҳе гуфтӣ, ки лутфи дӯст ом аст,
Зи лутфи дӯст навмедӣ ҳаром аст.
Аз ин андеша хотир дар кашокаш,
Гаҳе хуш буд он ҷо, гоҳ нох(в)аш.
Зи ногаҳ дид, к-аз дар парда бархост,
Маҳе бепарда манзилро биёрост.

Зулайхоро назар чун бар вай афтод,
Тамошои ваяш пай дар пай афтод.
Бурун бурд аз худаш ишроқи[1] он нур,
Зи нури хур зуломи соя шуд дур.
Чу Юсуф он муҳаббаткешияш дид,
Зи дидори худ он бехешияш дид,
Зи раҳмат ҷой бар тахти зараш кард,
Канори хеш болини сараш кард,
Ба буди худ ба ҳуш овард бозаш,
Ба бедорӣ кашид аз хоби нозаш,
Ба он рӯе, к-аз ӯ мебаст дида,
В-аз ӯ мебуд умре дилрамида,
Чу чашм андохт, рӯе дид зебо
Ба сони нақши Чин бар рӯи дебо.
Чу рӯи ҳури ин матбӯъу мақбул,
Рухаш з-ороиши машшота маъзул,
Назар чун ёфт бар дидан қарораш,
Инонкаш шуд суи бӯсу канораш,
Ба дандон қанд унноби тарашро,
Ба лаб бӯсид ширин шаккарашро.
Чу буд аз баҳри он фархунда меҳмон,
Ду лаб бар хони васли ӯ намакдон,
Аз он рӯ кард аввал бӯсаро соз,
Ки бар хон аз намак беҳ бошад оғоз.
Намак чун шӯри шавқаш бештар кард,
Ду соид дар миёни ӯ камар кард.
Ба зери он камар нобурда ранҷе,
Нишоне ёфт аз ноёб ганҷе.
Миён баста талабро чобуку чуст,
Аз он ганҷи гуҳар дурҷи гуҳар ҷуст.
Ниҳодаш пеш он сарви гуландом
Муқаффал ҳуққае аз нуқраи хом.

[1] Ишроқ—дурахшидан ва равшан шудан.

На хозин бурда сӯи ҳуққа дасте,
На хоин дода қуфлашро шикасте.
Калиди ҳуққа аз ёқути тар сохт,
Кушодаш қуфлу дар вай гавҳар андохт.
Кумайташ[1] гом зад дар арсаи танг,
Зи бас омад-шудан шуд оқибат ланг.
Чу нафси саркаш аввал тавсанӣ[2] кард,
Дар охир тарки моию манӣ кард.
Шабонгаҳ ташнае бархост аз хоб,
Ба симинбар, ки сар дарзад паи об,
Шуд аввал ғарқа в-охир бо хушӣ ҷуфт,
Бурун омад, ба ҷои хештан хуфт.
Ду ғунча аз ду гулбун бардамида,
Зи боди субҳдам бо ҳам расида,
Яке нашкуфтаву дигар шукуфта,
Ниҳуфта ношукуфта дар шукуфта.
Чу Юсуф гавҳари носуфтаро дид,
Зи боғаш ғунчаи нашкуфтаро чид.
Бад-ӯ гуфт: «Ин гуҳар носуфта чун монд,
Гул аз боди саҳар нашкуфта чун монд?»
Бигуфто: «Ҷуз Азизам кас надидаст,
Вале ӯ ғунчаи боғам начидаст.
Ба роҳи ҷоҳ агарчи тезтаг буд,
Ба вақти комронӣ сустраг буд.
Ба тифлӣ-дар, ки хобат дида будам,
Зи ту ному нишон пурсида будам,
Бисоти марҳамат густурда будӣ.
Ба ман ин нақдро биспурда будӣ,
Зи ҳар кас доштам ин нақдро пос,
Назад бар гавҳарам кас нӯки алмос.
Биҳамдиллаҳ, ки ин нақди амонат,
Ки кӯтаҳ монд аз он дасти хиёнат,

---

[1] Кумайт—аспе, ки рангаш байни сиёҳӣ ва сурхӣ бошад.
[2] Тавсанӣ—саркашӣ.

Дусад бор арчи теғи бим х(в)ардам,
Ба ту бе офате таслим кардам».
Чу Юсуф ин суханро з-он паричеҳр
Шунид, афзуд аз онаш меҳр бар меҳр.
Бад-ӯ гуфт: «Эй ба ҳусн аз ҳури ин беш!
На ин беҳ, з-он чи меҷустӣ аз ин пеш?»
Бигуфт: «Оре, вале маъзур медор,
Ки ман будам зи дарди ошиқӣ зор.
Ба дил шавқе, ки поёне набудаш,
Ба ҷон дарде, ки дармоне набудаш,
Туро шакле бад-ин хубӣ, ки ҳастӣ,
К-аз ӯ ҳар дам физояд шӯри мастӣ,
Шикебоӣ набуд аз ту ҳади ман,
Бикаш домони афве бар бади ман.
Зи ҳарфе, к-аз камоли ишқ хезад,
Куҷо маъшуқ бо ошиқ ситезад!»

## Ғалаба кардани муҳаббати Зулайхо бар Юсуф ва бино кардани ибодатхона аз барои вай

Ба сидқ он кас, ки зад дар ошиқӣ гом,
Ба маъшуқӣ барояд охираш ном.
Кӣ омад дар тариқи ишқ содиқ,
Ки н-омад бар сараш маъшуқи ошиқ?
Зулайхоро чӣ сидқе буд дар ишқ,
Ки яксар умри худ фарсуд дар ишқ.
Ба тифлӣ-дар, ки луъбатбоз будӣ,
Ба наврас луъбатон дамсоз будӣ,
Паи бозӣ чу кардӣ чорасозӣ,
Набудӣ бозияш ҷуз ишқбозӣ,
Ду луъбатро, ки пеши ҳам нишондӣ,

Яке ошиқ, яке маъшуқ хондӣ.
Чу дасти чап зи дасти рост донист,
Раҳу расми нишасту хост донист,
Дар он хобе, ки дид аз бахти бедор,
Ба доми ишқ ки Юсуф шуд гирифтор.
Ҳавои мулки худ аз дил бадар кард,
Ба мулки Миср оҳанги сафар кард.
Зи шаҳри худ ба шаҳри Юсуф омад,
На баҳри худ, зи баҳри Юсуф омад.
Ҷавонӣ дар хаёли ӯ ба сар бурд,
Ба уммеди висоли ӯ ба сар бурд,
Ба пирӣ дар таманнои вай афтод,
Ба кӯрӣ дар тамошои вай афтод.
Пас аз пирӣ, ки бинову ҷавон шуд,
Ба меҳри рӯи он ҷони ҷаҳон шуд.
В-аз он пас дар ҳавояш зист, то зист,
Ба дил қайди вафояш зист, то зист
Чу сидқаш буд берун аз ниҳоят,
Дар охир кард дар Юсуф сироят,
Дили Юсуф ба меҳраш шуд чунон гарм,
Ки меомад аз он дилгармияш шарм.
Чунон зад роҳи дил он дилфиребаш,
Ки як соат намонд аз вай шикебаш.
Ба гирди хотираш гаштӣ ризоҷӯй,
Лабаш бар лаб ниҳодӣ, рӯй ба рӯй.
Зи бас кишти тараброоб додӣ,
Ба обаш дам ба дам ҳоҷат фитодӣ.
Вале з-ӯ бар Зулайхо парда бишкофт,
Зи хуршеди ҳақиқат партаве тофт.
Чунон хуршед дар вай уштулум[1] кард,
Ки Юсуфро дар ӯ чун зарра гум кард.
Бале, дар бӯтаи ишқи маҷозӣ
Гузашташ умр дар монеъгудозӣ,

[1] Уштулум--зӯр

Чу хуршеди ҳақиқат гашт толеъ,
Набудаш пеши дида ҳеҷ монеъ.
Кашишҳои ҳақиқат дар вай овехт,
Зи ҳар чӣ ногузираш буд, бигрехт,
Шабе аз чанги Юсуф шуд гурезон,
Халосӣ ҷуст аз ӯ афтону хезон.
Чу зад ӯ аз қафо дар домани ӯ,
Зи дасташ чок шуд пироҳани ӯ,
Зулайхо гуфт: «Агар ман бар тани ту
Даридам пеш аз ин пироҳани ту,
Ту ҳам пироҳанам акнун даридӣ,
Ба подоши гуноҳи ман расидӣ.
Дар ин кор аз тафовут беҳаросем,
Ба пироҳандарӣ раъсан ба раъсем.
Чу Юсуф рӯи ӯ дар бандагӣ дид,
В-аз он ниййт дилашро зиндагӣ дид,
Ба номи ӯ зи зар кошонае сохт,
На кошона, ибодатхонае сохт,
Чу коки осмон фирӯзахиште,
Замин аз лутфи вазъи ӯ биҳиште,
Пур аз нақшу нигор аз фарқ то сақф,
Муҳандисро бар ӯ фикру назар вақф,
Зи равзанҳош нури бахт тобон,
Зи дарҳо қосиди давлат шитобон,
Зи олиғурфаҳояш чашми бад дур,
Муқаввас тоқҳо чун абруи ҳур,
Зи акси шамсааш худ бурда моя,
Муҳол аз вай даруни хона соя.
Дамида з-оби килки некбахтон
Зи нахлистони девораш дарахтон,
Ба ҳар шохе аз он мурғон нишаста,
Валекин аз наво минқор баста.
Миёни хона зад фархунда тахте,
Зи зар лахте, зи лаъли ноб лахте.

Дусад нақши бадеъ ангехт аз вай,
Ҳазор овеза дур овехт аз вай.
Зулайхоро гирифт аз меҳри дил даст,
Нишондаш бар фарози тахту биншаст.
Бад-ӯ гуфт: «Эй ба анвои каромат
Маро шарманда карда то қиёмат,
Дар он вақте, ки меҳондӣ ғуломам,
Кароматхонае кардӣ ба номам.
Зи лаълу зар паи сурхию зардӣ
Ҳар он зинат, ки имкон дошт, кардӣ.
Кунун ман ҳам паи шукри атоят
Ибодатхонае кардам бароят.
Дар ӯ биншин паи шукри Худое,
К-аз ӯ дорӣ ба ҳар мӯе атое.
Тавонгар сохтат баъд аз фақирӣ,
Ҷавонӣ дод баъд аз заъфи пирӣ,
Ба чашми нуррафта нур додат,
В-аз он бар рӯ дари раҳмат кушодат,
Пас аз умре, ки заҳри ғам чашондат,
Ба тарёки висоли ман расондат».
Зулайхо ҳам ба тавфиқи илоҳӣ
Нишаста бар сарири подшоҳӣ,
Дар он хилватсаро мебуд хурсанд,
Ба васли Юсуфу фазли худованд.

**Хоб дидани Юсуф... модар ва падарро ва аз Худо... вафоти худ талабидан ва изтироби Зулайхо**

Зиҳӣ ҳасрат, ки ногаҳ некбахте
Кашад то пешгоҳи васл рахте,
Кашида шоҳиди давлат дар оғӯш,
Кунад андӯҳи ҳиҷронро фаромӯш,

Надида хотираш аз ғам ғуборе,
Ба шодӣ бигзаронда рӯзгоре,
Зи ногаҳ боди идборе бароянд,
Самуми ҳаҷрро коре бароянд.
Дароянд дар риёзи васл густох,
Дарахти орзуро бишканад шох.
Зулайхо чун зи Юсуф коми дил ёфт,
Ба васли доимаш ороми дил ёфт,
Ба дил хуррам, ба хотир шод мезист,
Зи ғамҳои ҷаҳон озод мезист,
Тамодӣ ёфт айёми висолаш,
Дар он давлат зи чил бигзашт солаш,
Паёпай дод он нахли барӯманд,
Бари фарзанд, бал фарзанди фарзанд,
Муроде аз ҷаҳон дар дил набудаш,
Ки бар хони амал ҳосил набудаш.
Шабе бинҳода сар Юсуф ба меҳроб,
Раҳи бедорияш зад раҳзани хоб.
Падарро дид, бо модар нишаста,
Ба рух чун ҳур ниқоби нур баста,
Нидо кардаанд, к-эй фарзанд, дарёб,
Кашид айёми дурӣ дер, биштоб.
Зи мо хоҳӣ, дар обу гил рақам нех,
Ба манзилгоҳи ҷону дил қадам нех,
Чу Юсуф ёфт бедорӣ аз он хоб,
Ба паҳлӯи Зулайхо шуд ба меҳроб,
Ҳадиси хобро бо вай баён кард,
В-аз он мақсудро бар вай аён кард,
Зи хобаш бо хаёли дурӣ афканд,
Ба ҷонаш оташи маҳҷурӣ афканд.
Вале Юсуф зи таври худ бурун шуд,
Ба иқлими бақо шавқаш фузун шуд.
Қадам з-ин тангнои оз бардошт,
Раҳи фусҳатсарои[1] роз бардошт,

---

[1] Фусҳат—фароҳӣ ва кушодагӣ.

Матои унс аз ин дайри фано бурд,
Ба меҳроби бақо дасти дуо бурд,
Ки эй, ҳоҷатравои мустамандон,
Басарафсарниҳи торакбаландон,
Ба фарқам тоҷи иқболе ниҳодӣ,
Ки ҳаргиз ҳеҷ муқбилро надодӣ.
Дилам з-ин кишвари фонӣ гирифтаст,
Зи тадбири ҷаҳонбонӣ гирифтаст.
Маро фориғ зи ман роҳе ба х(в)ад деҳ,
Мисоли шоҳии мулки абад деҳ.
Накӯкорон, ки роҳи дин гирифтанд,
Ба қурбу манзилат пешин гирифтанд
Бурун ор аз шумори вопасонам,
Ба иззи қурбати эшон расонам,
Зулайхо чун шунид ин роздорӣ,
Ба дил захме расидаш сахт корӣ.
Яқин донист, к-аз вай ин дуоро
Асар гардад ба зудӣ ошкоро.
Наёяд аз камони ӯ ҳаданге,
Ки дар таъсири он афтад диранге.
Қадам дар кулбае зад тираву танг,
Кушод аз якдигар гесӯи шабранг.
Ҳамекард аз ғами дурӣ ба сар хок,
Ҳамемолид пурхун чеҳра бар хок.
Зи шодӣ тоқу бо андӯҳу ғам ҷуфт,
Зи дида ашк мебориду мегуфт,
Ки эй дармони дарди дарднокон,
Ба марҳам хирқадӯзи синачокон,
Муроди хотири ҳар номуроде,
Кушода шашдари ҳар бекушоде,
Мафотеҳовари дарҳои баста,
Ҷабоирбанди дилҳои шикаста.
Халосибахши маҳҷурон зи андӯҳ,
Сабуксозандаи ғамҳои чун кӯҳ.

Гирифтори дили афгори хешам,
Аҷаб ҳайроншуда дар кори хешам,
Надорам тоқати ҳиҷрони Юсуф,
Зи тан каш ҷони ман бо ҷони Юсуф,
Нахоҳам бе ҷамолаш зиндагиро,
Ба мулки зиндагӣ poяндагиро.
Ниҳоли умр бебарг аст бе ӯ,
Ҳаёти ҷовидон марг аст бе ӯ.
Ба қонуни вафо некӯ набошад.
Ки ман бошам ба гетӣ, ӯ набошад,
Агар бо ман насозӣ ҳамраҳ ӯро,
Маро берун бар аввал, он гаҳ ӯро.
Намехоҳам, к-аз ӯ яксӯ нишинам,
Ҷаҳонро бе ҷамоли ӯ бибинам.
Ба сар бурд инчунин дар гиряву сӯз,
На шаброгуфт шаб, на рӯзро рӯз,
Бале, ҳар кас зи ғам дорад диле танг,
Шабу рӯзаш намояд ҳар ду якранг.

**Вафот ёфтани Юсуф**
**ва ҳалок шудани Зулайхо**
**аз алами муфорикати вай**

Ба дигар рӯз Юсуф бомдодон,
Ки шуд дилҳо зи файзи субҳ шодон,
Ба бар карда либоси шаҳрёрӣ,
Бурун омад ба оҳанги саворӣ.
Чу по дар як рикоб оварад, Ҷабрил
Бад-ӯ гуфто: «Макун з-ин беш таъҷил,
Амон набвад зи чархи умрфарсой,
Ки соя бар рикоби дигарат пой.
Инон бигсил зи омолу амонӣ,
Бикаш по аз рикоби зиндагонӣ».

Чу Юсуф ин башорат кард аз ӯ гӯш,
Зи шодӣ шуд бар ӯ ҳастӣ фаромӯш.
Зи шоҳӣ домани ҳиммат бияфшонд,
Яке аз ворисони мулкро хонд.
Ба ҷои худ шаҳи он марз кардаш,
Ба хислатҳои нек андарз кардаш.
Дигар гуфто: «Зулайхоро бихонед,
Ба миоди видои ман расонед».
Бигуфтанд: «Ӯ ба дасти ғам забун аст,
Фитода дар миёни хоку хун аст.
Надорад тоқати ин бор ҷонаш,
Ба кори хеш бигзор ончунонаш».
Бигуфто: «Тарсам, ин доғи ғаромат
Бимонад дар дили ӯ то қиёмат».
Бигуфтанд: «Эзадаш хурсанд дорад,
Ба хурсандӣ қавӣ пайванд дорад».
Ба каф Ҷабрил ҳозир дошт себе,
Ки боғи хулд аз он медошт зебе.
Чу Юсуфро ба даст он себ бинҳод,
Равон он себро бӯиду ҷон дод.
Бале, з-он накҳати боғи бақо ёфт,
Аз он накҳат ба сӯи боғ биштофт.
Чу Юсуфро аз он бӯ ҷон баромад,
Зи ҷони ҳозирон афғон баромад,
Зи бас боло гирифт овози фарёд,
Садо дар гунбади фирӯза афтод,
Зулайхо гуфт, к-ин шӯру фиғон чист?
Пур аз ғавғо замину осмон чист?
Бад-ӯ гуфтанд, к-он шоҳи ҷавонбахт
Ба сӯи тахта рӯ кард аз сари тахт.
Видои кулбаи танги ҷаҳон кард,
Ватан бар авҷи кохи ломакон кард,
Чу бишнид ин сухан, аз хештан рафт,
Фурӯғи нayйири[1] ҳушаш зи тан рафт.

[1] Наййир—дурахшон, офтоб

Зи ҳавли ин ҳадис он сарви чолок
Се рӯз афтод ҳамчун соя бар хок,
Чу чорум рӯз шуд з-он хоб бедор,
Самоъи[1] он зи худ бурдаш дигар бор.
Се бор ин сон се рӯз аз худ ҳамерафт,
Ба доғи синасӯз аз худ ҳамерафт.
Чаҳорум бор чун омад ба худ боз,
Зи Юсуф кард аввал пурсиш оғоз.
На аз вай бар сари бистар нишон ёфт,
На тобуташ ба он олам равон ёфт.
Ҷуз ин аз вай хабар бозаш надоданд,
Ки ҳамчун ганҷ дар хокаш ниҳоданд.
Нахуст аз даври чархи номувофиқ
Гиребон чок зад чун субҳи содиқ,
Бар он оташ, ки дар дил дошт пинҳон,
Раҳе бикшод аз чоки гиребон.
Вале з-он роҳ дар ҷонаш ба ҳар дам
Фузун гашт оташи сӯзанда, не кам.
Ба нохун раҳнаҳо дар рӯй меканд,
Барои чашмаи хур ҷӯй меканд.
Ба ҳар ҷӯе, к-аз он чашма равон кард,
Суманро ҷилвагоҳи арғавон кард.
Шуд аз нохун ба рух гулгунхатафкан
Чу ирқи[2] нохуна дар чашми равшан.
Ба сина аз тағобун санг мезад,
Тапонча бар рухи гулранг мезад.
Зи сим он ҷо ақиқи тар ҳамеруст,
В-аз ин бар лола нилуфар ҳамеруст,
Ба сӯи фарқи нозук бурд панҷа,
Зи зӯри панҷа онро сохт ранҷа,
Зи райҳон сарви бустонро сабук кард,
Ба чидан сунбулистонро тунук кард.

---

[1] Самоъ—шунидан, гӯш кардан.
[2] Ирқ—раг.

Зи дил навҳа, зи ҷон фарёд бардошт,
Фиғон аз синаи ношод бардошт,
Ки Юсуф куву тахторои ӯ,
Ба муҳтоҷон карамфармоии ӯ?
Чу азмаш кард аз ин бар борагӣ танг,
Ба мулки ҷовидонӣ дошт оҳанг,
Зи бас буд андар ин рафтан шитобаш,
Накардам пойбӯсӣ, чун рикобаш.
Аз ин кохи ғамафзо чун бурун рафт,
Набудам дар ҳузури ӯ, ки чун рафт.
Сараш бинҳода бар болин надидам,
Гуле аз сафҳаи насрин начидам.
Чу омад бар тан он захми дурушташ,
Накардам сина пуштибони пушташ.
Чу сӯи тахта бурд аз тахтгаҳ рахт,
Ҳумоюнбахт шуд з-ӯ тахта чун тахт.
Гулоб аз чашми ашкафшон наҷустам,
Ба он равшан гулоб ӯро нашустам.
Кафан чун бар тани ӯ рост карданд,
Ба такфинаш нишасту хост карданд,
Накардам риштаандӯзӣ фани хеш,
Ки то дӯзам бар ӯ лоғар тани хеш.
Чу аз ғам хорҳо дар дил шикастанд,
В-аз ин сарманзилаш маҳмил бибастанд.
Забон пур аз навои бенавоӣ,
Накардам маҳмили ӯро дароӣ[1].
Чу ҷои хоб дар хокаш кушоданд,
Чу дурри пок дар хокаш ниҳоданд.
Замин зери бару дӯшаш наруфтам,
Ба коми дил дар оғӯшаш нахуфтам.
Дареғо з-ин зиёнкорӣ, дареғо,
Дареғо з-ин ҷигархорӣ, дареғо!
Биё, эй коми ҷон, маҳрумиям бин,
Зи зулми осмон мазлумиям бин!

---

[1] Даро—занг, зангӯла.

Буридӣ аз ману ёдам накардӣ.
Ба дидоре зи худ шодам накардӣ,
Вафодоро, вафодорӣ на ин буд,
Ба ёрон шеваи ёрӣ на ин буд.
Маро аз дил бурун афканда рафтӣ,
Миёни хоку хун афканда рафтӣ.
Аҷаб хоре шикастӣ дар дили ман,
Ки берун н-ояд илло аз гили ман.
На ҷои роҳ рафтан кардай соз,
К-аз он ҷо хеҷ гаҳ ояд касе боз.
Ҳамон беҳтар, к-аз ин ҷо пар кушоям,
Ба як парвоз кардан сӯят оям.
Бигуфт ину амориддорро хост,
Ба рӯи худ амориро биёрост,
Ба як ҷунбиш аз он андӯҳхона
Ба реҳлатгоҳи Юсуф шуд равона,
Надид он ҷо нишон з-он гавҳари пок,
Ба ҷуз харпуштае аз хоки намнок,
Бар он харпушта он хуршедпоя
Ба хок андохт худро ҳамчу соя.
Зи рухсори чу зар дар зар гирифташ,
Зи ашки лаъл дар гавҳар гирифташ.
Гаҳе фаркаш ҳамебӯсиду гаҳ пой,
Фиғон мезад зи дил, к-эй вои ман, вой!
Ту зери гил чу бехи гул ниҳуфта,
Ба боло ман чу шохи гул шукуфта.
Ту зери хок манзил карда чун ганҷ,
Ба рӯи хок ман абри гуҳарсанҷ.
Фурӯ рафта ту ҳамчун об дар хок,
Ба берун монда ман чун хору хошок,
Хаёлат мавҷи хун бар хоки ман зад,
Фироқат шуъла дар хошоки ман зад.
Задӣ оташ ба хошоки вуҷудам,
Аз он печон равад бар чарх дудам.

**Дар шикоят аз фалаки пурникоят, ки аждаҳовор гирди оламиён ҳалқа карда ва ҳамаро ба доираи тасарруфи худ даровaрда, бар яке захм занад ва бар дигаре заҳр афканад, на ҳеҷ аздастрафтаро бо вай дасти ситез ва на ҳеҷ азпойафтодаро аз вай пои гурез**

Фалак бар хеш печон аждаҳоест,
Паи озори мо зӯрозмоест
Гирифторем дар печу хами ӯ,
Раҳидан чун тавонем аз дами ӯ?!
Набинӣ кас, к-аз ӯ захме нах(в)арда,
Зи сад кас бар яке раҳме накарда.
Зи зулмаш ҳеҷ кас солим наҷастаст,
Кадомин сина, к-он золим нахастаст?!
Ба ҳар ахтар, к-аз ӯ равшан чароғест,
Ниҳода бар дили озода доғест.
Ҳазорон доғ ҳасту марҳаме не,
В-аз ин бемарҳамӣ ҳеҷаш ғаме не.
Бувад пайдо дар ӯ шабҳои дайҷур[1]
Ҳазорон равзан андар олами нур.
Чӣ ҳосил з-он, чу нуре дарнаяфтад,
Ба хотирҳо суруре дарнаяфтад,
Чу шерон рӯз дур аст аз дурангӣ,
Вале шабҳо кунад бо мо палангӣ.
Ба ҷуз озор моро з-ӯ чӣ ранг аст,
Ки бо мо рӯз шеру шаб паланг аст.
Сазад, к-аз айши танги худ бинолем,
Ки бо шеру паланг андар ҷидолем,
Туро бо ҳар кӣ рӯ дар ошноист,
Қарори корат охир дар ҷудоист.

---

[1] Дайҷур—торик , шаби бисёр торик ва дилгир.

Басе гардиш намуд ин сабзторум,
Басе тобиш маҳу хуршеду анҷум,
Ки то бо ҳам табоеъ ром гаштанд,
Шикори мурғи ҷонро дом гаштанд.
Ҳанӯз ин мурғи нофаррухсаранҷом
Начида донаи коҳе аз ин дом,
Табоеъ бигсиланд аз якдигар банд,
Кунад ҳар як ба асли хеш пайванд.
Бимонад мурғ дур аз ошёна,
Диле пурхун зи факди[1] обу дона.
Бибин даври сипеҳру меҳри гармаш,
Ки ҳеҷ аз кингузорӣ нест шармаш.
Ба меҳраш дил касе чун субҳ кам баст,
Ки дар хун чун шафақ дар шом биншаст.
Зи сӯзаш кас даме беғам наяфтод,
К-аз он дар умрҳо мотам наяфтод.
Ба бустон пой неҳ вақти баҳорон,
Тамошо кун ба гирди ҷӯйборон.
Чаро кардаст ғунча пираҳан чок?
Ба хорӣ сабза чун афтода бар хок?
Чаро дурроаи гул пора-пораст,
Даҳон пуршуълаву лаб пуршарораст?
Кӣ афканда зи по сарви равонро?
Кӣ карда ғарқ дар хун арғавонро?
Чаро сунбул парешон асту дарҳам,
Чаро бар чашми наргис з-ашк шабнам?
Бунафша дар кабудӣ сӯгворест,
Ба хун оғушта лола доғдорест?
Санавбар бо диле гашта ба сад шох,
Тане аз теғи хур сӯрох-сӯрох?
Зи гул пурдоғ пушту рӯи гулбун,
Суман дар кандани рух тезнохун?
Дарахтон аз сабо дар рақси андӯҳ,
Ғами ҷонкоҳи мурғон кӯҳ бар кӯҳ.

[1] Факд-гум кардан.

Бувад ку-кузанон қумрӣ зи ҳар сӯ,
Ки яъне, дар ҷаҳон осудагӣ ку?
Ҳазорон бо ҳазорон нағмаи дард,
Ки хуш он, к-ӯ ғами ин боғ кам х(в)ард.
Мутаввақ фохта гардан ба чанбар,
Ки аз чанбар касе н-орад бурун сар.
Ҷаҳонро дидаву фасли баҳораш
Бибину аз хазон гир эътибораш.
Бибин дамсардии боди хазонро,
Бибин рухзардии барги разонро.
Дами сарди вай дарди фироқ аст,
Ки ёр аз ёру аз ҷуфт аз ҷуфт тоқ аст.
Рухи ин зард аз андӯҳи дурист,
Ки дурӣ баъди наздикӣ зарурист.
Бирафта обу ранг аз шоҳиди боғ,
Сияҳпӯш омада дар мотамаш зоғ.
Намуда ур ҳар шохе ба боғе,
Думи товусро пои калоғе.
Зи сар чодар фитода настаранро,
Зи хайма рафта пӯшиш норванро.
Анор, он тоҷи торак норбунро,
Ки мебахшад навӣ боғи куҳунро,
Дарунашро чу вақти ханда бинӣ,
Ба сад паркола хун оганда бинӣ.
Ба он хубони бустонро шамома,
Зи раънои муасфар[1] карда ҷома.
Нишаста бар рухи зардаш ғуборест.
Ҳамоно монда дур аз рӯи ёрест.
Зи рӯсахтии ях дар об мунҳал[2],
Шуда бод аз зиреҳсозӣ муаттал.
Чанор ар даст бурда бардавидӣ,
Ба боғ овозаи сармо шунидӣ,

---

[1] Муасфар--зардранг
[2] Мунҳал—мутаваккиф.

Накардӣ дасти худро то ба акнун
Зи бим аз остини шох берун.
Баҳор он аст оламро, хазон ин,
Аз ин ҳаст он ғамафзотар в-аз он ин.
Дар ин ғамхона чун бе ғам зияд кас,
Дили пажмурда чун хуррам зияд кас?
Ба гетӣ-дар нишони хуррамӣ нест,
В-агар бошад, насиби одамӣ нест.
Набошад сар пур аз нози ҳабибӣ,
Насиби одамӣ ҷуз бенасибӣ.
Дил аз андешаи шодӣ тиҳӣ кун,
Димоғ аз фикри озодӣ тиҳӣ кун.
Ба доғи номуродӣ шод мебош,
Ба ғулли бандагӣ озод мебош.
Зи ҳар чизе, ки афтад дилписандат,
Кунад хотир ба меҳри хеш бандат.
Ба сад ҳасрат буридан хоҳӣ, охир,
Ғами ҳаҷраш кашидан хоҳӣ охир.
Кушо дастею аз по банд бигсил,
В-аз ин беҳосилон пайванд бигсил.
В-агар ту нагсилӣ он кас, ки бастаст,
Паи бигсастанаш бикшодадаст аст.
Ту хуфта ғофилу ӯ истода,
Якояк меситонад, он чи дода.
Даровард аз дуруштӣ по ба сангат,
Ба майдони равой сохт лангат.
Асо гирӣ ба каф гоҳи равой,
Ки лангеро ба раҳворӣ намой.
Чу сарсар тоза шохеро зи бун канд,
Ба чӯби хушк натвон кард пайванд.
Ба зурат панҷаи тоқат забун кард,
Зи дастат нақди гирой бурун кард.
Барӣ дасте суи ҳар кор пайваст,
Вале корест, барменояд аз даст.

Чу рафт аз даст берун зӯри панҷа,
Макун худро ба зӯри панҷа ранҷа.
Зи чашмат бурд нақди рӯшноӣ,
Ту аз бебинишӣ сурма чӣ соӣ?
Чу дар биниш туро ин аст сират,
Макаш сурма, магар ҷазми басират.
Яке чашмон-т дар кӯрию тангӣ,
Чӣ созӣ чор аз чашми фарангӣ?
Зи симин син, ки миматро ҷале буд,
Чу лаб иқди шумораш лому бе буд.
Дар он иқдат чунон қасре фитода,
Ки қасро нест з-он қасре зиёда,
Зи нодонӣ гаҳи нутқу ҳамӯшӣ
Кунӣ онро зи лабҳо пардапӯшӣ.
Бад-ин оин зи бас сахтию сустӣ
Фитода сад шикастат дар дурустӣ.
Ту бинӣ ҳар шикастеро зи ҷое,
Ба ҳар ҷо пеш гирӣ моҷарое.
Ба харҷ аз тан шавад кам ё зи ҷонат,
Ба асбоби ҷаҳон афтад гумонат.
Зи табъат ҳаргиз ин маънӣ надодаст,
Ки он кас мебарад онро, ки додаст.
Ҷаҳонро кардаӣ бар хештан танг,
Надорӣ дар ҷаҳони дигар оҳанг.
Наӣ воқиф, ки дигар оламе ҳаст,
К-аз он ҷо хост, гар бешу каме ҳаст.
Аз он тарсам, ки чун марг оядат пеш,
Наёрӣ кандан аз олам дили хеш.
Дилу ҷоне пур аз сад гуна васвос,
Равӣ берун зи олам нокасулрос,
Шавад чархат зи ҷоми марг соқӣ,
Ҳанӯзат майли ин вайрона боқӣ.
Шунидастам, ки Ҷолинус к-аз дил
Назад нуреш сар дар олами гил,

Чунин гуфтаст, чун ҷонаш расида
Ба лаб, к-эй кошкӣ пеши ду дида
Зи фарҷи астарам як фурҷа будӣ,
Ки олам з-он пас аз маргам намудӣ.
Кушоди дил набудаш чун муяссар,
Фараҷро фурҷа ҷуст аз фарҷи астар.
Раҳе бикшо дар ин кохи дилафрӯз,
Ки нузҳатгоҳи фардо бинӣ имрӯз.
Наёяд дар дилат ҳаргиз, ки гоҳе
Кунӣ дар ҳоли ин олам нигоҳе.
Адими хок кафше пофишор аст,
Дар ӯ сад кӯҳи сахтӣ регвор аст.
Беҳ он, к-ин кафшро аз по фишонӣ,
В-агар не, хаста по дар раҳ бимонӣ.
Барафкан пардаи афлок аз пеш,
Мабош аз пардагӣ маҳрум аз ин беш.
Бурун аз парда номаҳдуд нурест,
К-аз он ҳар ламъа хуршеди сурурест.
Дар он ламъа зи ҳар уммед гум шав,
Ба сони зарраи хуршед гум шав.
Чу гум гаштӣ, дар ӯ ёбӣ раҳоӣ,
Зи дарди фуркату доғи ҷудоӣ.

**Дар панд додан ва банд ниҳодани фарзанди арҷманд, ки дасти идрок дар фитроки иктисоби камолот устувор дорад ва пои майл дар зайли иҷтиноб аз ҷаҳолат баркарор...**

Таваллокуллаҳ, эй фарзона фарзанд,
Нигаҳдори ту бод аз бад Худованд.
Зи ҳар пандат диҳад он баҳраманди,
Ки вакти ҳоҷат онро кор бандӣ.
Маро ҳафтод шуд солу туро ҳафт,
Туро меояд иқболу маро рафт.

Парешонам зи умри рафтаи хеш,
Малул аз солу моҳу ҳафтаи хеш.
Зи ман киште, ки кор ояд, наёмад,
Гуле, к-афзун зи хор ояд, наёмад.
Чӣ суд акнун, ки кор аз даст рафтаст,
Зимоми ихтиёр аз даст рафтаст.
Ту ҷаҳде кун, ки дар каф моя дорӣ,
Ба фарқ аз чатри давлат соя дорӣ.
Бикун коре, ки суде дорад, охир,
Ба сар борони ҷуде борад, охир,
Нахуст аз касби дониш баҳравар шав,
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав!
Бувад маълуми ҳар озоду банда,
Ки нодон мурдаву доност зинда.
Касе, к-ӯ даъвии фарзонагӣ кард,
Куҷо бо мурдагон ҳамхонагӣ кард?
Валекин по ба дониш неҳ дар ин роҳ,
Ки илм омад фаровон, умр кӯтоҳ.
Наёбад ҳеҷ кас умри дубора,
Ба илме рав, к-аз онат нест чора,
Чу касби илм кардӣ, дар амал кӯш,
Ки илми беамал заҳрест бенӯш.
Чӣ ҳосил з-он, ки донӣ кимиёро,
Миси худро накарда зарри соро.
Зи тавфиқи амал кун хилъати хос,
Расад, онро мутарраз кун ба ихлос.
Амал, к-аз маънии ихлос орист,
Ба завқи пухтакорон хомкорист.
Зи кори хом кас суде надорад,
Чу ҳалво хом бошад, иллат орад.
Чу ихлос оварӣ, мебош огоҳ,
Ки бошад сад хатар з-ихлос дар роҳ.
Ба хушпӯшию хушхорӣ макун хӯй,
Битоб аз роҳати пушту шикам рӯй,

Ғараз аз ҷома дафъи сарду бард аст,
Надорад майли зинат ҳар кӣ мард аст.
Гар афтад бар хашинпӯшӣ карорат,
Бувад з-офот чун кунфуз[1] ҳисорат.
Чу рӯбаҳ гар шавӣ аз нарм шодон
Кашандат пӯст аз сар сагниҳодон.
Ба ширинӣ макун ҳамчун магас ҷаҳд,
Ки охир банд бар поят ниҳад шаҳд.
Ба талхӣ шод зӣ з-ин баҳри хунхор,
Ки то ганҷи гуҳар гардӣ садафвор.
Зи хони ҳар касе к-олой ангушт,
Дар озори вай ангуштон макун мушт.
Намакро чун кунӣ дар хурди худ сарф,
Намакдонро манеҳ ангушт бар ҳарф.
Ба эҳсон бар аҳиббо даст бикшой,
Манеҳ дар тангнои мудхилӣ пой.
Мадеҳшон карзу мастон ним ҳубба,
Фаинналкарза микрозил муҳабба.
Ба бахшиш бош аз эшон борбардор,
Масоз аз вомдоришон гаронбор.
Чунон зан лек дар бахшишгарӣ гом,
Ки бар гардан наёяд борат аз вом.
Барои дӯстон ҷонро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун,
Ки бошад дӯст он ёри худой,
Дилаш равшан ба нури ошноӣ.
Кашад бори ту, чун бошӣ гаронбор,
Кунад кори ту, чун гардӣ зиёнкор.
Ба нохуш корҳо гирад хушат даст,
Кунад з-оби насиҳат оташат паст.
Зи олоиш чу гардад дастгират,
Барорад пок чун мӯй аз хамират.
Ба кори нек гардад ёвари ту,
Ба кӯи некномӣ раҳбари ту.

---

[1] Кунфуз—хорпушт.

Чунин ёре чу ёбӣ, хоки ӯ шав,
Асири ҳалқаи фитроки ӯ шав.
В-агар не, рӯй дар девори худ бош,
Бибур з-ағёру ёри ғори худ бош.
Зи ғамҳои замона шод биншин,
Зи андӯҳи ҷаҳон озод биншин.
Фаровон шуғлҳоро андаке кун,
Зи олам рӯи шуғл андар яке кун.
Агар бошад шаби торик, агар рӯз,
Ба ҳар вақте ки бошад, дил дар ӯ дӯз.
В-агар н-ояд туро ин давлат аз даст,
Нашояд ори бекорӣ ба худ баст.
Бикун з-ин корхона дар кутуб рӯй,
Хаёли хешро деҳ бо кутуб хӯй.
Зи доноён бувад ин нукта машҳур,
Ки дониш дар кутуб, доност дар гӯр.
Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.
Бувад бе музду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳар дам кушоде.
Надиме, мағздоре, пӯстпӯше,
Ба сирри кор гӯёе, ҳамӯше.
Дарунаш ҳамчу ғунча аз варақ пур,
Ба қимат ҳар варақ з-он як табақ дур.
Аморӣ карда аз рангин адим[1] аст,
Дусад гулпираҳан дар вай муқим аст.
Ҳама мушкинъизорон тӯй бар тӯй,
Зи бас риққат[2] ниҳода рӯй бар рӯй.
Зи якрангӣ ҳама ҳамрӯю ҳампушт,
Гар эшонро занад кас бар лаб ангушт.
Ба тақрири латоиф лаб кушоянд,
Ҳазорон гавҳари маънӣ намоянд.

---

[1] Адим—чарм.
[2] Риққат –нозукӣ, нармӣ, меҳрубонӣ.

Гаҳе асрори Қуръон боз гӯянд,
Гаҳ аз қавли паямбар роз гӯянд.
Гаҳе бошанд чун софидарунон,
Ба анвори ҳақоиқ раҳнамунон.
Гаҳе оранд дар таййи иборот
Ба ҳикматҳои юнонӣ ишорот.
Гаҳат аз рафтагон таърих хонанд,
Гаҳ аз оянда ахборат расонанд.
Гаҳе резанд аз дарёи ашъор
Ба ҷайби ақл гавҳарҳои асрор.
Ба ҳар як з-ин мақосид чун ниҳӣ гӯш,
Макун аз максади аслӣ фаромӯш.
Гарат набвад ба куллӣ сӯи он рӯй,
Макун холӣ аз он боре такопӯй.
Ба рози дил чу бикшоӣ лаби хеш,
Нахуст аз хайру шарри он бияндеш.
Чу ояд аз қафас мурғе ба парвоз,
Дигар мушкил бувад оварданаш боз.
Даруне тира аз майли захориф,
Забон макшой дар шарҳи маориф.
Маориф гар чу мӯ борик бошад,
Чӣ ҳосил з-он, чу дил торик бошад.
Макун бо сӯфиёни хом ёрӣ,
Ки бошад кори хомон хомкорӣ.
Тариқи пухтакориро надонанд,
Ба хомӣ мева аз боғат фишонанд.
Зи асли хеш он мева бурида,
Бимонад то қиёмат норасида.
Манеҳ дасти тиҳӣ аз симу аз зар,
Ба ҷуз дар дасти пири пирпарвар.
Чу дар дасташ ниҳӣ дасти иродат,
Ба даст ояд туро ганҷи саодат,
Чу Исо то тавонӣ хуфт бе ҷуфт,
Малеҳ нақди таҷаррудро зи каф муфт.

Зи дида хоби роҳат дур кардан,
Беҳ аз ҳамхобагӣ бо ҳур кардан.
Ба гулхан пушт бар хокистари гарм,
Беҳ аз паҳлӯи зан бар бистари нарм.
Агар тарсӣ, ки ногаҳ нафси худком
Ба майдони хатокорӣ ниҳад гом,
Зи зан кардан бинеҳ бандеш бар пой,
Ки натвонад дигар ҷунбидан аз ҷой.
Бад-ин нийят дари ҳар зан, ки кӯбӣ,
Салоҳи нафс ҷӯй аввал, на хубӣ.
Зане, к-аш сурхрӯӣ аз ифоф аст,
Ҳамин гулгунаи рӯяш кифоф аст.
Дар он ҳулла ҷамоли ҳур дорад,
Ки аз номаҳрамаш мастур дорад.
Бувад қурби салотин оташи тез,
Аз он оташ ба сони дуд бигрез.
Чу оташ барфурӯзад машъали нур,
Аз он мегир баҳра, лекин аз дур.
Аз он тарсам, ки чун наздик ронӣ,
Зи нури зиндагӣ торик монӣ.
Манеҳ по мансаберо дар миёна,
Ки азлу насбро гардӣ нишона.
Зи осудан дар он маснад бипарҳез,
Ки гирад дигаре дастат, ки «бархез!»
Зи мансаб рӯй дар бемансабӣ неҳ.
Ки аз ҳар мансабе бемансабӣ беҳ,
Зи нахват пок кун андешаи хеш,
Тавозуъ кун ба ҳар кас пешаи хеш.
Чу хӯша хешро аз саркашӣ пос,
Надорад, сар ниҳад аз зарбати дос.
Чу худро дона бар хок афканад хор,
Зи хокаш мурғ бардорад ба минқор.
Талаб мекун ба садри арҷмандӣ,
Зи таъзими фурудон сарбаландӣ.

Ададро бин, ки чун аз бахти фирӯз
Шуд аз тақдими сифр афзуниандӯз.
Макун ваъда в-агар кардӣ, вафо кун,
Тариқи бевафоиро раҳо кун...
Чу нодонон на дар банди падар бош,
Падар бигзору фарзанди ҳунар бош.
Чу дуд аз равшанӣ набвад нишонманд,
Чӣ ҳосил з-он, ки оташрост фарзанд.
Макун ёдаш ба ҷуз дар хилвати хос,
Ки созӣ шодаш аз такбиру ихлос.
Чу панде бишнавӣ аз пандфармой,
Чу доно бояд аш дар ҷон кунӣ ҷой.
На чун нодон зи як гӯшаш дарорӣ,
Ба дигар гӯш берунаш барорӣ.
Нарӯяд бедирангӣ дона дар хок,
Наёбад қатра қадри гавҳари пок.
Набошад ин масал пӯшида бар кас,
Ки гар дар хона кас, ҳарфе бувад бас.
Чу дарёи қадар ҷунбиш намояд,
Зи бонги ғуки бесомон чӣ ояд.
Ҳамон беҳ, к-андар ин дайри маҷозӣ,
Кунад фазли Худоят корсозӣ.

**Дар мухотобаи нафс ва тараққӣ додани вай аз ҳазизи хештандорӣ ва худписандӣ ба зурваи дасткӯтоҳӣ ва ҳимматбаландӣ**

Ба кори пухтагон рӯ ор, Ҷомӣ,
Макун з-ин бештар дар кор хомӣ.
Чӣ бошад пухтагӣ? Озод будан,
Ба хоки нестӣ афтода будан,
Набинӣ зери ин зангоргун кох,
Ки аз хомист мева бар сари шох.

Бияфтад, чун кунад дар пухтагӣ рӯй,
Нахурда санги тифлони ҷафоҷӯй.
Зи хони пухтакорон тӯшае гир,
Зи сангандози хомон гӯшае гир.
Тамаъро аз қаноат бех баркан,
Талабро аз таваккул шох бишкан.
Ба шаҳристони ҳиммат соз хона,
Ба узлатгоҳи инҳо ошёна.
Забон макшой дар мадҳи забунон,
Макаш аз баҳри як нон нанги дунон.
Сарони мулкро зан пушти пое,
Қавидастони гетиро қафое.
Назар кун дар фусули чоргона,
Ки мегардад бар он даври замона.
Бибин яксон баҳори пору имсол,
Хазони ҳардуро бингар ба як ҳол.
Миёни ҳар ду тобистону дай низ,
Бар-ин минвол мумкин нест тамйиз.
Намедонам, дар ин шакли мудаввар
Чаро шодӣ бад-ин вазъи муқаррар?!
Муқаррар гарчи сеҳромез бошад,
Табиатро малолангез бошад.
Зиён бигзору фикри суди худ кун,
Зи ҳастӣ рӯй дар нобуди худ кун.
Дарун аз шуғли машғулон бипардоз,
Дил аз машғулии ғулон бипардоз.
Фусуни ишқ дар даврон маёмӯз,
Чароғ аз баҳри шабкӯрон маяфрӯз.
Ҳамедор аз ғазоф анфосро пос,
Ки шарти раҳрав омад поси анфос.
Нафас, к-аз рӯи огоҳӣ наёяд,
Мазиди умрогоҳон нашояд.
Чароғи зиндагониро бувад пуф,
Димоғи аҳлро дуди таассуф.

Ҷавонӣ тирагӣ бурд аз диёрат,
Мунаввар шуд ба пирӣ рӯзгорат.
Сар омад зулмати кӯрию дурӣ,
Баромад наййири аттайб нурӣ
Аз он зулмат надидӣ ҳеҷ коме,
Бизан дар партави ин нур гоме.
Бувад з-ин гом роҳ орӣ ба ҷое,
К-аз он ҷо бишнавӣ бӯи вафое.
Чӣ ранг охир туро аз мӯсафедӣ,
Чу надҳад мӯсафедӣ рӯсафедӣ.
Ба дил гар ҳаст аз он ранги ҳиҷобӣ,
Макун ҳамчун сияҳкорон хизобӣ.
Зи пирӣ бар сарат барфи шигарф аст,
В-аз он ғам гиряи ту оби барф аст.
Даро гирён ба роҳи узрхоҳӣ
Ба оби барф шӯ аз дил сиёҳӣ.
Сиёҳӣ гар надонӣ шустан аз дил,
Надонам, з-ин сияҳкорӣ чӣ ҳосил?!
Қалам бифкан, ки дастат раъшадор аст,
Варақ бардор, фикрат ҳарзакор аст.
Чароғи фикрро тобе намондаст,
Риёзи шеърро обе намондаст,
Набинам аз чунин фархунда боғе
Туро дар даст ҷуз пои калоғе.
Бад-ин по роҳи товусон чӣ пӯйӣ,
Халос аз ҳабси маҳбусон чӣ ҷӯйӣ?
Халосӣ растан аст аз ваҳми пиндор,
На таҳрири сутуру назми ашъор.
Низомӣ куву назми дилкушояш,
Такаллуфҳои табъи нуктазояш?
Даруни парда акнун ҷой карда
В-аз ӯ монда ҳама беруни парда.
Наёбад баҳра, то дар парда бошад,
Ҷуз аз сирре, ки бо худ бурда бошад...

Диле карда аз ин байғулаи танг
Суи фусҳатсарои қудс оҳанг.
Аз ин доми гирифторон рамида,
Ба зери домани арш орамида.
Дарун аз нақши касрат пок шуста,
Зи касрат сирри ваҳдат бозҷуста.
Ба паҳлӯи худ ин дилро наёбӣ,
Чӣ бошад, гар зи худ паҳлӯ битобӣ.
Ниҳӣ паҳлӯ ба марди кордоне,
Миёни кордонон паҳлавоне.
Чӣ хуш гуфт он дили ӯ ганҷи ирфон,
Ки бошад рӯзадорӣ сарфаи нон.
Ҳамеояд намоз аз ҳар зани пир,
Ки бошад шеваи ӯ аҷзу тақсир.
Диле, гар марди ин роҳӣ, ба даст ор,
Ки пеши кордонон ин бувад кор.
Чунон дилро, ки шарҳаш бо ту гуфтам,
Ба васфаш гавҳари асрор суфтам,
Биҷӯй аз паҳлуи пири мукаммил,
Ки ин бошад ба даст овардани дил.

## Дар хатми китоб

Биҳамдиллаҳ, ки бар рағми замона
Ба поён омад ин дилкаш фасона.
Дилам, к-аз назмсанҷӣ дар ано буд.
Зи фикри қофия дар тангно буд.
Бияфканд аз кафи фикрат тарозу,
Нишаст аз назмсанҷӣ сустбозу.
Зи девори фароғат ёфт пуштӣ,
Ба роҳи нармӣ афтод аз дуруштӣ.
Сарам бардошт аз зону гаронӣ,
Сабук шуд хотир аз бори ниҳонӣ.

Қалам, он фориси маркабаномил,
Ки кардӣ аз Ҳабаш дар Рум манзил,
Ба Рум аз мақдамаш мондӣ асарҳо,
Ба ҳозир додӣ аз ғоиб хабарҳо.
Паи роҳат зи маркаб шуд пиёда,
Дароз афтод ӯ бе маҳду сода.
На аз дасти қаламзан торакаш паст,
На казликро бар ӯ дар сарзаниш даст.
Давот аз таблаи мушки хитоӣ,
Ба имдоди қалам дар мушксоӣ.
Даҳони табларо з-ӯ муҳре аз мум,
Ки беҳ бошад даҳони табла махтум[1].
Варақҳо аз парешонӣ раҳиданд,
Ба доман пои ҷамъийят кашиданд,
Ба сони гул дусад барг асту як пӯст,
Ки то кай баркашад э-шон фалак пӯст.
Чу гул ҳар дам ривоҷе тозашон бод,
Зи пайванди бақо шерозашон бод.
Китобе бин ба килки сидқ марқум
Ба номи ошиқу маъшуқ мавсум.
Зи номаш тутиосоям шакарҳо,
Чу бурдам номи Юсуф бо Зулайхо.
Баномэзад чу хуррам навбаҳорест,
К-аз ӯ боғи Ирамро хор-хорест.
Бувад ҳар достон з-ӯ бӯстоне,
Ба ҳар бустон зи гулрӯён нишоне.
Ҳазорон тозагул дар вай шукуфта,
Дусад наргис ба хоби ноз хуфта.
Чаманҳои маонӣ шох дар шох,
Ибороташ навосанҷони густох.
Хати мушкини ӯ бар лавҳи кофур
Чу дар пои дарахтон сояву нур.
Ҳар он ҳарфе, ки дар вай чашмдор аст,
Зи маънӣ мавҷзан як чашмасор аст.

---

[1] Махтум—муҳркардашуда.

Диле карда аз ин байғулаи танг
Суи фусҳатсарои қудс оҳанг.
Аз ин доми гирифторон рамида,
Ба зери домани арш орамида.
Дарун аз нақши касрат пок шуста,
Зи касрат сирри ваҳдат бозҷуста.
Ба паҳлӯи худ ин дилро наёбӣ,
Чӣ бошад, гар зи худ паҳлӯ битобӣ.
Ниҳӣ паҳлӯ ба марди кордоне,
Миёни кордонон паҳлавоне.
Чӣ хуш гуфт он дили ӯ ганҷи ирфон,
Ки бошад рӯзадорӣ сарфаи нон.
Ҳамеояд намоз аз ҳар зани пир,
Ки бошад шеваи ӯ аҷзу тақсир.
Диле, гар марди ин роҳӣ, ба даст ор,
Ки пеши кордонон ин бувад кор.
Чунон дилро, ки шарҳаш бо ту гуфтам,
Ба васфаш гавҳари асрор суфтам,
Биҷӯй аз паҳлуи пири мукаммил,
Ки ин бошад ба даст овардани дил.

**Дар хатми китоб**

Биҳамдиллаҳ, ки бар рағми замона
Ба поён омад ин дилкаш фасона.
Дилам, к-аз назмсанҷӣ дар ано буд.
Зи фикри қофия дар тангно буд.
Бияфканд аз кафи фикрат тарозу,
Нишаст аз назмсанҷӣ сустбозу.
Зи devори фароғат ёфт пуштӣ,
Ба роҳи нармӣ афтод аз дурӯштӣ.
Сарам бардошт аз зону гаронӣ,
Сабук шуд хотир аз бори ниҳонӣ.

Қалам, он фориси маркабаномил,
Ки кардӣ аз Ҳабаш дар Рум манзил,
Ба Рум аз мақдамаш мондӣ асарҳо,
Ба ҳозир додӣ аз ғоиб хабарҳо.
Паи роҳат зи маркаб шуд пиёда,
Дароз афтод ӯ бе маҳду сода.
На аз дасти қаламзан торакаш паст,
На казликро бар ӯ дар сарзаниш даст.
Давот аз таблаи мушки хитоӣ,
Ба имдоди қалам дар мушксоӣ.
Даҳони табларо з-ӯ муҳре аз мум,
Ки беҳ бошад даҳони табла махтум[1].
Варақҳо аз парешонӣ раҳиданд,
Ба доман пои ҷамъийят кашиданд,
Ба сони гул дусад барг асту як пӯст,
Ки то кай баркашад э-шон фалак пӯст.
Чу гул ҳар дам ривоче тозашон бод,
Зи пайванди бақо шерозашон бод.
Китобе бин ба килки сидқ марқум
Ба номи ошиқу маъшуқ мавсум.
Зи номаш тутиосоям шакарҳо,
Чу бурдам номи Юсуф бо Зулайхо.
Баномэзад чу хуррам навбаҳорест,
К-аз ӯ боғи Ирамро хор-хорест.
Бувад ҳар достон з-ӯ бӯстоне,
Ба ҳар бустон зи гулрӯён нишоне.
Ҳазорон тозагул дар вай шукуфта,
Дусад наргис ба хоби ноз хуфта.
Чаманҳои маонӣ шох дар шох,
Ибороташ навосанҷони густох.
Хати мушкини ӯ бар лавҳи кофур
Чу дар пои дарахтон сояву нур.
Ҳар он ҳарфе, ки дар вай чашмдор аст,
Зи маънӣ мавҷзан як чашмасор аст.

---

[1] Махтум—муҳркардашуда.

Ба ҳар сӯ ҷадвал аз ҳар чашмасоре,
Пур аз оби латофат ҷӯйборе.
Хуш он раҳрав, ки бахти созгораш
Нишонад бар лаби он ҷӯйбораш.
Назар дар обаш, аз дил ғам бишӯяд,
Ғубор аз хотири дарҳам бишӯяд.
Зи ҷонаш сар занад сирри вафое,
Зи ҷайб орад бурун дасти дуое.
Зи мавҷи баҳри алтофи илоҳӣ
Кунад ин ташналабро қатраҳоҳӣ.
Чу орад тозагулҳоро дар оғӯш,
Нагардад боғбон бар вай фаромӯш.
Қаламнассоҷии ин ҷинси фохир
Расонид охири соле ба охир,
Ки бошад баъд аз он соли муҷаддад
Нуҳум сол аз нуҳум ашр аз нуҳум сад.
Гирифтам байт-байташро шумора,
Ҳазор омад, валекин чорбора.
Худовандо, ба мардони раҳи ишқ
Ниҳода бор дар манзилгаҳи ишқ,
Ки бод ин навварӯсӣ ҳаҷлаи ғайб,
Тиҳӣ домону ҷайб аз васлаи айб.
Муборак бар шаҳу аркони давлат,
Ғазанфарҳайбатони шерсавлат,
Ба тахсис он ҷавонмарде, ки аз дер
Насаб чун ном бошад шер бар шер.
Зи бас дар бешаи шерӣ далер аст,
Зи мардони ҷаҳон номаш'ду шер аст.
Яке дар аз дизи даврон кананда,
Яке сарпанҷа бо гӯрон зананда,
Ба расми таъмия з-он бурдамаш ном,
Ки монад дур аз он андешаи ом.
В-агар не, кай тавон з-он фаҳми даррок
Ба сад ҳуққа ниҳуфт ин гавҳари пок?!

Кунад дар шеър табъаш мӯшикофӣ,
В-аз он мӯ нӯки килкаш шаърбофӣ.
Ниҳад аз шеъри ширин коми дилҳо,
Дили ушшоқ аз он як монда дар банд,
Лаби хубон аз ин як дар шакарханд,
Ба зикраш хатм шуд ин равшан анфос.
Ба сони нури мунзал[1] хатми барнос,
Бале, дар боргоҳи одамийят
Ҷуз ӯ кам ёфт роҳи маҳрамийят.
Ҳамеша то атои даври олам
Кунад табъи лаъимон шоду хуррам,
Чунон дил бо Худои оламаш бод,
Ки н-ояд аз атои оламаш ёд.
Суханро аз дуо додӣ тамомӣ,
Ба омурзиш забон бикшой, Ҷомӣ.
Сияҳкорӣ макун чун хомаи хеш,
Бишӯй аз чашми пурхун номаи хеш.
Аз ин саҳро чаводи хома пай кун,
В-аз ин савдо саводи нома тай кун.
Забонро гӯшмоли хомушӣ деҳ,
Ки хаст аз ҳар чӣ гӯӣ, хомушӣ беҳ.

[1] Мунзал—фуруд омада, фурудшуда.

# АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

# ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО

*(достон)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 22.09.2014 супорида шуд.
Чопаш 24.09.2014 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 16,5. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар матбааи ҶДММ «Ҳотамиён» ба табъ расидааст.

عبدالرحمن جامی

# یوسف و زلیخا

000040735
Китобхонаи миллии Тоҷикистон